ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 809.155.0+802.0

ТКБ: 81.2 Тоҷ.+81.2 Анг. Д-14

ДАВЛАТОВ МУСЛИМ САЙБУРҲОНОВИЧ

ТАҲЛИЛИ ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дисертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Роҳбари илмӣ: номзади илми филология, дотсент Мусоямов З. М.

Мушовири илмӣ: доктори илми филология, профессор Муҳаммадҷонзода О.О.

Душанбе – 2024

МУНДАРИҶА

Рӯйхати ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ.....3
МУҚАДДИМА.....4
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....7
БОБИ I. АСОСНОККУНИИ НАЗАРИЯВИИ ХУСУСИЯТҲОИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ.....13
1.1. Маъноҳои луғавӣ ва истилоҳии “пунктуатсия”.....14
1.2. Таърихи ташаккул ва рушди хат ва аломатҳои китобат.....19
1.3. Аҳаммияти аломатҳои китобат дар ифодаи мақсад.....30
1.4. Ташаккули назарияи аломатҳои китобат ва тамоюлоти асосии он дар забоншиносии муосир……33
Хулосаи боби аввал.....41
БОБИ II. ВАЗИФАҲОИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ.....43
2.1. Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ.....43
2.2. Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони англисӣ.....50
2.3. Аломатҳои китобати маъмул дар матн.....65
Хулосаи боби дуюм.....79
БОБИ III. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА УМУМИЯТУ ТАФОВУТҲОИ КОРБУРДИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ.....81
3.1. Таҳлили корбурдӣ-функсионалии аломатҳои китобат дар забони англисии муосир.....81
3.2. Умумият ва тафовутҳои корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда.....101
Хулосаи боби сеюм.....148
ХУЛОСА.....150
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО.....
АДАБИЁТ.....154
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.....167
Замима.....171

Рӯйхати ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

BBC / B.B.C. – British Broadcasting Corporation

Dr. – Doctor

etc. – etcetera

Mr. – Mister

p. – page

USA / US / U.S.A – United States of America

ҚИАКЗТ - Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ

ПБ – “Пирамард ва баҳр”

ФАТ - Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Забони тоҷикӣ дорои таркиби луғавӣ, сохти грамматикӣ ва низоми муайяни аломатҳои китобат мебошад, ки аз дигар забонҳо фарқ мекунад. Аломатҳои китобат барои ҷудо кардани калима, ибора ва ҷумлаҳо, дарки дурусту ҳадафноки матн хизмат мерасонанд. Афкоре, ки мо ба воситаи хат баён мекунем, дорои хусусиятҳои муайяни синтаксисӣ буда, ба қоидаҳои махсуси грамматикӣ ифода мегарданд. Аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ барои муайян ва возеҳу равшан гардонидани маъно ва тарзҳои ифодаи нутқ истифода шуда, нозукиҳои фикрро нигоҳ медоранд, ҷиҳатҳои мундаричавӣ ва тарзҳои баёнро муайян мекунанд, алоқаи грамматикии сохту таркиби матнҳоро таъмин менамоянд.

Забони англисӣ низ низоми ба худ хоси аломатҳои китобатро дорост, ки вобаста ба талаботи забони навиштории англисӣ ташаккул ёфта, бо мурури замон инкишоф ёфтааст.

Аҳаммияти таҳқиқи аломатҳои китобат дар он аст, ки моҳияти мантиқиву синтаксисии калима, таркиб, ибора ва ифодаҳои мухталифро ба қадри зарурӣ таъмин намуда, бо дигар унсурҳои нутқ ҳангоми нутқи таҳрирӣ барои ифодаи фикру ҳиссиёт ва дарки мазмуни нутқи хаттии хонандагон хизмат мекунанд. Маъноҳои мухталифе, ки дар навишт сабт мешаванд, танҳо тавассути аломатҳои китобат пурра фаҳмида намешаванд, зеро аломатҳои китобат дар қатори калимаҳо барои фаҳмидани маънои ҷумла, ҷудо намудани ҳудуд, сохти ҷумла, паси ҳам ифода ёфтани фикр, мустаҳкамии маъно ва давомнокии фикр хидмат мекунад. Маъноҳои зиёди хабарӣ, пурсиш, хоҳиш, амру фармон, киноя, маҷоз ва монанди инҳо, ки дар забони гуфтугӯйӣ (нутқи шифоҳӣ) дида мешаванд, сабаби дар хатту китобат ба вуҷуд омадани аломатҳои гуногуни китобат гардидаанд. Ин аломатҳо хоси забони китобат (дар навишт, сабт, хат) буда, таъйинот ва вазифаи бағоят муҳиммеро ба уҳда доранд. Дар баробари ин, вақте нутқ ва гуфтори шахсеро мешунавем, аз рӯйи оҳанги талаффуз ҳис мекунем, ки дар он баён чӣ маъное

нуҳуфтааст: пурсиш, амр, хабар, хоҳиш ва ғайра марбут ба ҳамин маъно дар навишт аломати зарурӣ талаб мекунанд. Дар нутқи шифоҳӣ ист, оҳанг ва интонатсияро тобишҳои маъноӣ гуфтан мумкин аст, аммо ҳама тобишҳои маъноиро дар нутқи шифоҳӣ аломатҳои китобат нишон дода наметавонанд.

Аломатҳое, ки дар нутқи хаттӣ байни калимаҳо ё гурӯҳи калимаҳо гузошта мешаванд, маҷмуи қоидаҳоро оид ба истеъмоли аломатҳо дар ист, интонатсия ва пунктуатсия фароҳам меоварад.

Табиист, ки барои дарки дурусти мақсади гӯянда хат нақши асосӣ мебозад. Дар хат дуруст ва ба мавқеи худ гузаштани аломатҳо муҳим мебошад, то аз рӯйи он хонанда дарк кунад, ки нависанда дар кадом ҳолат ва мақсад қарор дорад. Шахс ҳангоми хониш бояд ба аломатҳо диққати ҷиддӣ дода, онҳоро риоя кунад, то ин ки мақсади нависанда муайян гардад. Аломатҳои китобат, аз як тараф, дар асоси интонатсия ба вуҷуд биёянд, аз тарафи дигар, дар асоси воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ба воситаи сохти муайяни ҷумлаҳо, яъне мазмунҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд меоянд. Онҳо дар ҳамоҳангӣ ба дигар паҳлуҳои забон (мазмун, услуб, имло…) нутқи таҳрирӣ ва шифоҳиро сайқал медиҳанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши аломатҳои китобат мақсаднок буда, дониши хонандагонро аз ҳар ҷиҳат мукаммал мегардонад. Муайян ва мушаххас намудани ин масъала дар заминаи таҳқиқи ҷудогонаи илмӣ мушкилоти мазкурро осон намуда, таъкид бар аҳаммияти мавзуъ дорад. Ҳамчунин, омӯзиши ва таҳқиқи мавзуъ барои муайян намудани ҷустуҷӯҳои эҷодиву малакаҳои забондонӣ ва саводнокии ҷомеа мусоидат мекунад, ки низ бар аҳаммият ва арзишмандии мавзуи таҳқиқот далел аст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Мавзуи мазкур ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Вале дар баъзе китобу дастурҳои методӣ, рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳо то андозае баррасӣ ва матраҳ шудааст. Дар оғози тамаддуни башар ва ба вуҷуд омадани забонҳо аломатҳои китобат

низому мавқеъ ва мақому мавриди корбасти муайяне надошта, шаклу намуд ва тарзи истифодаи мухталиферо доро буданд.

Бо фароҳам омадани робитаҳои хаттӣ ва паҳн гардидани мукотибот вазифаю мақоми аломатҳои китобат афзуда, барои беҳтару дақиқтар фаҳмидани мазмуну мақсади матн мусоидат менамуд ва аломатҳои китобат яке аз асоситарин воситаҳои алоқаву муносибати хаттии одамон ва омили асосии ба низом даровардани нутқи хаттӣ гардид. Ҳар як аломати китобат таърихи муайяне дорад ва бо зиёд шудани интишорот, рушд тавсеаи санъату жанрҳои бадеӣ, сабку услуби нигориш, инкишофи жанрҳои журналистика теъдоди аломатҳои китобат зиёд шудааст.

Донишмандон собит сохтаанд, ки аломатҳои китобат аз тамаддуни Шарқ сарчашма гирифта, аврупоиён минбаъд муназзам сохтаанд ва қоидабандиву роиҷ кардаанд ва ба такомулу инкишофи аломатҳои китобат мақоми онҳоро дар нутқу кори хаттӣ, асари бадеӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, давлатдорӣ ва дипломатия ба дараҷае боло бардошта шуд.

Дар давоми ҳаштод соли охир истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ сарфи назар аз муҳим будани масъала ба ҷуз корҳои А. Эшонҷонов [100],С. Шербоев [93], Ғ. Маликов [54], Х. Ҳусейнов [86; 87], Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров [84], У. Обидов, Ш. Каримов [60], Т. Шокиров [96], Б. Камолиддинов [39; 40] ва баъзе мақолаҳо дар мавриди он то имрӯз таҳқиқоти комиле ба чашм намерасад. Аз ин рӯ, аз таҳқиқотҳо ва асарҳои методии муаллифон Н. С. Волгина, Д. Э. Розентал, М. И. Фомина, А. Б. Шапиро, В. А. Добромислов, Г. П. Фирсов, А. В. Текучев, А.Ф. Ломизов, А. В. Дудников, Г. И. Блинов, Л. . Григорян, А. И. Фигуровский, И. Р. Палей, А. И. Шербаков ва дигарон истифода бурда мешавад. Таҳқиқотҳои олимони зикршуда ба таълими забони русӣ марбут буда, возеҳ аст, ки мавридҳои истифодаи баъзе аломатҳои китобат дар забони русӣ нисбат ба забони тоҷикӣ фарқ мекунанд. Аз хусуси он ки проблемаҳои муҳим дар таҳқиқи пунктуатсия коркард

нашудаанд, таҳлили ҳаматарафаи он дар забоншиносии муосири тоҷик кори нисбатан нав ба шумор меравад.

Таҳқиқоти нисбатан пурраи муқоисавӣ – типологии пунктуатсияи забонҳои русӣ ва ангилисӣ кори Орехова Н. Н. ба шумор меравад [Орехова 2000].

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқ бо барномаҳои таълимӣ ва илмии филологӣ, забоншиносӣ ва самти таҳқиқоти илмии кафедраҳои филологияи англис ва забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мувофиқат мекунад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Масъалаҳои таҳқиқи аломатҳои китобат аз хусусият ва усули мавриди истифодаи онҳо дар нутқ аз моҳият ва мазмуни мавзуъ бармеояд. Ҳангоми истифодаи аломатҳои китобат ҳама онҳое, ки ба нутқи хаттӣ сарукор доранд ба мушкилоти зиёде дучор мешаванд ва ба ғалатҳои зиёди китобат роҳ медиҳанд. Маҳз ҳамин масъала зарурат ва мубрамияти таҳқиқотро пеш гузошта, сабаби интихоби мавзуи мазкур гардидааст.

Ҳамин тариқ, интихоби мавзуъ ва мубрамияти он ба аҳаммияти нутқи хаттӣ, зарурати ташаккули саводи пунктуатсионии хонандагони тоҷик, ҳанӯз таҳқиқ карда нашудани проблемаи мазкур дар адабиёти илмӣ вобаста мебошад. Сабаби интихоби мавзуъ ин аст, ки мушкилиҳои аломатҳои китобат, хусусият ва мавқею мавриди истифодаи онҳо дар нутқ ва нақши онҳо дар нутқи хаттию шифоҳӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шавад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Ҳадафи таҳқиқро омӯзиш ва муайян намудани масъалаҳои назариявӣ ва амалии аломатҳои китобат, навъ ва хусусиятҳои онҳо, шиносоии илмӣ бо аломатҳои китобат, истифодаи дурусти онҳо дар нутқ ва мукаммалтар кардани низоми тому яклухти забони модарӣ (тоҷикӣ) ташкил медиҳанд. Дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва амалии омӯхтани аломатҳои китобат мо

ба хелҳои гуногуни аломатҳои китобат шинос шуда, ифоданокии онҳоро дар нутқ дарк мекунанд.

Дар заминаи мақсад ва фарзияи таҳқиқот мо дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштем:

- омӯхтан ва нишон додани нақши аломатҳои китобат дар заминаи таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ;

- таҳлили маводи забонии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар робита бо масъалаҳои омӯхтани аломатҳои китобат;

- мушоҳидаи умумиятҳо ва тафовутҳо вобаста ба истифодаи аломатҳои китобат;

- пешниҳоди манзараи нисбатан мукаммал дар робита бо омӯхтани аломатҳои китобат;

- пешниҳодҳои амалӣ доир ба беҳтар шудани вазъи истифодаи аломатҳои китобат.

Методҳои таҳқиқ. Методҳои таҳқиқот бо усулҳои таърихиву муқоисавӣ, татбиқӣ ва дастурҳои назарии муҳаққиқони забоншиносӣ ва назарияи асос ёфтааст. Дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда аз методҳои таҳқиқотии зерин истифода бурда шуд: омӯхтани адабиёти забоншиносӣ, адабиёти методӣ оид ба мавзуъ; мушоҳида; таҳлили корҳои то ба имрӯз анҷомдодаи муҳаққиқони соҳа; омӯхтани таҷрибаи пешқадам; таҳлили натиҷаҳо, далелҳо ва пешниҳодҳо.

Объекти таҳқиқ. Объекти таҳқиқро аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, умумият ва фарқиятҳои функсионалию семантикии онҳо дар забонҳои мавриди назар ташкил мекунад.

Мавзуи таҳқиқ. Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ. Дар диссертатсияи мазкур методҳои умумӣ ва ҷузъии типологияи муқоисавии забонҳо ба кор бурда шудаанд. Бо такя ба таҳқиқоти илмии забоншиносии муосир дар диссертатсия аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ – таҳлил, муқоиса, методи муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили ҷузъӣ истифода

шудааст. Дар таълифоти Н. С. Волгина, Д. Э. Розентал, М. И. Фомина, А. Б. Шапиро, В. А. Добромислов, Г. П. Фирсов, А. В. Текуч.в, А.Ф. Ломизов, А. В. Дудников, А. И. Шербаков, корҳои Ш. Рустамов, А. Мирзоев, А. Эшонҷонов, Б. Камолиддинов, С. Шербоев, Ғ. Маликов, Х. Ҳусейнов, Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров, Ш. Каримов, А. Аминов, Т. Шокиров ва дигарон ҷанбаҳои аслии аломатҳои китобат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқро таълимоти забоншиносии олимони ватанию хориҷӣ, ҳуҷҷатҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат, асарҳои забоншиносон, инчунин Стандарти давлатии маълумот ва ғайра ташкил додаанд.

Марҳилаҳои таҳқиқ. Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд. Дар марҳилаи аввал адабёти илмию методӣ омӯхта шуда, асосҳои назарии мавзуъ муайян гардиданд, коркарди дастгоҳи илмӣ таҳқиқотӣ дар ҳамин марҳила сурат гирифт. Марҳилаи дуюм ба татбиқи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва коркарди маводи озмоишӣ бахшида шуд. Дар асоси маводи озмоишӣ ва методикаи ташкили он озмоиши пешакӣ гузаронида шуд. Дар марҳилаи сеюм санҷишу баррасии таҳқиқот ҷамъбаст ва хулосаву тавсияҳои пешниҳод гардиданд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз таҳқиқотҳо оид ба проблемаи аломатҳои китобати забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, коркарди асосҳои илмии низоми пунктуатсионии аломатҳои китобат дар забонҳои гуногунсохтор, аз ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ иборат мебошад. Маводи пажӯҳиширо дар навиштани китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, инчунин таҳқиқотҳои минбаъда доир ба мавзуъ метавон истифода бурд.

Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии аломатҳои китобат, навъ ва хусусиятҳои онҳо, шиносоӣ бо аломатҳои ккитобат, истифодаи дурусти онҳо ва мукаммалтар кардани низоми тому яклухти тасаввурот дар бораи онҳо арзёбӣ шуда,

мушаххасоти он муайян гардидааст. Кори таҳқиқотии мазкур дар забоншиносии муосири тоҷик таҷрибаи аввалин дар омӯзиши муқоисавии аломатҳои китобат аз ҷанбаи муқоисавӣ мебошад. Вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои умумию фарқкунандаи онҳо ошкор карда шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Масъалаи аломатҳои китобат ва аҳаммияти синтаксисию семантикии онҳо дар сатҳи илмӣ баррасии худро ёфта, дастраси истифодабарандагон қарор дода мешавад.

2. Аҳаммияти аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ аз нигоҳи олимони забоншиноси ватанию хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд ва натиҷаи баррасиҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи нодуруст ва гоҳо худсаронаи аломатҳои китобат, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ, метавонанд маънои ҷумларо тамоман дигар кунанд.

3. Таҳлили муқоисавии аломатҳои китобат метавонад ҳамчун воситаи асосии нишон додани умумият ва фарқиятҳои истифодаи онҳо дар забонҳои гуногунсохтор, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баромад кунад.

4. Донистани хусусиятҳои умумии аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда барои ба хатоҳо роҳ надодан дар нутқи хаттӣ, ҳам ҳангоми ба роҳ мондани шаклҳои мухталифи муошират ва ҳам ҳангоми тарҷумаи матнҳои аз як забон ба забони дигар мусоидат мекунад.

5. Аз худ намудани хусусиятҳои фарқкунандаи аломатҳои китобат аз ҷиҳати функсионалию семантикӣ яке аз нуктаҳои муҳимми фаҳмиш ва истифодаи забонҳо мебошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро маводди ғании назариявию амалии таҳлилу баррасишуда, бо нуктаҳои мушаххас, маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаҳои гузоштушудаи таҳқиқ нишон медиҳанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» навишта шудааст, ки ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.КОА-36 - 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Диссертант мавзуи мавриди назар, яъне таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобатро дар забонҳои тоҷикию англисӣ дар самти забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Бо саъйю кӯшиши диссертант умумият ва фарқиятҳои мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар заминаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба роҳ монда шуда, нуктаҳои муҳимтарини натиҷаҳои таҳқиқ дар як қатор мақолаҳо ва маърузаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд ва дар ҳамоишу конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза ироа шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (протоколи № 6, аз 19-уми январи соли 2024) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ вобаста ба мавзуи баррасишуда, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чор мақола дар маводди конференсияҳои илмию амалӣ ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссерататсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, адабиёт ва замима иборат мебошад. Дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия масъалаҳои марбут ба аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 184 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

БОБИ I. АСОСНОККУНИИ НАЗАРИЯВИИ ХУСУСИЯТҲОИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Барои инсон, ҳамчун мавҷуди иҷтимоие, ки ҳамеша ниёзманди муошират иртибот аст, забон бузургтарин ва беҳтарин васила барои мубодилаи донишҳову дар миён гузоштани таҷрибаҳояш мебошад. Аммо чунин ба назар мерасад, ки забон низ, на ҳамеша барои бароварда сохтани ниёзҳои беохири инсонӣ кифоят мекунад. Аз ин рӯ, дар забони гуфторӣ барои равшантару возеҳтар расонидани матлаб, ногузир аз лаҳну оҳанги гуфтор, кашишу пасту баланд намудани садо, танаффусу ист ва ҳатто аз ҳаракоти мимикӣ, имову ишораҳои дасту по ва дигар аъзои бадан истифода мешавад.

Гузашта аз ин, инсон барои интиқоли ёфтаҳову андӯхтаҳои донишу таҷрибаҳояш, ба василаи дигар – хат даст ёфт, ки ба ин тариқа забони навишторӣ пайдо кард. Хат аз бузургтарин ихтирооти башарӣ дар миёни кулли кашфиёташ ба шумор меояд. Фақат хат аст, ки андешаро ба сурати аломатҳову рамзҳо ва нишонаҳо дароварда, ба дигарон ва ояндагони хеле дур интиқол медиҳад. Куруши Сафавӣ, яке аз забоншиносони шинохтаи эронӣ, дар робита бо ин, дар китоби худ “Ошноӣ бо низомҳои навишторӣ” меафзояд: – “... ин ниёз ба ду сурат – гуфтор ва навиштор таҷаллӣ пайдо мекунад. Дар воқеъ, гуфтору навиштор ду абзори таҳаққуқи моддии забон ҳастанд, ки барои инсон қобили дарканд” [143, 1388, 12]. Забони навишторӣ аз чигунагии вазъу ҳолати забони гуфторӣ дар замони китобат хабар медиҳад, ташаккулу таҳаввули онро дар даврахои гуногун нишон медиҳад.

Дуруст аст, ки рисолати хат интиқоли саҳеҳу сареҳи андеша ба тариқи ғайри гуфторӣ, яъне танҳо таҷассуми рамзӣ ё аломатии он мебошад. Аммо дар миёни забони гуфторӣ ва навишторӣ тафовутҳои зиёде ҷой доранд, ки аз ибтидои ихтирои хат то имрӯз мавзуи баҳс аст. Аввал ин ки нутқи шифоҳӣ аз тариқи шунидан эҳсос мешавад, вале нутқи хаттӣ аз роҳи дидан дарк мегардад. Дигар ин ки дар забони гуфторӣ,

агар бо истифода аз оҳангу овозу имову ишораҳо, матлаб ба осонию суҳулат пурра фаҳмида шавад, дар забони навишторӣ ин ҳама ғайриимкон аст. Бинобар ин, зарурати кашфи нишонаҳои изофие пеш омадааст, то матлаби нависанда ба дурустӣ фаҳмида шавад ва ин камбуди навиштор ҷуброн гардад. Ин аломатҳо хеле дертар аз хатҳо пайдо шудаанд ва дар забоншиносии тоҷик бо истилоҳҳои: аломатҳои китобат, аломатгузорӣ, нишонагузорӣ, нишонаҳои нигоришӣ, нуқтагузорӣ ва пунктуатсия ном бурда мешавад. Вале мо дар ин рисола, барои мушаххасии ифода ва дур шудан аз гуногунфаҳмӣ, беҳтар донистем аз истилоҳи байналхалқии "пунктуатсия" ва дар зарурат аз истилоҳи тоҷикии "аломатҳои китобат" истифода намоем.

1.1. Маъноҳои луғавӣ ва истилоҳии "пунктуатсия"

Пунктуатсия аз калимаи лотинии **punctum**, яъне **нуқта** гирифта шуда, дар ҳама луғатномаҳо ба маънои умумии "**нуқтагузорӣ, аломатгузорӣ**" ва дар маҷмуъ "**аломатҳои китобат**" оварда шудааст. Бахусус дар фарҳангҳои тарҷумавии "Англо-русский словарь"-и Бункин Г.И.: **punctuat||e** 1) гузоштани аломатҳои китобат 2) қатъ кардан (буридан, тамом кардан), фосила; ~ ion пунктуатсия [18, 1990, 327], "Русско-таджикский словарь"-и Арзуманов С.Д.: гузоштани аломатҳои китобатӣ, пунктуатсия // *гуфт.* аломатҳои китобатӣ [6, 1985, 909], "Русско-персидский словарь"-и Восканян Г.А.: нишонагузорӣ, нуқтагузорӣ ва ба ҳамин монанд дар дигар луғатномаҳо шарҳу тавзеҳ гардидааст [22, 1986, 555].

Ба таври умум метавон гуфт, ки дар шарҳи маънои луғавии вожаи "пунктуатсия" дар миёни забоншиносон ҳеҷ ихтилофи назар нест, магар ин ки дар баъзе забонҳо, мумкин аст маънои иловагӣ касб кунад ё бинобар вожаи бегона будан, хеле кам ба кор гирифта шавад, ё умуман истифода нашавад.

Аммо дар шарҳи истилоҳии пунктунтсия, баъзан дидгоҳҳо аз ҳам тафовут доранд. Возеҳтар аз ҳама ин аст, ки маънои истилоҳии калимаи “пунктуатсия” васеътар аз маънои луғавии он буда, ба тавзеҳу ташреҳи бештар ниёз дорад. Чунончи, аксари муҳаққиқон зери мафҳуми ин истилоҳ *“низоми гузоштани аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ”*-ро тасдиқ карда бошанд ҳам, баъзан соҳибназарон ба амалкарди он аз зовияҳои дигар нигаристаанд. Масалан, дар “Словарь лингвистических терминов” (фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ) оварда шудааст: 1) Бахше аз фарҳанги нутқи хаттӣ, ки усулҳо ва қоидаҳои гузоштани аломатҳои китобатро дар ҷумла, матн меомӯзонад; 2) Маҷмуи аломатҳои китобат дар ин ё он забон; 3) Воситаи услубии нутқи хаттӣ, ки оҳанги матн, таваққуф, суръат ва дигар қисматҳои марбут ба қироат ё нақли матнро пешбинӣ мекунад [29, 2010, 294].

Пунктуатсия, ки аз вожаи *punctum* - и лотинӣ гирифта шуда, маънои луғавиаш *нуқта* аст, минбаъд ифодагари низоми аломатҳои китобат гардидааст. Аломатҳои китобат мавқеъ ва мақому мавриди муайяне надошта, шаклу намуд ва тарзи истифодаи мухталифу гуногунеро соҳиб буданд. Баробари паҳн гардидани робитаҳои хаттӣ ва мукотибот вазифаю мақоми аломатҳои китобатӣ афзуда, барои ҳар чӣ беҳтар фаҳмидани мазмуну мақсади матн хизмат мекардагӣ шуданд. Бо мурури замону тараққии илму ҷомеа аломатҳои китобат яке аз асоситарин воситаҳои алоқаву муносибати хаттии одамон ва омили асосии ба низом даровардани нутқи хаттӣ маҳсуб гардиданд. Маҳз ба туфайли онҳо хонандаи матн ба охир расидани фикр, аз ҷузъҳо иборат будани ҷумла, такрори калима, вожаҳои такрор, баробарҳуқуқ ё тобеъ будани ҷумла, нутқи айнан ва мазмунаннақлшуда, аъзоҳои истисноию воҳидҳои туфайлиро фарқ карда метавонад [96, 9-10].

Дар маҷмуъ, ба ин шарҳу тавзеҳҳои додашуда мувофиқ будан мумкин аст, агар баъзе ҳолатҳо сарфи назар шаванд. Аввалан, усулҳо ва қоидаҳои гузоштани аломатҳои китобат чанд даҳа бештар нест, ки

табдил ба “фарҳанг” шудаанд ва ҳанӯз ҳам дар баъзе забонҳо ба дараҷаи “қоида” ташаккул наёфтааст. Сониян, дар забоншиносӣ равиши дигар – “пунктуатсияи муаллифӣ” (пунктуация авторская) низ ҳаст, ки на ҳамеша пойбанди “қоидаҳо” мемонад, яъне муаллифи асар барои таъкид ё возеҳтар нишон додани хостаҳо ва андешаҳояш аз аломатҳои китобат бо салоҳдиди худ истифода мекунад [29, 2010, 294].

Барои равшантар шудани ин иддао аз сарчашмаи дигар истинод мекунем. Дар фарҳанги электронии “Грамматологический словарь” истилоҳи “Пунктуатсия” ба таври муфассал чунин шарҳ дода шудааст: “Пунктуатсия – манзумаи аломатҳои ғайриалифбоии барои таҷзия кардан ва наҳвӣ сохтани матнҳои хаттӣ ёридиҳанда (мебошад). Пунктуатсия бештар дар дохили ҷумла ба кор меравад [grammatologiya].”

Муҳаққиқи дигар Ефремова Т.Ф. илова бар шарҳи маъноию истилоҳии вожаи “пунктуатсия” ҳаракатҳои ҷоринамудаи ад-Дуалиро [150] низ ба пунктуатсия марбут донистааст: “Аломатҳои миёнисатрӣ дар баъзе забонҳои шарқӣ, ки садонокҳоро ифода мекунанд” [28, 2000, 555]. Манзур аз “аломатҳои миёнисатрӣ” (подстрочные знаки) ҳамон аломатҳо ва ҳаракатҳои ёридиҳандае ҳастанд, ки барои дуруст хондану дуруст дарк кардани матлаби нависанда дар баъзе забонҳо истифода мешаванд. Бахусус аломатҳое, ки қаблан барои дуруст хондани “Қуръони карим” ихтироъ шуда, минбаъ дар хатти арабӣ ба кор мераванд.

Вале, ба назари мо, аломатҳои миёнисатриро ҳамчун аломатҳои пунктуатсионӣ донистан дуруст нест. Зеро қоидаҳои корбурд ва ҷойҳои аломатҳои пунктуатсионӣ дар нутқи хаттии ҳар забон, дар баробари имло ва нигориши он ҷузъҳои аслии нутқи хаттӣ дониста мешаванд. Яъне мутобиқи дастури забон ҳатмӣ буда, риоя накардани он иштибоҳ ба ҳисоб меояд. Швартскопф Б.С. дар мавриди пунктуатсия чунин ақида дорад: “Низоми **ҳатмии** графикии ғайриалифбоии аломатҳо, ки якҷо бо хат ва имло маҷмӯи абзори аслии нутқи навишториро ташкил медиҳанд”

[61, 1988, 8]. Вале барои аломатҳои миёнисатрӣ гузоштан ё нагузоштани онҳо зарурӣ нест ва хато дониста намешавад. Танҳо барои гурез аз иштибоҳхонӣ, мумкин аст аз он аломатҳо ба кор гирифта шавад. Масалан, калимаҳои “маҳр, меҳр, муҳр” дар хатти арабӣ омограф буда, ба шакли “مهر” навишта мешаванд, ки гоҳе вобаста ба матн гузоштани аломатҳои миёнисатрӣ (забар َ, зер ِ, пеш ُ) зарурат пайдо мекунанд.

Тавре мушоҳида мегардад, ҳар забон руҳи худро дорад ва хату пунктуатсияи худро агарчи аз дигарон гирифта бошад ҳам, дар он чизе афзуда ё аз он зудуда, ба худ мутобиқ сохтаанд. Аломатҳои ҳаракат дар роҳ, қариб дар саросари дунё як хел аст, яъне табдил ба қоида ва фарҳанги роҳ рафтан шудааст. Аммо забон фаротар аз он аст, ки онро ба қонуну қавоиде пойбанд ва маҳор тавон кард.

Шаклҳои пунктуатсия дар забонҳои гуногунсохтор, вобаста ба табиати забонҳо ва хатту алифбо фарқ мекунанд.

Пунктуатсия низ монанди алифбоҳо мутобиқ ба забон ва дастури забон хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҳар кадоме аз забонҳои олам ба таври худ: яке аз хатти аслӣ ва равишҳои аломатгузории суннатии хеш истифода мекунад, дигарӣ аз хату аломатҳои бегонагон ба кор гирифтааст ва сеюмӣ бо иқтибоси яке аз ин ду унсури нигориш дастури забони худро такмил кардаанд. Вале, мусаллам аст, ки раванди таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии фарҳанги нигориши забонҳо натиҷаи робитаҳои бисёрҷанбаи мардумони олам аст. Бахусус пунктуатсияи лотинӣ, бо рӯйи кор омадани дастгоҳҳои чопи китоб, аз асри XIX мелодӣ ин ҷониб, бештар аз ҳама таъсиргузор будааст. Вале ба андешаи Адиб Султонӣ “... то авосити садаи нуздаҳум низ, қавоиди нуқтагузорӣ муназзаму якдаст нашуд, ба тавре ки ҳанӯз ҳам дар ҳеҷ забоне ҷузъиёти он ба наҳве, ки сад дар сад пазируфтаи ҳамагон бошад, мушаххас нашуда ва ин масъала амре табиӣ аст.” [137, 1365, 69-71]

Тавре ки ишора шуд, бо вуҷуди хеле паҳнгашта будани пунктуатсияи лотинӣ ва дорои грамматикаи мукаммал будани аксар

забонҳо, ҳанӯз ҳам баҳси аломатҳои пунктуатсионӣ ҳалнашуда боқӣ мондааст. Ин аст, ки “аввали ҷумла дар хатти лотинӣ бо ҷудосозии ҳарфи аввал, дар хатти тибетӣ бо аломати махсус нишона мешавад. Охири ҷумла дар хатти лотинӣ бо нуқта, дар хатҳои арманӣ ва ҳабашӣ – дунуқта (баъзан чорнуқта ::), дар ҷопонӣ бо доираи сиёҳ ●, дар хатҳои ҳиндӣ бо хатчаи амудӣ (гоҳо ду хатча) ишора мегарданд. Дар хатти муосири лотинӣ аломатҳои ифодакунандаи ҳиссиёт: савол “?” ва хитоб “!” мавҷуд аст (дар хатти юнонӣ ба ҷои “?” аломати “;”, дар арманӣ “/” гузошта мешавад). Дар лотинии испанӣ дар аввалу охири ҷумла таркибе аз ин аломатҳо “¿” (дар хатти арабӣ ба шакли уфуқӣ баргардоншудаи аломати савол “؟” вомехӯрад). Дар хатти арманӣ аломати савол пас аз калимае гузошта мешавад, ки задаи мантиқӣ рӯйи он қарор мегирад. Дар хатти явагӣ (сокинони ҷазираи Ява) аломатҳои махсус барои баёни тарзҳои гуногуни таоруфот мавҷуд аст. Бо мураккаб гардидани нутқи хаттӣ таркиб ва корбурди аломатҳои катобат меафзояд...” [148, https://grammatologiya]

Бавижа забони арманӣ, ки аз алифбои махсус истифода мекунад, ҳамчунин аломатгузориҳои китобаташ аз меъёрҳои пунктуатсияи ғарбӣ фарқ дорад. Бештарини он аломатҳо аз пунктуатсияи забони армании қадим – грабара буда, решаҳои таърихии он бо пунктуатсияи юнонии қуруни вусто як ҳастанд.

Алд Манутсий аз аломатҳои пешина баъзеро гирифта, боз чанд аломати дигар ихтироъ кард ва қоидаи истифодаи онҳоро тартиб дод, ки то ҳол асосан бидуни дигаргуни мавриди истифода мебошанд. Омузиши илмии аломатҳои китобат аз олими рус М.В.Ломоносов, ки ин корро дар «Грамматикаи руси» -и хеш ҷо дода буд, сар шудааст ва оҳиста – оҳиста аломатҳои китобати хатти руси зери қонуну қоидаҳои муайян даромад ва низоми имрузаро доро шуд, ки дар ин роҳ хидмати Я.К.Грот зиёд аст [2, 5-6].

Бо вуҷуди ин ҳама гуногунсурат будани аломатҳои пунктуатсионӣ, ки мушоҳида гардид, ҳамаи онҳо як вазифаи муштарак доранд – дарки дурусту саҳеҳи нутқи хаттӣ. Аломатҳои пунктуатсионӣ на танҳо барои фаҳму дарки дурусти забони навишторӣ ёрӣ мерасонанд, балки инчунин низоми ҷумлаороиро ба қолаб дароварда, аз худмонии услубӣ ё ба таъбири дигар ҳар касу як услуби нигориш пешгирӣ мекунад.

Аломатҳои китобат бахши махсуси аломатҳоро ташкил медиҳанд. Онҳо ба ягон низоми хат дохил намешаванд. Аломатҳои китобат гуфторро ба рукнҳо ҷудо мекунанд, оҳанги он ва ё хусусиятҳои маънои онро нишон медиҳанд. Масъалан, нуқтаву вергул барои гуфторро ба ҷумлаҳо, ҷумлаҳоро ба рукнҳо ҷудо кардан, саволу хитоб барои оҳанги ҷумлаҳоро нишон додан хидмат мекунанд. Аломати нохунак нишон медиҳад, ки гуфтори касе айнан иқтибос шудааст; аломати (–) дар дохили ҷумла шарҳу тавсири калима ё ибораро далолат мекунад, ки дар чунин мавридҳо ба ҷои он калимаи «яъне» гузоштан мумкин аст.

Дар асрҳои VIII-XI дигар аломатҳои китобат низ ба вуҷуд омада, мавриди истифода қарор гирифтаанд, вале дар масъалаи истифодаи онҳо қоидаи муайян вуҷуд надошт, аломати вергул аломати шаклан ба аломати савол монандро иҷро мекард, вазифаи нуқтавергулро иҷро мекард. Нуқта ҳамчун ҷудокунандаи ҷумлаҳо аз асри XII сар карда мавриди истифода қарор гирифт. Қоидаҳои истифодаи аломатҳои китобатиро ба тартиби муайян даровардан мумкин буд. Ин зарурат, хусусан, баъди пайдоиши чопи китоб бештар эҳсос гардид ва ниҳоят ин корро мутахассиси чопи китоб аз Венетсия Алд Манутсий дар охири асри XV ба бехтарин ваҷҳе анҷом дод.

1.2. Таърихи ташаккул ва рушди хат ва аломатҳои китобат

Тибқи ёфтаҳои пажӯҳандагони осори қадим, хатҳо қаблан бидуни аломатҳои китобат навишта мешудаанд ва ҳатто фосилае миёни калимаҳову фикрҳо набудааст. Бахусус дар хатҳои тасвирӣ (пиктографӣ),

ҷумлавӣ (дар асоси хатти тасвирӣ), калимагӣ (логограмма) ва ҳиҷоӣ ҳеҷ зарурате ба аломатгузорӣ набудааст. Фақат баъд аз ихтирои хатти ҳарфӣ-овозӣ (фонограмма), ки ба нимаи дуюми ҳазораи II пеш аз милод рост меояд, зарурати ҷудо намудани ҷумлаҳо ва фикрҳо падид меояд.

Ёдовар мешавем, ки хатти ҳарфӣ-овозӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: 1) консонантӣ-овозӣ, ки ҳарфҳои он асосан овозҳои ҳамсадоро ифода мекарданд, аввалин бор дар Миср пайдо шудаанд; 2) вокалӣ-овозӣ, ки аломатҳои он садонокҳоро низ дар баробари ҳамсадоҳо нишон медод, нахустин бор финиқиҳо ба вуҷуд оварданд, ки минбаъд асоси ҳамаи хатҳои ҳарфӣ-овозӣ гардидааст. Куҳантарин ёдгориҳо бо хатти финиқӣ, ба қарнҳои XII-X пеш аз милод рост меояд [9, 1979, 14-15].

Алифбо ва хатти финиқӣ бошад, алҳол қадимтарин маҳсуб гашта, дар ҳазораи 2 то милод интишор ёфтааст. Асоси инро халқҳои семитии ғарбӣ дар шаҳри Эбла (ҳозира Сурияи Шимолӣ) гузошта аст. Аллакай ҳамон вақтҳо нахустин унсурҳои аломатҳои алифбоӣ ва хат чун низом падид омада будааст. Бояд қайд кард, ки агар алифбову хат аз ҳазораи сеи то милод чун асоси низоми алифбо маълум бошанд, аломатҳои китобатӣ хеле давраи дуру дарози гузаришро тай кардаанд. Албатта, онҳо низ чун ҳарфҳои алоҳида пайдо шуда, дар ҳар қавму халқ ва маҳал ба таври худ мавриди истифода қарор мегирифтанд. Аломатҳои алифбои арабӣ – зер, забар, пеш, танвин, мад пеш аз ҳам яке аз анвои аломатҳои китобатӣ буда, барои бо низому мураттаб ва мувофиқи маънову мақсади матн хондани калимаву ифодаҳо хизмат мекунанд. Бинобар он, вақте ки зумрае аз олимон пайдоиши аломатҳои китобатро ба асрҳои XIV - XV мансуб донистанӣ мешаванд, ғалати маҳз мекунанд. Дар ин сурат бояд таъкид намуд, ки на пайдоиш балки танзими матбавии аломатҳои китобат ба ин давраҳо рост меояду халос. Зеро алифбову хатҳои ғарбиву славянӣ низ мувофиқи талаботу тақозои фонетикӣ, луғавӣ, морфологию синтаксисии худ аломату ишораҳои гуногуне доранд ва мутобиқи қоидаҳои маъмулиашон мустаъмал мегарданд [96, 7-8].

Бисёр хатҳо ҳанӯз аз замонҳои қадим қоидаи навишти худро дошту дорад, алифбову хатти арабӣ, лотинӣ, славянӣ ва кириллӣ низ мустасно нестанд. Хату алифбои кириллӣ, ки дар асоси алифбои лотиниву славянӣ роиҷ гаштааст, ҳамчунин аллакай дар асри X аломатҳои хатти худро дошта, бо мурури замон онро такмил медод ва чун ҳангоми навишту китобати матн мустаъмал буд, аломатҳои китобат ном гирифт. Ба истилоҳи байналмилалӣ ва русӣ онро пунктуатсия меноманд [96, 8-10].

Инсон аз вақте, ки ба худ омад ва иртиботе байни афрод сурат гирифт, саъй дошт, ки андешаҳо ва муродҳо ва орзуҳои худро ба сурате ва шакле ба тараф бифаҳмонад ва содатарин тарзеро, ки барои ба ҷо овардани ин мақсад пешниҳоди хотир сохт, он буд, ки хиёлотро бар рӯи сангҳо ё порчаи тахта ё бар девору мағора ва сангу сахраҳо мутобиқи сурати хориҷӣ, ки дар назар аст, муҷассам созад, пас, қадимитарин хутути олам қадимтарин нуқушест, ки мардум барои муҷассам кардани андешаҳои худ нигоштаанд ва хат бад- ин тариқ рафта-рафта ба вуҷуд омадааст ва хатҳое, ки баъдҳо навишта шуда ва дунболаи онҳо имрӯз пайвастагӣ ёфта, хулосаи он нуқуш ва комилшудаи заҳматҳое аст, ки бо ниҳояти саъю озмуну такрор ва ислоҳоти пайдарпай аз тарафи мардум дар дарозои замон даст ба даст ба мо расидааст.

Мутолиа дар таърихи хат ва донистани таърихи хаттҳои дунё бисёр муҳим аст ва дар ин боб китобҳо навишта шудааст ва донистани ин илм инсонро ба тарзи маишат ва тарзи фикру тарзи зиндагонии қавмҳои мухталифи ҷаҳон ошно месозад.

Дар пажуҳишҳои устодони қабатҳои замин ва кунҷковии мағорҳои қадим, ки маҳалли иқомати мардуми ваҳшӣ будааст, нақшҳову тасвирҳое аз ҳайвонот ва наботот ба даст омадааст, ки мазҳари хиёлоти мардум буда ва баъзе аз он нуқушро тавонистаанд бо асли хаёли наққош мутобиқ сохта бихонанд ва аз ин рӯ хутути ваҳшиёнаи дигарро низ хонда ва ба хондани хутути комилтар муваффақ шудаанд.

Инак мо давраҳои такмилу татаввури хатҳоро дар чаҳор марҳала шартан метавонем тақсим намуд:

Марҳалаи аввал: Хатнигорӣ ё нақкошӣ, яъне касе хиёлу андешаи худро ба сурати нақшу нигор таҷассум дода ва онро василаи фаҳми дигаре қарор диҳад ва ин хат дорои забони хосса нест ва хаттест, ки метавон онро хатти байналмилалӣ донист, хатти иероглифи Мисри қадим ислоҳшудаи ин хат будааст.

Марҳалаи дувум: Хатти намудорӣ ё аломатӣ (идеограмма-ideogramme), яъне хатте, ки барои ҳар исм хоҳ исми зот ё исми маънӣ нишона ва аломати хоссе қарор диҳанд, дар чунин хатте бояд ба шумораи мафҳумҳо ва луғатҳо ё калимаҳои маълум дар он забон аломатҳои муайян ба кор бурд ва алифбо дар ин хат мавриде надорад, ин қабил хаттҳо дорои шаклҳо ва аломатҳои бисёре аст, ки гоҳе аз ҳазор ҳам мегузарад. Масалан, хатҳои Миср ва Бобилу Ашурии Қадим.

Марҳалаи сеюм: Хатти оҳангӣ ё савтӣ, яъне хатте, ки ҳар ҳарф ё шакл нишонаи яке аз савтҳост; дар забони соҳибони ин хатҳо низ ғолибан луғот бо овозҳо ва ҷои буриш, маҳалли ҷудоӣ, ҷудо-ҷудо сохта шудааст ва ҳар сурате дар мақсади гӯянда таъсире хос дошта, яъне овозҳо ифодакунандаи мурод ва қасди гӯянда аст ва як овоз бо тағйири оҳанг тағйири маънӣ медиҳад, мисли лафзи «ба» ки дар забони форсӣ ба сабаби таровати оҳанги гӯяндааш, мумкин аст чанд мақсади мухталифро бифаҳмонад ва бо такрори он боз чанд мақсади дигарро ифода кунад ва бо навиштани он (ба воситаи ин ки хатти мо хатти савтӣ нест) наметавон ин мақсадҳоро ба тараф фаҳмонид. Хатти чинӣ имрӯз махлуте аз хатти аломатӣ ва хатти савтӣ аст.

Марҳалаи чаҳорум: Хатти алифбоӣ ва он чунон аст, ки ҳар ҳарф намояндаи як махраҷ аст ва он махориҷ гоҳе ҳарфҳои мусаввитаро адо мекунад ва чун луғот ва калимоти сохташуда аз чанд махраҷи мухтасар беш нест, бо ҳамон чанд ҳарф аз сӣ-чиҳил адад таҷовуз намекунад

метавон тамоми луғату маъниҳо ва мақсадҳоро вонамуд сохт – монанди хатҳои лотинӣ ва ҳиндӣ ва сомӣ, ки ҳама аз хатҳои алифбоӣ маҳсубанд.

То авалҳои қарни нуздаҳум аҳли таҳқиқро гумон чунон буд, ки асли решаи хатҳо аз се хат бархостааст ва он се: хатти чинӣ, хатти ҳиндӣ ва хатти сомист. Муътақид буданд, ки хатти қадими мисрӣ ва хатти мехӣ аз асле дигар аст, ки аз забонҳои қадим маҳфуз мондааст.

Ақидаи дигар мегӯяд, ки хатти финиқӣ гирифташуда аз хатти мехӣ аст, ки онро ислоҳ карда ва ба сурати алифбоӣ даровардаанд ва ҳар кас дар ақидаи худ такя ба қароин ва шабоҳати ҳарфҳо ва бартарӣ ёфтани дигар мешавад ва он чӣ маълум аст, он аст, ки хатти финиқӣ қадимтарину саҳлтарин хатҳои алифбоии дунёи қадим буда, хатти ибрию сурёнӣ ва набативу арабӣ ва муснаду оромӣ ва паҳлавию юнонӣ ва лотинию санскрит ва суғдию уйғурӣ ва ҳабашӣ ва соири хатҳои мавҷуди дунё, ғайр аз чинӣ, аз он хат орият ва тақлид шудааст ва ин ки он хат аз чӣ хатте гирифта шуда ва ё асли он аз хатти мехӣ ё хатти мисриаст, тардид аст.

Қадимтарин осори ба забони эронӣ бадастомада бо хатти мехӣ аст, ки он хат ихтирои форсҳо набуда, аз аккадиҳои бостон қабул гардида будааст. Албатта, форсҳо фақат бо иқтибоси хат иктифо накарда, табиист ки барои мутобиқсозии он бо забони худашон, ҳарфу овозҳои хоси худро изофа намуда, такмил кардаанд. Ба андешаи донишманди маъруфи эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ форсҳо дар хатти мехӣ аломатҳои гуногуни пунктуатсионӣ, аз қабили нуқта, вергул ва дигар аломатҳои ифодакунандаи рақамҳоро илова кардаанд [139, 1343, 173-174].

Мардуми эронӣ, ки ба фармудаи таърихнигорон аз сарзамини Айриана Ваеҷа (Эронвеҷ) берун ронда ва барои пайдо кардани чарогоҳ ва хуриш ба сӯи Хоразму Эрон раҳсипор шуданд. Ин маънӣ аз ҳолати ориёиҳои сакоӣ ва тухорӣ ва сармат ва алон, ки баъдҳо аз машриқи Осиё вориди Эрон шуда ва барои ба даст кардани чарогоҳу хуриш бо

бародарони эронии худ, ки пештар аз онон вориди Эрон ё Ҳинд шуда буданд, ба задухӯрдҳои хунин пардохтанд, маълум мешавад ва мебинем, ки он қавм на хатте доштанд ва на дорои китобеву шариате буданд ва ҷуз парастиши қувваи табиӣ ва ситорагон кешу мазҳабе надоштанд ва аз ин рӯ дорои тарбияти шаҳрнишинӣ, ки хат саромади он аст, набуданд.

Дар асотир ва номаҳои бостонии Эрон низ ин маънӣ сабт аст, ки хат аз тарафи девон ба подшоҳони бостонии Эрон монанди Таҳмураси Зинованд омӯхта шуд ва ин сухан дар «Шоҳнома» ёд шудааст, он ҷо ки гӯяд:

Чу Таҳмурас огаҳ шуд аз корашон,
Барошуфту бишкаст бозорашон.
Кашидандашон хаставу баста хор,
Ба ҷон хостанд он замон зинҳор,
Ки «Моро макуш, то яке нав ҳунар
Биомӯзӣ аз мо, к-ат ояд ба бар.
Набиштан ба Хусрав биомӯхтанд,
Дилашро ба дониш барафрӯхтанд.
Набиштан яке на, ки наздики сӣ,
Чи румӣ, чи тозиву чи порсӣ.
Чи суғдӣ, чи чиниву чи паҳлавӣ,
Нигоридани он куҷо бишнавӣ [152, Шоҳнома, ҷ.1, с.57-58].

Аз ин ривояти Фирдавсӣ, ки аз рӯи ривояти бостонии Эрон гирифта шудааст, низ ба хубӣ бар меояд, ки ориёиҳои он рӯз, ки дар Эрон истиқрор ёфтанд, худ дорои тамаддуну хат набуда ва ин мабодӣ ва усулро аз раоё ва зердастони мағлуби худ омӯхтаанд ва он зердастон мардуми қадими Эрон будаанд, ки баъдҳо аз онон ба «дев» таъбия шудааст ва асирони ҷангӣ аз нажодҳои ҳамсоя ва ё шаҳрвандони милатҳои ҳамсоя, ки мағлуби эрониён мешуданд.

Агарчи дар хатти мехӣ пунктуатсия ба мафҳуму шакли имрӯза вуҷуд надоштааст, вале баъзе унсурҳои пунктуатсионӣ ба мушоҳида расидаанд.

Масалан, дар ин хат пас аз як ё якчанд калима як хатти мехмонанди моил (/), ки гурӯҳи калимаҳоро аз ҳам ҷудо мекард, оварда мешудааст. “Соли 1798 Герхард Тихсен пешниҳод намуд, ки аломати уреб аломати калимаҳоро ҷудокунанда аст” [9, 1979, 18]. Пас, маълум мегардад, ки фосилаи байникалимагӣ, ки дар хатҳои кириллӣ, лотинӣ, арабӣ ва дигар забонҳо суратнавишти худро надоранд, дар хатти мехӣ бо каҷхата ишора мешудааст.

Муҳаққиқи тоҷик Олимхоҷа Исмоилов дар робита ба ин меафзояд, ки дар пайи ин иқдомҳо фаҳмидану истифодаи хатти мехӣ содатару осонтар гардида, нисбат ба хатти мехии аккодӣ пешрафтатар шуд [35, 2019, 158]. Яъне, дар баробари пешрафти тафаккури илмии забоншиносӣ хат, маҳоратҳои хондану навиштан низ пешрафту тараққӣ мекунад. Ин буд, ки заруратҳо ба эҷоди василаҳои иловагӣ барои мантиқ, наҳв ва оҳанги нутқи навишторӣ падид омаданд.

Дар хатти авестоӣ, ки “дин дабира” ном дошта, дар заминаи алифбои оромӣ сохта шудааст, теъдоди аломатҳои алифбо дақиқ нест. Баъзан бо тафовути андак дар мактабҳои нусхасозӣ ихтилофи назарҳо дида мешавад, масалан Бартоломе адади онро 52 аломат гуфта, қайд мекунад, ки 3-тои он лигатура (таркиби ҳарфҳо) ва 1-то варианти дастнависи эронӣ мебошад, ки аз ҳиндии он фарқ мекунад. Рейхелт бошад, дар пайравӣ бо ӯ 51 аломат гуфтааст (48+3 лигатура) [62, 1979, 126-137]. Аммо тибқи шавоҳиди Афсаҳов А. ва Қаҳҳоров Ҳ. хатти авестоӣ аз 48 ҳарф (14 садонок + 34 ҳамсадо) ва барои ҳарфи “г” ду аломат (дар маҷмуъ 49 аломат) иборат будааст [9, 1979, 21]. Дар охири сатрҳо се нуқта (ду нуқта дар поён, як нуқта боло ба шакли секунҷа) гузошта мешудааст. Ин аломатро метавон муодили аломати нуқта ва гоҳе ҳам аломати вергул донист.

Аз даврахои пеш аз исломи араб, ки баъзан бо номи “замони ҷоҳилият” ёд мешавад, машҳуртарин қасидаҳо ва гуфтораҳои бисёр зебову пурмаъно, яъне “муаллақот”-е чанд то замони мо расидааст.

Ҳамчунин ашъори замони исломи араб, бахусус қасидаи “Бурда”-и машҳури Ҳассон ва осори ба забони тоҷикӣ навишташудаи то замони мо омада, ки ҳамаашон бо хатти арабӣ навишта шудаанд, шаҳодат аз он медиҳанд, ки аломатҳои пунктуатсионӣ дар нигориши он замонҳо ҳеҷ нақше надоштааст.

Ҳатто ҳарфҳои хатти аввалияи арабҳо, ки аз набатиҳо гирифтаанд, нуқта надошт ва то охирҳои қарни VII ҳамин тавр китобат мешудааст. Баъдҳо Абуласвади Дуалӣ, ки шоир буд ва илми имлоро низ хеле хуб медонист, қоидаҳои зиёдеро ба грамматикаи забони арабӣ ворид кард. Тибқи ёфтаҳои Оиша Муҳаммадӣ, вақте ки Империяи бузурги исломӣ ва дини ислом густариши торафт бештар мекард, мардуми қавму миллатҳои гуногун мехостанд, “Қуръон”-ро биомӯзанд ва иқтибос кунанд, зарурати қабули низоми расмии имлоро ба миён овард [150, https://www.google.com].

Абӯасвад Дуалиро арабҳо ҳамчун падари грамматикаи араб қадр мекунанд. Қоидаҳои дар имло тартибдодаи ӯ, дар навбати худ, боиси таъсиси аввалин мактаби бузурги грамматика дар Басра гардид, ки бо он танҳо мактаби забоншиносии Куфа рақобат карда метавонист. Ин олим ҳаракатҳоро аз қабили зеру забару пеш дар шакли хаттӣ ҷорӣ намуда, аввалин рисолаҳо оид ба забоншиносӣ ва грамматикаи араб (илми наҳв) навишта буд.

“Тафовути ҳамсадоҳо ва садонокҳоро Ад-Дуалӣ баррасӣ карда, саргардонии хонандагонро бартараф кард ва тарзи хондан ва навиштани калимаҳои арабиро равшан сохт. Сарфи назар аз самаранокии онҳо, нуқтаҳои калон дар чопи хатти хурд ва ғайр аз маҷмуи маҳдуди скриптҳо (навишторҳо) душвор буданд. Барои бо андозаи хурду калон навиштани нуқтаҳо, ё ҳарфҳо вақти зиёд лозим меомад. Ҳамин тариқ, волии Умавиён ал-Ҳаҷоҷ ибни Юсуф ас-Сақафӣ аз ду шогирди ад-Дуалӣ хоҳиш кард, ки як тарзи наверо ҷорӣ намоянд ва ба низом оранд, ки соддатар ва муассиртар бошад. Низоми нави ташкилӣ (вокалистӣ) аз ҷониби ал-

Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ таҳия шудааст. Он аз ибтидои асри XI барои хатти арабӣ васеъ истифода мешуд.

Аксари олимон фикр мекунанд, ки грамматикаро Абуласвади Дуалӣ ихтироъ кардааст ва ба ӯ донишманди дигари он даврон таълим додааст. Дигарон мегӯянд, ки Наҳр ибни Ҳимуддудалӣ, ки онро Ал-Лайтӣ низ меномиданд, грамматикаро таҳия кардааст. Ин ақидаи забоншинос Абуҳубайдо (соли вафоташ 210 ҳ.қ.) ва луғатшинос Зубайдӣ (соли вафоташ 397 то мелод) мебошад, ки дар бораи Абуласвад гуфтааст: «Вай аввалин касе буд, ки [илми] забони арабиро пайдо кард, ё худ созмон дод, усулҳои онро ба вуҷуд овард ва қоидаҳои онро муқаррар кард» [150, https://www.google.com].

Аммо хеле баъдҳо, дар қарни VI ҳ.қ., муфассир ва наҳвии номвар Муҳаммад бини Абиязиди Тайфур мулаққаб ба Шамсуддин ва макнӣ ба Абулфазл ал-Сиҷовандӣ ал-Қорӣ (ваф. 560 ҳ.қ.) барои роҳнамоии қориён нахустин касест, ки нишонаҳои вақфро барои дуруст хондан дар нигориши “Қуръон” ба кор бурд [149, https://iqna.ir/fa/news/1768551]. Нишонаҳои Сиговандӣ (муарраби он Сиҷовандӣ) аломатҳое ҳастанд, ки барои равшан кардани маънӣ ва мушаххас намудани оғозу анҷоми ибораву ҷумлаҳо ва бандҳо дар навиштан ба кор меравад. Ин нишонаҳо, ки нишонаҳои навишторӣ ҳам номида мешаванд, аломатҳое ҳастанд, ки барои осонтар хондани як навишта, баёни як эҳсос ё дигар кардани талаффузи вожаҳо ба кор мераванд. Бо ҳамин равиш ва мақсад котибони аврупоӣ низ, дар асрҳои миёна дар китобати “Китоби муқаддас” аз баъзе аломатҳо истифода мекардаанд. Аммо ҳамон гуна ки дар фасли қаблӣ ишора кардем, ҳаракатҳои ҷоринамудаи ад-Дуалӣ ва баъзе аломатҳои Сиҷовандиро наметавон ба гурӯҳи аломатҳои пунктуатсионӣ шомил кард.

Дар низоми хатҳои нахустини ҳарфии овозӣ, ба монанди финиқӣ, эронӣ, юнонӣ, лотинӣ ва ғайра, ки бидуни пунктуатсия навишта мешудаанд, ҳатто фосилаи калимагӣ гузошта намешудааст ва ё чӣ тавре

ки зикр кардем, бо як каҷхата (масалан дар хатти мехӣ) ё нуқта ишора мегардидаанд. Ҳамин гуна ҳолати мушобеҳ дар осори хаттии асримиёнагии лотинӣ ва славиянӣ-кириллӣ мушоҳида мегарданд.

Таваҷҷуҳ кунед, ба намунае, ки профессор Анохина Т.Я. дар мақолаи худ “Из истории знаков препинания” овардааст:
“въоновремя*приближашесяпраздникъ*... (Архангельское Евангелие, XI век) [4, 2009, 230].

Дар ташаккули пунктуатсияи русӣ таъсири славиянҳои ҷанубӣ, усулҳои навишти юнонӣ, анъанаҳои чопи аврупоӣ (дар давраи Пётри I ва минбаъд), бахусус фаронсавиҳо нақши босазо дорад. Тарзи нигориш ва аломатҳои ғайриалифбоие, ки дар Англияи замонҳои англосаксонҳо ва баъд аз он истифода мешуд, ба анъанаҳои навиштории лотинӣ ва баъдҳо бо нусхагирӣ аз навгониҳои полиграфии фаронсавӣ марбут мебошад [61, 2000, 180].

Олими рус В.И. Классовский, ки ба таҳқиқоти таърихии таҳаввули забон ва пунктуатсия машғул буд, китобе бо номи “Краткая грамматика славяно-церковнаго языка” навишта, дар бораи ҳиссаҳои нутқ, падежҳо ва тағйироти имлоию пунктуатсионии забони славянӣ маълумот додааст. Ӯ китоби “Инҷил” ва кутуби ибодатии калисоҳои Россия: дастнависҳои солҳои 1056-1057, аз соли 1663, 1757 то 1885 нашршуда, яъне пайдоиши чопи комили “Инҷил”-ро бо забони славянии нав муқоиса карда, дар бораи имло (сархат, ҳарфҳои калон ва м.и.), аломатҳои болоисатрӣ (зада, сакта), аломатҳои ихтисорӣ (“Гсп`оди” ба ҷойи “Господи”) ва аломатҳои сатрӣ (пунктуатсионӣ) муқоиса карда, ба натиҷа мерасад, ки аломатҳои китобӣ бо маънои синтаксисиашон, танҳо бо пайдоиши китобчопкунӣ дар Русия пайдо шудаанд [45, 1857, 95-104].

Бори аввал М.В. Ломоносов дар китоби «Российская грамматика» бо номи «Дар бораи аломатҳо» оид ба аломатҳои китобии таҳқиккардааш маълумот додааст. М.В. Ломоносов аломатҳои китобиро вобаста ба вазифаҳои грамматикиашон чунин ном бурдааст: аломати

хитобро бо истилоҳи «удивительный» (тааҷҷубовар), қавсро бо истилоҳи «вместительный» (ғунҷонидан), аломати дефисро «единительный знак» (ҳамроҳкунанда) [52, 2011, 216].

Дар мақолае, ки Ансиферова О.Н. таҳти унвони “Об особенностях пунктуации в “Письмовнике” Н.Г. Курганова” ба нашр расонидааст, дар ин бора маълумоти ҷолибе ҷамъ овардааст. М.В. Ломоносов ва пайравони ӯ – Курганов Н.Г. менависанд: «Асосан аломатҳои китобӣ дар хатти русӣ дар нимаи дуюми асри XYIII ба низом дароварда шудаанд, миқдор ва номи онҳо чунин буд: нуқта, вергул, нуқтавергул, аломати савол ва хитоб”. Баъдтар пайравони М.В. Ломоносов, Н.Г. Курганов дар китоби «Письмовнике», А.А. Барсов, А.Х. Востоков, А.М. Пешковский аломатҳои китобиро таҳқиқ карда, аломати нохунакро бо номи «Вносный», аломати вергулро «отдохновения» (дамгирӣ, фароғат), аломати нуқтавергулро «дамгирии миёнаи байни вергулу нуқта»; аломати баён (дунуқта)-ро «эзоҳдиҳанда», аломати тиреро «молчанка» (хомӯшӣ), таваққуф (пауза)-ро «удержание голоса» ном гузоштаанд” [5, 2015, 8-18].

Баъд аз Инқилоби болшевикии Октябр, бо мақсади саводноккунонии сартосарӣ, дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистони тозатаъсис аз солҳои 1929-1930 то соли 1940 ба ҷойи хатти арабӣ истифодаи хатти лотинӣ ба роҳ монда шуда буд. Албатта, ин хат дар ҳаёти мадании халқи тоҷик нақши муайяни худро дорад, вале яке аз шартҳои ҷорӣ намудани он чунин буд: “бо мақсади якхела намудани алифбои нави тоҷикӣ, бояд мувофиқи имкон, ба алифбои халқҳои туркзабон наздик карда шавад...” [7, 1982, 62]

Хатти тоҷикии ҳозира, ки пайдоиши он бо номи бародарон Кирилл (826-869) ва Медофий (820-885) алоқаманд аст, шурӯъ аз соли 1940 то ҳол мавриди истифодаанд. “Баъди қабули алифбои нави тоҷикӣ (лотинӣ ва русӣ) аломатҳои китобатӣ ба адабиёти тоҷикӣ роҳ ёфта, мавқеи худро мустаҳкам карданд” [9, 1979, 50]. Имрӯзҳо пунктуатсияи забони тоҷикӣ

парра мутобиқ ба аломатҳои роиҷ дар забони русӣ буда, албатта дар дери таъсири синтаксиси тоҷикӣ руҳи миллӣ дорад.

1.3. Аҳаммияти аломатҳои китобат дар ифодаи мақсад

Пунктуатсия ба унвони пурбаҳстарин масъалаҳои синтаксиси забон, ҳанӯз ҳам дар ҳама забонҳои олам муҳим ва ҳалнашуда боқӣ мондааст. Агарчи инсон бо ихтирои хат тавонист аз қайду банди доимии фаромӯшӣ раҳо шавад ва аз ҳастию будиши худ барои пасояндагони дури худ паём расонад, боз ҳам дар тӯли ҳазорсолаҳост, ки дар такмилу тармими он банд аст. Зеро ҳанӯз ҳеҷ навиштае қодир ба расондани лаҳни гуфтор ва баёни эҳсосоти инсонӣ нест.

Ба андешаи донишманди фақиди тоҷик Баҳриддин Камолиддинов “Аломатҳои китобат барои саҳеҳ хаттӣ ифода кардани фикр ва беғалат қироат намудани матн хизмат мекунанд. Қоидаҳои истифодаи аломатҳои китобат асоснок ва устувор бошанд, муоширати хаттии ҷомеаро осон ва меъёри забони адабиро пойдор мегардонанд. Мутаассифона, қоидаҳои гузоштани аломатҳои китобат дар забони навиштории мо паҳлуҳои зиёди баҳснок доранд” [40, 2015, 3].

Бояд тазаккур намуд, ки аломатҳои китобат, пеш аз ҳама, аломатҳои забонӣ мебошанд. Ин аст, ки пунктуатсия бо пешрафтҳои забоншиносӣ ва ҷойгоҳи бештар аз пештар пайдо намудани навиштор дар зиндагии инсонҳо, нақши муҳимтар касб мекунад. Бахусус, дар замони пешрафтҳои боварнакардании технологияи компютерию рақамии ҳозиразамон, ки фосилаҳову вақту замонро аз миён бардоштааст, ниёз ба пунктуатсия ва аломатҳои гуногуни идеографию ғайринавишторӣ даҳчанд афзудааст. Яъне, низоми аломатҳо дар ҳоли такмилу ташаккули ҳамешагӣ буда, дар оянда низ бояд бознигарӣ шавад.

Яке аз муҳаққиқоне, ки истифодаи аломатҳои китобатро дар низомҳои компютерӣ шарҳу тавзеҳ намуда, “назарияи пунктуатсияи функсионалӣ”-и худро пешниҳод кардааст, Е. Ҷонсон [116, 2008]

мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки аз нуқтаи назари забоншиносӣ, истифодаи аломатҳои китобат дар забони англисӣ, ҳатто дар байни забоншиносон, беназир аст. Аз ин рӯ, дар нашрияҳо муҳаррирон бо ислоҳи пунктуатсионӣ услуби фардии муаллифонро нигоҳ намедоранд. Корбурди аломатҳои китобат метавонад ҳатмӣ бошад (масалан, дар охири ҷумла) ва низ метавонад ҳатмӣ набошад. Бешубҳа дар фаҳмиши падидаи “Пунктуатсия” дар миёни забоншиносон Б.С. Швартскопф, Г. Нанберг, Е. Ҷонсон ва дигарон иттифоқи назар дида мешавад.

Вале набудани пунктуатсия дар ҳама гуна хатти алифбоӣ дарку фаҳми онҳоро бисёр мушкил мекунад, чунончи ин мушкил ҳанӯз ҳам дар баррасии осори хаттии бостон (дар аксар забонҳо) мавҷуд аст. Аз ин рӯ, дар ин бора муҳаққиқони зиёд изҳори назар кардаанд.

Яке аз донишмандони эронӣ Ҳасан Оташпарвар дар китоби худ “Аломатҳои роиҷ дар навиштаҳои забони форсӣ” [135, 1360] аҳаммият ва нақши аломатҳои пунктуатсиониро махсус қайд кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки мумкин аст, хонанда ин нишонаҳоро унсурҳои нолозим донад, вале бо тааммули бештар маълумаш мешавад, ки ҳамин аломатҳо дар возеҳу фаҳмо шудани навиштаҳо нақши муҳим доштаанд. Оташпарвар бар ин бовар аст, ки “дар корбурди нишонаҳои нигоришӣ набояд ифроту тафрит сурат гирад. Ба иборати дигар, ҳамон тавр ки истифодаи баҷо аз нишонаҳо дар дарки беҳтари матн муфид аст, корбурди нобаҷои онҳо боиси ибҳом дар фаҳми навишта мешавад” [135, 1360, 90].

Яке аз муфассирони матнҳои динӣ Бенҷамин Бекон ба аҳаммияти пунктуатсия дар забони навишторӣ таваҷҷуҳ карда, дар мақолаи худ бо номи “Пунктуатсия, тарҷума, тафсир” [103, 1924, 243] бо дар назар гирифтани пунктуатсия, ба баррасии маънои қисмате аз китоби “Инҷил” пардохта, ба аҳаммияти пунктуатсия дар тарҷумаву тафсири ин китоби муқаддас таъкид кардааст. Ӯ муътақид аст, ки истифода аз аломатҳои пунктуатсионӣ ба матнҳои хаттӣ руҳи калом мебахшад.

Муҳаққиқи дигар Саломон дар мақолааш бо унвони “Қудрати пунктуатсия” истифодаи аломатҳои пунктуатсиониро ба сабку услуби нависанда вобаста медонад. Ӯ бар ин бовар аст, ки аломатҳои пунктуатсионӣ агарчи дар забони навишторӣ дида мешаванд, вале ҳаргиз шунида намешаванд. Аз назари ӯ, аломатҳои пунктуатсионӣ дар нутқи хаттӣ мизони суръат, баланду пастӣ, интонатсия ва фосилаҳои байникалима ва ҷумлаҳоро нишон медиҳад. Ӯ барои мисол мегӯяд: “Нуқта аломати исти комил аст, вергул суръати хонданро кам мекунад ва аломати савол дараҷаи баланду пастии овозро тағйир медиҳад” [128, 1990, 28-32].

Муҳаққиқи дигаре, ки таҳқиқоти нисбатан пурраи муқоисавӣ-типологии пунктуатсияи забонҳои русӣ ва англисиро анҷом додааст, Орехова Н.Н. [61] мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки дар замони ҳозир меҳвари низоми пунктуатсияро ҳам дар забони русӣ ва ҳам забони англисӣ аломатҳои китобат ташкил медиҳанд.

Дигар аз муҳаққиқони номвари эронӣ Хусрави Фаршедвард бар ин бовар аст, ки “тамоми қавоиде, ки каму беш ба забону хатти мо роҳ ёфтаанд, муфид ҳастанд” [144, 1387, 321]. Аз назари ӯ яке аз ин қавоиди воридшуда ба забони навиштории форсӣ пунктуатсия мебошад, ки аз Аврупо омада, дар хатти форсӣ роиҷ шудааст.

Муҳаққиқи тоҷик Шокиров Т. чунин ибрози андеша намудааст: «Муқаддамтарин аломати китобат нуқта мебошад. Баъдтар *дунуқта, бисёрнуқта, вергул ва нуқтавергул* роиҷ шудаанд. Ҳар кадоме аз аломатҳои китобат сайри таърихие доранд. Онҳо хусусан пас аз пайдо шудани матбааю чопхонаҳо ва техникаҳои матбавӣ интишор ёфта, бо мурури замон ҳар кадоме барои вазифаи махсусе таъин гардидаанд. Афзудану интишор ёфтани нутқи хаттӣ, анвои санъату жанрҳои бадеӣ, сабку услуби нигориш ва хусусан журналистика боиси зиёдшавии теъдоди аломатҳои китобат гардид. Тавре, ки ишора рафт, аломатҳои китобати дунё аз тамаддуни Шарқ сарчашма гирифтааст. Аломатҳои

китобати матбавиро бошад, аврупоиён муназзам сохтаанд ва ҳоло асосан он аломатҳое мустаъмаланд, ки дар асри XV муҳаققиқони венетсиягӣ қоидабандиву роиҷ кардаанд. Такомулу инкишофи аломатҳои китобат мақоми онҳоро дар нутқу кори хаттӣ, асари бадеӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, давлатдорӣ ва дипломатия ба дараҷае боло бардошт, ки имрӯз хурдтарин кору нутқи хатти бе онҳо тасаввурнопазӣранд» [96, 9-10].

Умуман, метавон гуфт, ки тамоми забонҳои олам ба ғайр аз он, ки соҳиби савту суръат ва оҳангҳои махсуси отифии худ ҳастанд, инчунин дорои хат ва дастури хоси худ мебошанд. Дастури забон аст, ки низоми ибораву ҷумлаороиро дар забони навишторӣ танзим мекунад ва дар такя бо вижагиҳои хатти худ пунктуатсияро ба кор мебарад.

1.4. Ташаккули назарияи аломатҳои китобат ва тамоюлоти асосии он дар забоншиносии муосир

Дар охири асри 20 дар забоншиносии муосир назарияи аломатҳои китобат бо дарназардошти аломатҳои китобат ҳамчун низоми махсус бартарӣ дошт. Низоме, ки дар ташкилаш мақсади функсионалии аломатҳои китобатро дар нутқи хаттӣ (матн) ва қисмҳои он инъикос мекунад.

Бо шарофати равиши функсионалӣ-низомвӣ дар назарияи аломатҳои китобат, маълум шуд, ки «хусусияти фарққунандаи низоми аломатҳои китобат дар он аст, ки ин низоми сунъӣ бешубҳа ба низоми табиӣ — бо забон нигаронида шудааст» [95, 150].

Дар аввалҳои асри 21, назарияи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо диққати ҷиддӣ ба фаъолияти аломатҳои китобат дар фаъолияти нутқи соҳибзабонон низ тавсиф карда мешуд, яъне дар муқоиса бо охири асри 20 тағирот ба вуҷуд омад, аз аломатҳои китобат, ки танҳо ба нутқи хаттӣ таалуқ доштанд, дар фаъолияти нутқи

и гӯяндагони ин ё он забон низ аломатҳои китобат ба назар гирифта мешуданд.

Аз ин сабаб, дар назарияи аломатҳои китобат бо усули коммуникатсионӣ-прагматикӣ равиши функционалӣ-низомвӣ, ки наметавонад ба мавзуи фаъолияти нутқ дар шакли хаттии худ аҳаммият диҳад, зуд бартараф карда шуд. Дар ин давра, яъне оғози асри 21, аломатҳои китобат ҳамчун «малакае фаҳмида шуд, ки новобаста аз таҷрибаи иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳамзамон бо соҳаи тафсири танқидии нутқ амал мекунад» [105, 48].

Далели он, ки таҷрибаи эмотсионалӣ-субъективии фаъолиятҳои нутқии соҳибзабонон ва ҳар каси дигар ҳоло арзиши бесобиқа ба даст меорад [132, 2005].

Бояд қайд кард, ки рушди назарияи аломатҳои китобат дар аввали асри 21 дар забонҳои гуногунсохтор бештар ба ғояи умумии забоншиносии асри 21 алоқамандии шадид дорад. Ҳамин тавр, ба гуфтаи академик В.А. Плунгяна, дар асри 21 «мо бояд бо забоншиносии тағирёбанда», бо «матне, ки ба усулҳои миқдорӣ, омӯзиши диахронӣ ва синхронии гуногуни забоншиносӣ нигаронида шудааст, рӯй оварем» [67, 7-10].

Чунин ба назар мерасад, ки назарияи аломатҳои китобат, ки мутобиқи равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ таҳия шудааст, ин тасвири забоншиносии асри 21-ро комилан қонеъ мекунад. Аммо, дар баробари таҳлили ҳолатҳо, усули функционалӣ инчунин дар доираи назарияи муосири аломатҳои китобат истифода бурда мешавад, ки хусусияти инъикоскунандагии зарурии аломатҳои китобатро аз забонҳои модарӣ талаб мекунад ва ё онҳоро ба инъикоси падидаҳои фарозабонии аломатҳои китобат ташвиқ мекунад [17, 2014; 105, 2011].

Масъалаи дигар ин аст, ки дар назарияи аломатҳои китобат, объективият бартарӣ пайдо мекунад. Он нуқтаи назар, ки «дар аломатҳои китобат муносибати эҳсосотӣ ва иродавӣ ба мавзуъ комилан

вуҷуд надорад ва танҳо як муносибат вуҷуд дорад» [66, 145] дар забоншиносии муосир мавқеи худро аз даст дода истодааст.

Нуқтаи назари объективӣ имкон медиҳад, ки далелҳои мухталифи аломатҳои китобат ва муносибати озод ба тафсири онҳо васеътар фаро гирифта шаванд. Таҳлили рисолаву мақолаҳои оид ба назарияи аломатҳои китобат навишташуда дар тайи солҳои 2000 то 2021 тамоюлҳои мушаххаси рушди назарияи аломатҳои китобатро нишон медиҳад. Дар ин ҳолат, тамоюлҳои асосӣ дар самтҳои таҳлили аломатҳои китобат дар доираи равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ва аломатҳои китобат дар гуногунии функсионалии онҳо дида мешаванд. Ҳадафи мо дар ин ҷо ҷамъбасти ин тамоюлҳои мушаххаси рушди назарияи аломатҳои китобат мебошад.

Бояд қайд намуд, ки то ҳол дар бораи назарияи аломатҳои китобат ҳеҷ гуна тасаввуроте вуҷуд надорад, ки тамоюлҳои асосии рушди он кадомҳоянд, то чӣ андоза онҳо бо тағирот дар шакли хаттии фаъолияти нутқии соҳибзабонон, махсусан тавассути муоширати компютерӣ (computer-mediated communication) вобастаанд ва дар ин робита, сарбории афзояндаи функсионалӣ ба соҳаи аломатҳои китобат, дар ниҳоят, чӣ гуна аз нуқтаи назари коммуникатсионӣ-прагматикӣ метавонад ба равиши аломатҳои китобат таъсир расонад [124, 299].

Дар ин ҷо мо кӯшиш намудем, ки барои бори аввал тамоюлҳои асосии рушди назарияи аломатҳои китобатро муайян созем, махсусан ба хусусиятҳои равшани назарияи аломатҳои китобат тавассути муносибати коммуникатсионӣ-прагматикӣ таъкид карда, хусусиятҳои хоси фаъолияти аломатҳои китобат дар шаклҳои гуногуни функсионалии онҳо нишон бидиҳем.

Тавре ки маълум аст, равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ мушкилоти дуҷонибаро ҳал мекунад: «чунин хосиятҳои воҳидҳои забонро, ки дар муошират пайдо мекунд, яъне дар робитаҳои мутақобилаи шарикон дар ҷараёни мубодилаи фикрҳо (ва эҳсосот), аз як

тараф ва бо назардошти ҷузъи назарраси воҳидҳои забон, ки бо шахсе, ки ин забонро ҳамчун воситаи коммуникатсия истифода мебарад ва интихоби худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, аз тарафи дигар, дар бар мегирад» [83, 5].

Бинобар ақидаи Н. Формановская равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ барои дарки «падидаҳои забонҳоӣ, ки дар шароити нутқи хаттӣ, бешубҳа ба воситаҳои аломатҳои китобат (аломатҳо, усулҳо ва ғайра) зоҳир мегардаднд», мусоидат менамояд.

Яке аз тамоюлҳои муҳимтарини рушди назарияи аломатҳои китобат, ки бо равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ сурат мегирад, пайдоиши ғояҳои нав дар бораи принсипҳои аломатҳои китобат, яъне дар бораи омилҳои муайянкунандаи фаъолияти аломатҳои китобат мебошад. Аввалан, принсипҳои ба таври умум қабулшудаи аломатҳои китобат (сохторӣ-синтаксикӣ, семантикӣ, интонационӣ) ҳамчун принсинҳои асосӣ қабул карда намешаванд. Имрӯзҳо мутахассисони аломатҳои китобат боварӣ доранд, ки дар аксари ҳол ин принсипҳо «дар шакли алоҳида эътибор надоранд» [20, 33].

Сониян, принсипи коммуникативӣ ё худ коммуникатсионӣ-прагматикӣ ҳамчун принсипи бартаридоштаи аломатҳои китобат номида мешавад, ки ба таври назаррас сегонаи номбаршударо низ фаро мегирад [3, 17].

Тавре ки Н.Л. Шубина иброз менамояд «меъёрҳои аслӣ бояд ҳамчун усули коммуникативӣ-прагматикӣ тасниф карда шаванд, зеро онҳо ҳадди аққал ҳатмӣ буда, истифодаи аломатҳои китобатиро мувофиқи шартҳои дар вазъияти муайяни коммуникатсионӣ муқарраршуда танзим мекунанд, яъне онҳоро дар матни мушаххас мавриди баррасӣ қарор медиҳанд» [97, 63].

О. Крилова дар принсипи коммуникатсионии пунктуатсия, рад кардани гузоштани (–) тиреро дар ҳукмҳои биномӣ бар аъзои асосии он шарҳ медиҳад. «Агар шумо тиреро нигоҳ доред, пас робитаҳои

семантикӣ ва синтаксисии ин узви дуввуми ҷумла дақиқ муайян карда мешаванд, масалан: Кӯдакон ба волидон — ёварон (Кӯдакон барои волидон кистанд?) ё: Кӯдакон — ёварони волидон (Кӯдакон кистанд?) » [48, 50]. Аз ин мисоли овардаи Крилова баръало равшан мегардад, ки овардани тире дар чунин мавридҳо зарур аст ва ҳангоми қироат ё дар матни шифоҳӣ низ таъкид кардани он тавассути ист (пауза) барои равшан намудани мақсади ниҳоии суханвар муҳим мебошад.

Аз шарҳҳои мазкур маълум мегардад, ки дер ё зуд мутахассисони соҳаи пунктуатсия маҷбур мешаванд, ки ба рамзсозӣ ва умумисозии (кодификатсияи ва унификатсияи) аломатҳои китобат гузаранд, зеро «оҳиста-оҳиста, дар амалияи суханронӣ, принсипи коммуникатсионӣ кайҳо боз роҳи худро кушодааст» [71, 380].

Сеюм, ба василаи устувории яке аз принсипҳо дар пунктуатсия метавон барои таъмини ҳам даркшавандагии нутқ, яъне дастрасу фаҳмо будани он ва ҳам муносибати услубии он шароити мусоид фароҳам овард. Ин ақида ба усули сохторӣ-синтаксисӣ дар пунктуатсия, ки дар мавриди он дар адабиёти илмӣ бисёр навишта шудааст, комилан татбиқ мешавад. Ҳамин тавр, ба ақидаи Шоу «Дар сатҳи синтаксис, аксари вергулҳо зиёдатӣ мебошанд, зеро ҷузъҳои ҳам аз ҷиҳати мантиқ ва ҳам аз ҷиҳати интонатсия тақсимнашавандаи нутқро бештар ва бештар фаро мегирад [126, 214]. Ба ин ақидаи Шоу мо ҳам ҷонибдорем, зеро амалан ҳеҷ суханвари тоҷикзабон (умуман форсигӯ) пеш аз пайвандаки «ки» ист (пауза) намекунад. Ин падида дар тақлид бо пеш аз «что» вергул мондан дар забони русӣ пайдо шуда, бо мумури замон ба яке аз қоидаҳои устувори пунктуатсионии забони тоҷикии муосир табдил ёфтааст.

Е. Кран тафсири нави пунктуатсияро ҳамчун «низомҳои аломатҳо ва унсурҳои графикӣ, ки барои ҳифзи тамомияти ҳукм дар шакли хаттӣ шифоҳӣ ва таъмини интихоби дурусти онҳо пешниҳод ва истифода мешаванд» пешниҳод мекунад [117, 136].

Таърифи Е. Кран кӯшиши нав кардани принсипи сохторӣ-синтаксисии пунктуатсия, ҳатто агар аз ҷониби муҳаққиқон нодида ва ба чашми кам гирифта шуда бошад ҳам, бо ғояҳои аслӣ ва дарки визуалӣ ҳамхонӣ мекунад. Тамоюли махсусе, ки дар назарияи пунктуатсия бо сабаби муносибати коммуникатсионӣ-прагматикӣ ба вуҷуд омадааст, тавсеаи функсияҳои аломатҳои пунктуатсия мебошад.

Қобили қайд аст, ки вазифаи пайвастшавӣ, ки аз ҷониби дефис таъмин карда мешавад, бо шартҳои пайвастагии синтаксиси аъзои чидаи ҷумла мутобиқат намекунанд. Хол он ки аз нуқтаи назари принсипи коммуникатсионӣ-прагматикии пунктуатсия вазифаи пайвастшавӣ (ё худ алоқамандӣ) хеле муҳим аст, зеро вобаста аз мавзуи нутқ дар фаъолияти нутқӣ, моҳияти ин вазифа ба таври гуногун дида мешавад.

Тамоюли назаррас дар назарияи пунктуатсия, ки дар асоси принсипи коммуникатсионӣ -прагматикӣ таҳия шудааст, тағир додани ғояҳо дар бораи воҳиди асосии пунктуатсия мебошад. Дар пунктуатсия шароити гуногуни нутқиро принсипҳои гуногуни синтаксисӣ, коммуникатсионӣ-синтаксисӣ ва коммуникатсионӣ-прагматикӣ барои аломат гузоштани изҳороти хаттӣ (яъне матн) тавассути аломатҳои китобатӣ инъикос мекунанд. Мавқеи принсипҳои пунктуатсия нисбат ба аломатҳои пунктуатсионӣ (аломатҳои китобат) аввалиндараҷа аст, яъне онҳо формула ё усули корбурди аломатҳои китобатро муайян мекунанд [46, 35].

Фаъолияти ифодаи экспрессивӣ-эмотсионалӣ дар журналистика ба пешфарзи дарки автоматии аломатҳои китобатӣ дар ҳолатҳои муайян ё дар ҳамбастагии муайян бо дигар унсурҳо асос ёфтааст.

Гуногунии усулҳои ифодаи пунктуатсия дар соҳаи журналистика нишон медиҳад, ки асоси механизми усулҳои пунктуатсияи экспрессивӣ ва истифодаи аломати пунктуатсия дар ин жанр, вобаста ба мақсади маводи пешниҳодшаванда фарқ мекунанд [27, 8].

Дар осори бадеӣ пунктуатсия бори эстетикиро бар дӯш мегирад, дар ташкили композитсияи ҳикоя иштирок мекунад, табиати нутқро муайян мекунад ва, албатта, бартарияти услуби муаллифро ба вуҷуд меорад. Масалан дар ҳикояи Эдгар По «The Tell-Tale Heart» чунин омадааст: True! — nervous — very, very dreadfully nervous I had been and am; but why will you say that I am mad? // Дуруст! — асабонӣ — хеле, хеле шадидан асабонӣ будам, аммо чаро шумо мехоҳед гӯед, ки ман девонаам?

Дар ин ҷо нависанда ҳолати рӯҳии персонажро бо аломатҳои китобат возеҳтар нишон медиҳад, ки яке аз мисолҳои хеле равшани ифодаи экпрессивӣ-эмотсионалӣ мебошад.

Ё ки намояндаи дурахшони ин матлаб метавонад шеъри «Интернет»-и Н. Скандиак бошад, ки дар он сӯҳбати холии ҷавононро дар ҳолати маҷозӣ бо истифода аз тасвирҳои компютерӣ (аломатҳои компютерӣ-интернетӣ) нишон медиҳад: @, --`----,---, яъне сӯҳбати онҳо мисли аккоси саг ё мошини шалақ садо медиҳад.

Ба туфайли алоқаи онлайнӣ як қатор навовариҳои саривақтӣ ба вуҷуд омаданд. Масалан, дур кардани аломати пунктуатсия аз ҳарфи ниҳоии изҳорот, мисол: Do you understand my wish_?

Қавсҳо ҳамчун ҷуфти пунктуатсия истифода намешаванд ва барои онҳо вазифаи нав эҷод шудааст, вазифаи эҳсосӣ-эмотсионалӣ ва мислӣ “) ” / ;-) / ;-(ва монанди инҳо.

Мувофиқи ақидаи Ҷ. Ракло, дар муоширати компютерӣ, вазифаҳои ифодакунандаи аломатҳои китобат аслан бо нутқи муқаррарии хаттӣ ё шифоҳӣ мувофиқ нестанд. Аз ҷумла, дар матни муоширати компютерӣ эллипс ҳамчун аломати муттаҳидкунанда истифода мешавад, ба мисли иваз кардани иттифоқ ё вергул, мисол: <yahoo> you mean to tell me cutie…you don’t have any old shoes / <Эҳе> шумо азизам мехоҳед гӯед, кия гон пойафзоли кӯҳна надоред [124, 301].

Омӯзиши гуногунрангии функсионалии пунктуатсия, ки гузаронида шудааст, барои муайян кардани баъзе намунаҳои умумӣ дар заминаи

мушаххасоти аломатгузории матн дар соҳаҳои гуногуни алоқаи хаттӣ ва шифоҳӣ замина фароҳам меорад. Якум, амалияи забоншиносии муосир дар заминаи аломатҳои китобат асосан ба мақсаднокии коммуникатсионии истифодаи аломатҳои китобат нигаронида шудааст. Дуввум, фаъолияти пунктуатсия ҳоло на танҳо аз рӯи меъёр маҳдуд аст, балки барои таҷассуми эҷодиёти мавзуи нутқ мувофиқ аст. Сеюм, омили эҳсосӣ-эмотсионалӣ назар ба омили сохторӣ дар торафт муҳимтар мегардад.

Марҳилаи куллан нав дар таҳияи назарияи пунктуатсия бо тағир додани таҳқиқоти пунктуатсия аз равиши функционалӣ-низомвӣ ба коммуникатсия-прагматикӣ алоқаманд аст. Имрӯз, дар назарияи пунктуатсия олимони соҳа аз тавсифи амалияи пунктуатсия хеле кам қаноатманданд ва барои фаҳмондани он, ки чӣ гуна вазифаҳои пунктуатсия дар муоширати хаттӣ ва шифоҳӣ истифода мешаванд, нигаронанд. Аз ин сабаб, дар ин ҷо нуқтаи назари объективӣ оид ба пунктуатсия ба таври назаррас бартарӣ дорад ва усули прагматикӣ торафт бештар истифода мешавад.

Дар назарияи пунктуатсияи забоншиносии муосир, ки ба равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ асос ёфтааст, аз нуқтаи назари иртиботи нутқ дар феҳристи хаттӣ ва аҳаммияти аломатҳои пунктуатсия дар амал, ки принсипҳо ва вазифаҳои пунктуатсия ба назар гирифта мешаванд, таносуби аломати пунктуатсия ва мавқеи пунктуатсия, пойгоҳи афзалиятноки аломатҳои китобат, ифодаи аломатҳои китобат, иқтидори семантикии пунктуатсия, пунктуатсияи матнҳои гуногун барин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Илова бар ин, равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ба дарки гуногунрангии функционалии фаъолиятҳои пунктуатсия, масалан истифодаи аломатҳои пунктуатсия дар муоширати компютерӣ мусоидат мекунад.

Ҳар яке аз ин аломатҳо ба як вазифа хос бошад ҳам, тобишҳои дигарро низ ифода мекунанд. Аломатҳои китобат як қисмати амалии

грамматика буда, тарз ва қонунҳои ифода кардани фикр ва андеша дар забон хизмат мекунанд. Ҳама гуна фикрҳое, ки дар хат таҷассум меёбанд, дорои хусусиятҳои гуногуни синтаксиси буда, ба воситаи қонунҳои махсуси грамматики ифода мегарданд. Аломатҳои китобат дар нутқи хатти бо хусусиятҳои хоси синтаксиси ва сохти грамматикии забон робитаи мустаҳкаме дошта, барои возеҳу равшан муайян ва муқаррар кардани маъноҳо ва тарзи ифодаи нутқ ёрии амали мерасонанд. Вазифаи амалии аломатҳои китобат дар ҷумла он аст, ки онҳо фосилаи овозҳои гуногунро нишон медиҳанд, нозукиҳои фикрро ҳифз мекунанд, тарзи баёнро равшан намуда, робитаҳои грамматикии сохту тартиби матнҳоро таъмину таъин менамоянд. Аломатҳои китобат дар забони тоҷики баъди қабул намудани алифбои лотини соли (1929) ва алифбои кирилли соли (1940) бо хусусиятҳои гуногуни худ дохил шудаанд [2, 6].

Хулосаи бобои аввал

Аз гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса баровард, ки инсон барои интиқоли фикр ҳамеша ба забон ниёз дорад ва ин ниёз ба забон бо пешрафти муошираты байнифарҳангӣ ва махсусан дар замони муосир дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ бештар мешавад. Имрӯзҳо нафақат донистани забони модарӣ, балки донистани забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои оламшумул, амри ногузир шуда истодааст.

Гуфтору навиштор ду абзори таҳаққуқи моддии забон ҳастанд, ки барои инсон қобили дарканд. Забони навишторӣ аз чигунагии вазъу ҳолати забони гуфторӣ дар замони китобат хабар медиҳад, ташаккулу таҳаввули онро дар даврахои гуногун нишон медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои асосии забони навишторӣ ин дорои аломатҳои китобат будани он мебошад.

Тавре мушоҳида мегардад, ҳар забон руҳи худро дорад ва хату пунктуатсияи худро агарчи аз дигарон гирифта бошад ҳам, дар он чизе афзуда ё аз он зудуда, ба худ мутобиқ сохтаанд. Аломатҳои ҳаракат дар

роҳ, қариб дар саросари дунё як хел аст, яъне табдил ба қоида ва фарҳанги роҳ рафтан шудааст. Аммо забон фаротар аз он аст, ки онро ба қонуну қавоиде пойбанд ва маҳор тавон кард.

Пунктуатсия низ монанди алифбоҳо мутобиқ ба забон ва дастури забон хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҳар кадоме аз забонҳои олам ба таври худ: яке аз хатти аслӣ ва равишҳои аломатгузории суннатии хеш истифода мекунад, дигарӣ аз хату аломатҳои бегонагон ба кор гирифтааст ва сеюмӣ бо иқтибоси яке аз ин ду унсури нигориш дастури забони худро такмил кардаанд.

Пунктуатсия ба унвони пурбаҳстарин масъалаҳои синтаксиси забон, ҳанӯз ҳам дар ҳама забонҳои олам муҳим ва ҳалнашуда боқӣ мондааст. Умуман, метавон гуфт, ки тамоми забонҳои олам ба ғайр аз он, ки соҳиби савту суръат ва оҳангҳои махсуси отифии худ ҳастанд, инчунин дорои хат ва дастури хоси худ мебошанд. Дастури забон аст, ки низоми ибораву ҷумлаороиро дар забони навишторӣ танзим мекунад ва дар такя бо вижагиҳои хатти худ пунктуатсияро ба кор мебарад.

Назарияи пунктуатсияи забоншиносии муосир ба равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ асос ёфтааст, аз нуқтаи назари иртиботи нутқ дар феҳристи хаттӣ ва аҳаммияти аломатҳои пунктуатсия дар амал таносуби аломати пунктуатсия ва мавқеи пунктуатсия, пойгоҳи афзалиятноки аломатҳои китобат, ифодаи аломатҳои китобат, иқтидори семантикии пунктуатсия, пунктуатсияи матнҳои гуногун барин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ба дарки гуногунрангии функсионалии фаъолиятҳои пунктуатсия, масалан истифодаи аломатҳои пунктуатсия дар муоширати компютерӣ мусоидат мекунад.

БОБИ II. ВАЗИФАҲОИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Вазифаҳои сохторию грамматикӣ ё синтаксисии аломатҳои китобат, амалан хеле шинохтатар аз вазифаҳои дигари он буда, бахусус дар нутқи хаттӣ мавқеи бориз дорад. Зеро дар китобати имрӯзаи ҳамаи забонҳои олам, бахусус забони тоҷикӣ ва англисӣ ҷобаҷогузории дурусти аломатҳои китобат, шарти муҳим барои то андозае фаҳму дарки саҳеҳи нутқи хаттӣ ба ҳисоб меояд.

Пунктуатсия ҷузъи ҷудонопазири донишу саводи хаттӣ ба шумор рафта, вазифаи асосии он, нишон додани ҷобаҷойии дурусти гурӯҳи калимаҳо дар таркиби ҷумла мебошад, то матлаби сухан фаҳмо гардад.

Дар забоншиносии муосир барои фаҳмидани присипҳои аломатгузорӣ се самти асосӣ шинохта шудааст:

1. Наҳвӣ (grammatical)
2. Мантиқӣ (logical)
3. Оҳангӣ (phonetical)

2.1. Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ

Бо рӯйи кор омадани алифбои лотинӣ (аз соли 1929) ва минбаъд алифбои нави кириллии тоҷикӣ (аз соли 1940), табиист ки аломатҳои пунктуатсионӣ ва қолабҳои ҷудогонаи ҷумлаорӣ низ ба забони тоҷикӣ роҳ ёфт. Дар баробари ин, забоншиносону донишмандонро зарур буд, ки барои мутобиқ кардани овозҳои алифбо ва пунктуатсия ба савту нигориши хоси тоҷикӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонанд. Албатта, дар байни 10-11 сол (ду бор!) тағйири алифбо ва мутобиқсозии он ба забони гуфтору навиштор кори саҳлу сода набуда, давра ба давра амалӣ гардидааст [7].

Дар хатти имрӯзаи забони тоҷикӣ, тибқи маъмул, даҳ аломати китобат – нуқта, вергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта, нуқтавергул, қавс, тире, нохунак ба кор меравад. Онҳо ба забони

тоҷикӣ навад сол қабл, яъне аз солҳои 30-юми асри XX, ҳамзамон бо истифода аз алифбои лотинӣ, албатта бо таъсири забони русӣ гузаштаанд.

Аломатҳои китобат дар навиштор аҳаммияти бас бузург доранд. Бе риояти аломатҳои китобат дар хатти кириллиасоси тоҷикии мо, аввалан, тартибу низоми ҷумлаҳо хуб ба роҳ монда намешаванд, сониян, фикрҳо дар хат пароканда сабт мегарданд. Аз ин ҷиҳат, дақиқӣ ва мушаххасии фикр ва мавзуи мавриди навиштор қароргирифта аз байн меравад. Аломатҳои китобат, умуман, ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: аломатҳои китобате, ки дар таркиб ё дохили ҷумлаҳо маҳалли корбурд қарор мегиранд ва аломатҳое, ки дар анҷоми ҷумлаҳо истифода мешаванд.

Аломатҳои таркиби ҷумла. Ба ломатҳои таркиби ҷумла вергул (,), баён (:), нохунак (“”), нимтире (-) тааллуқ доранд.

Аломати вергул. Аломати вергул дар чунин мавридҳо истифода мешавад:

1. **Дар ҷойи пайвандакҳои пайвасткунандаи ва, — у, — ю омада, чида шудани вожаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳоро фароҳам меоварад:**

а) **вожаҳоро чида менамояд**. Намуна: Ман, Нилуфар, Бежан ва Сӯҳроб дирӯз ба китобхонаи “Фирдавсӣ” рафта будем;

б) **ибораҳоро чида менамояд**. Мисол: Нурҳои тези офтоб, борони резаву гарм, нармбодаи омехта бо ҳарорати офтобу рутубати борон, чаҳчаҳи паррандагони нав аз сӯйи хунукӣ кӯчбаста, мӯғчаҳои нав дар ҳоли шукуфоӣ қарордошта, ҳамаи инҳо далолат бар зебоии арӯси сол мекарданд;

в) **ҷумлаҳоро чида менамояд**. Намуна: Мӯйсафед дигар намехандид, бисёр ҷиддӣ шуд, лабонаш ба ҳам часпиданд, гӯё ки лабони ӯ боре ҳам табассумро надида буданд.

2. **Барои алоқаманд кардани ду ҷумлаи сода бо ҳам ва дигар воҳидҳо бо ҷумла дар ҷумлаҳои навъи пайваст:**

а) **дар ҷойи пайвандакҳои ва, — у, — ю**. Мисол: Ӯ сӯйи мо менигарист, мо ҳам сӯйи ӯ чашм медӯхтем ;

б) **пеш аз пайвандакҳои пайвасткунандаи аммо, вале, лекин омада, ҷумлаҳои содаро бо ҳам алоқаманд мегардонад.** Мисолҳо: Дирӯз ман ҳам омада будам, аммо онҳоро надидам. Ин писар зеҳни қавӣ дорад, вале волидайн ба ӯ кам аҳаммият медиҳанд. Илми фалсафа басо ҷолиб аст, лекин бисёр мураккабу мушкил ҳам ҳаст;

в) **баъди пайвандакҳои пайвасткунандаи аммо, вале, лекин омада, самти маънои ҷумларо тағйир медиҳад, яъне бар ҷумла тобиши хилоф ва инкор мебахшад.** Мисоҳо: Аммо, ӯ дурӯғ гуфта буд ва дигарон низ сохта будани суханонашро дарк карданд. Вале, модар боз ҳам ду дидаи пурнамаш ба сӯйи раҳгузари ягона писараш чор буд. Лекин, Фараҳноз бехабарии худро ифшо накард ва монанди онҳо худро хурсанд вонамуд кард;

г) **пас аз ҷузъи дуввуми силсилапайвандакҳои пайвасткунандаи гоҳ … гоҳ, хоҳ … хоҳ, ё … ё омада, пайдарҳамии фикрро фароҳам меоварад.** Мисолҳо: Кӯдак гоҳ сахт гиря мекард, гоҳ овозаш тамоман паст мешуд. Хоҳ доимо берун аз ватану зодгоҳ бошӣ, хоҳ боре ҳам аз ватан набаромада бошӣ, бояд ҳамеша фикри хидмати ватан дар мадди аввал бошад. Ё аз он макон тезтар берун рав, ё худро бисёр вонамуд макун.

3. **Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ.** Аломати вергул пеш ё пас аз пайвандакҳои тобеъкунанда гузошта мешавад. Агар пайвандакҳои мазкур дар аввали ҷумлаи дуввум ё саввуми ҷумлаи мураккаб биёянд, вергул ҳам пеш аз худи ин пайвандакҳо меояд. Аммо, агар вергул пас аз пайвандакҳои мазкур биёяд, дар охири ҷумлае, ки ин пайвандакҳо дар он истифода шудаанд, гузошта мешавад, на дар охири худи пайвандак. Ин қоида барои ҳама навъҳои пайвандаки тобекунанда як аст ва барои низому мантиқи ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаб бояд риоя шавад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вергул барои ҷумлаи пайравро ба

сарҷумла аз ягон ҷиҳат ва бо ягон тобиши маъноӣ тобеъ намудан гузошта мешавад:

а) **дар ҷумлаҳои пайрави сабаб**. Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои ки, зеро, зеро ки, чун, чунки, азбас, азбаски, модом ки, чаро ки, бо (ба, аз) сабаби он ки … сабабу иллати иҷроиши амалро муайян мекунанд, сохта мешаванд. Мисолҳо: Рустам дигар намехост он ҷойро бубинад, зеро пояш намекашид ва дилаш аз чизе гувоҳӣ медод. Чун пояш намекашид ва дилаш аз чизе гувоҳӣ медод, Рустам дигар намехост он ҷойро бубинад;

б) **дар ҷумлаҳои пайрави мақсад**. Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои ки, то, то ки, то ин ки, барои он ки …, ки мақсади иҷроиши амалро муайян мекунанд, сохта мешаванд. Мисолҳо: Ҳама хомӯш шуданд, то ин ки овози пасти дохили хонаро бишнаванд. Барои он ки овози пасти дохили хонаро бишнаванд, ҳама хомӯш шуданд;

в) **дар ҷумлаҳои пайрави замон**. Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои вақте ки, ҳангоме ки, замоне ки, овоне ки, давроне ки, айёме ки, пеш (пас) аз он ки, қабл (баъд) аз он ки …, ки замони иҷроиши амалро муайян мекунанд, созмон меёбанд. Намунаҳо: Замоне ки дар ҳама ҷо қаҳтсол ҳукмфармо буд, ӯ аз чизе камбуд надошт. Ӯ аз чизе камбуд надошт, замоне ки дар ҳама ҷо қаҳтсол ҳукмфармо буд;

г) **дар ҷумлаҳои пайрави тарзи амал**. Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои дар ҳолате ки, дар вазъе ки, бе он ки …, ки ҳолату вазъи иҷроиши амалро муайян мекунанд, созмон меёбанд. Мисолҳо: Бе он ки модар кӯзаи обро дар замин гузорад, кӯдакашро дар дасти дигараш мегирифт. Модар кӯдакашро дар дасти дигараш мегирифт, бе он ки кӯзаи обро дар замин гузорад;

ғ) **дар ҷумлаҳои пайрави монандкунӣ**. Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои чунонки, ҳамчунонки, монанди он ки, мисли он ки, гӯё ки …, ки монандии иҷроиши як амалро бар дигар амал мефаҳмонанд, сохта мешаванд. Мисолҳо: Ҳамчунонки Нозофарин як ҳафта пеш дар дарси

сиёсатшиносӣ иштирок накарда буд, ин ҳафта низ дар ин дарс иштирок нанамуд. Ин ҳафта низ Нозофарин дар дарси сиёсатшиносӣ иштирок накард, ҳамчунонки як ҳафта пеш иштирок нанамуда буд;

д) **дар ҷумлаҳои пайрави шарт**. Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои агар (гар, ар), ба шарте ки …, ки шарти иҷроиши амалро ифода мекунанд, созмон мепазиранд. Намунаҳо: Агар китобҳои “Тоҷикон” ва “Таърихи табартақсим”- ро бо худ бибарӣ, ман ҳам бо ту хоҳам рафт. Ман ҳам бо ту хоҳам рафт, ба шарте ки китобҳои “Тоҷикон” ва “Таърихи табартақсим”- ро бо худ бибарӣ;

е) **дар ҷумлаҳои пайрави хилофӣ.** Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои агарчи, агарчанде ки, ҳарчанд (е) ки, бо он ки, бо ин ки, бо вуҷуди он (ин) ки …, ки хилофи иҷроиши амалро ифода мекунанд, сохта мешаванд. Мисолҳо: Бо ин ки дишаб қариб то субҳ китоби “Равоншиносии умумӣ”- ро хонда будам, имрӯз аз ин фан баҳои дилхоҳамро нагирифтам. Имрӯз аз ин фан баҳои дилхоҳамро нагирифтам, бо ин ки дишаб қариб то субҳ китоби “Равоншиносии умумӣ”- ро хонда будам;

ё) **дар ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷав.** Ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои ба миқдоре ки, ба дараҷае ки, ба андозае ки, ба ҳадде ки, ба қадре ки …, ки миқдору дараҷа ва ҳадду андозаи иҷроиши амалро ифода мекунанд, созмон мепазиранд. Намунаҳо: Ба андозае ки дар нимсолаи якум аз фанни фалсафа комёб мешудам, дар ин нимсола муваффақ нашуда истодаам. Дар ин нимсола аз фанни фалсафа муваффақ нашуда истодаам, ба дараҷае ки дар нимсолаи якум комёб мешудам.

4. **Пас аз ҳиссачаҳо гузошта мешавад**. Аломати вергул дар ҷумла ҳиссачаро аз воҳидҳои баъдии худ ҷудо мекунад. Намунаҳо: Оре, ин писар дар ҷинояти мазкур даст дорад. Не, ман ӯро бори аввал дидаам.

5. **Ҳангоми истифодаи мухотаб, нидо ва ягон воҳиди туфайлӣ**. Дар ин маврид, агар мухотаб ё нидо ва ё воҳиди туфайлӣ дар оғози ҷумла

биёяд, аломати вергул баъди онҳо гузошта мешавад. Агар онҳо дар миёни ҷумла коргир шаванд, аломати вергул аз ду ҷониби онҳо гузошта хоҳад шуд. Вале, агар дар анҷоми ҷумла ба кор гирифта шаванд, вергул пеш аз онҳо хоҳад омад:

а) **ҳангоми истифодаи мухотаб.** Мисолҳо: Писарам, чун як пиронсол бадар омад, ба ҳурмати асои дасташ аз ҷойи худ бархез. Аз ҷойи худ бархез, писарам, чун як пиронсол бадар омад. Чун як пиронсол бадар омад, ба ҳурмати асои дасташ аз ҷойи худ бархез, писарам;

б) **ҳангоми корбурди нидоҳо**. Намунаҳо: Дареғо, он рӯзи дидор охирин дидори ман бо ӯ буд. Он рӯзи дидор, дареғо, охирин дидори ман бо ӯ буд. Он рӯзи дидор охирин дидори ман бо ӯ буд, дареғо;

в) **ҳангоми истифодаи воҳидҳои туфайлӣ**. Мисолҳо: Ба андешаи ман, илми ҷолибтару шавқовартаре аз таърих вуҷуд надорад. Илми ҷолибтару шавқовартаре аз таърих, ба андешаи ман, вуҷуд надорад. Илми ҷолибтару шавқовартаре аз таърих вуҷуд надорад, ба андешаи ман.

6. **Ҳангоми коргирии аъзои истисноии ҷумла**. Дар ин маврид аъзои истисноӣ дар миёни ҷумла ҷой дода мешавад ва аз ду ҷониби он ё вергул, ё қавсайн (ки баъдан дар мавзуи худҳоҳад омад) гузошта мешавад. Намунаҳо: Достонҳои Ҳаким Фирдавсӣ, “Рустам ва Сӯҳроб”, “Сиёвуш”, дар тарбияти меҳанпарастии ҷавонон нақши бас муҳим доранд. Шоирони сабки ироқӣ, Саъдӣ, Амир Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, дар инкишофи минбаъдаи ғазали форсӣ хидмати бузург кардаанд.

Аломати баён. Ин аломат, чунонки аз номаш пайдост, барои шарҳу тавзеҳ, яъне баён кардани фикр дар ҷумла корбурд мешавад. Баён дар чунин мавридҳо ба кор гирифта мешавад:

а) **Барои шарҳу баёни фикр ва муфассал кардани он.** Бояд гуфт, ки дар ин маврид метавон ин аломатро пеш аз аъзои истисноӣ ҳам гузошт, яъне дар ҷойи ду вергул ё қавсайн. Мисолҳо: Донишҷӯёни соли якуми факултаи мо: Анӯшервони Одил, Кайхусрави Бузургмеҳр, Дорои Баҳром ва Фарангиси Афросиёб дирӯз дар шанбегии донишгоҳ иштироки

фаъолона доштанд. Се шоири бузурги се навъи асосии шеъри классикӣ: Абулқосими Фирдавсӣ, Анварии Абевардӣ ва Саъдии Шерозӣ ҳамчун паямбарони шеъри форсӣ эътироф шудаанд;

б) **дар зершуморҳо (пунктҳо)**. Дар ин маврид барои муфассалтар баён кардани мавзуот истифода мешавад. Намунаҳо: Адабиёти классикии форсу тоҷик, ба вижа назми он, аз нигоҳи услуб ва тарзи баён ба се сабки алоҳида гурӯҳбандӣ шудааст:

1) сабки хуросонӣ ё мовароуннаҳрӣ;

2) сабки ироқӣ;

3) сабки ҳиндӣ

в) **Дар муколамаҳо ва гуфтугӯйи миёни чандин кас.**

Мисол:

Нахустин бор гуфташ, к- аз куҷойӣ,

Бигуфт: “Аз дори мулки ошнойӣ.”

Бигуфт: “Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?”

Бигуфт: “Андӯҳ х (в)аранду ҷон фурӯшанд.”

Мутаассифона, дар давоми ин қадар солҳо, бахусус ҳаштод соли истифодаи хатти кириллӣ, вобаста ба аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ, сарфи назар аз муҳим будани масъала, ба ҷуз корҳои А. Эшонҷонов [100],С. Шербоев [93], Ғ. Маликов [54], Х. Ҳусейнов [86; 87], Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров [84], У. Обидов, Ш. Каримов [60], Т. Шокиров [96], Б. Камолиддинов [39; 40] ва баъзе мақолаҳо дар методикаи таълими он, то имрӯз таҳқиқоти комиле ба чашм намерасад.

Аломатҳои китобатро аз рӯйи вазифа ба аломатҳои ҷудокунанда (тире, қавс, нохунак), фарққунанда (нуқта, вергул, нуқтавергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта) ҷудо мекунанд. Инчунин, вобаста мавқеи корбурдашон онҳо ба аломатҳои китобати маъмул дар охири ҷумла (нуқта, савол, хитоб, сенуқта, нуқтавергул), аломатҳои китобати маъмул дар дохили ҷумла (вергул, дунуқта (баён), нохунак, тире) ва муштаракмавқеъ тақсимбандӣ карда мешаванд.

Дар ишора ба масъалаи вазифаи асосии истеъмоли аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ Х. Ҳусейнов андешаҳояшро чунин баён намудааст: «Функсияи таъйинии аломатҳои китобат аз он иборат аст, ки онҳо дар якҷоягӣ бо дигар унсурҳои нутқ (калима, шаклҳои грамматикии калима ва сохти синтаксисӣ) ҳангоми нутқи таҳрирӣ барои ифодаи фикр ва ҳиссиёт хизмат мекунанд» [86, 121].

Аломатҳои китобат се ҷанба доранд: маъноӣ (ё мантиқӣ), дастурӣ (ё грамматикӣ) ва оҳангӣ (ё интонатсионӣ). Вазифаи асосии ин се ҷанба ба тариқи хаттӣ дақиқ ифода кардани мақсад ва аз тарафи хонанда равшан дарк намудани муҳтавои асосии матлаби нигошташуда аст. Мо низ, дар ин бахши корамон, барои гурез аз такрори гуфтаҳои китобу дастурҳои марбут ба аломатгузорӣ навишташуда, бештар ба шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои болозикр мепардозем ва аз қоидаҳои ҷою мавқеи гузоштани онҳо камтар баҳс мекунем.

2.2. Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони англисӣ

Аломатҳои китобат ҳамчун низоми ягонаи маъноӣ дар байни аъзоёни ҷумла ва матн бо мақсади дарки беҳтари он муайян карда шудаанд. Аз ин нуқтаи назар гуногунҷабҳагии аломатҳои китобат ба маънои «танг»-и аломатҳои китобат ба маънои «васеъ» (давомнокии аъзоёни матн дар саҳифа) алоқамандӣ дорад. Нуқтаи назари додашуда дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ дар алоқамандӣ ба ҳалли ин мушкилот бамаврид зикр шудааст, ки истифода набурдан ё ғалат кор фармудани аломатҳои мазкур боиси мавҳумию носаҳеҳии ифодаи андеша гашта, фикри нависанда – муаллифи матнро мураккабу муғлақ ва душворфаҳм месозад.

Ҳамчунин, Л. Б. Шапиро таъкид менамояд, ки «аломатҳое, ки дар нутқи хаттӣ байни калимаҳо ё гурӯҳи калимаҳо гузошта мешаванд, аломатҳои китобат ном доранд ва маҷмӯи қоидаҳо оид ба истеъмоли ин аломатҳо пунктуатсияро ташкил медиҳад» [90, 79].

Дар як ё якчанд корҳои илмии хориҷиён проблемаи назариявии аломатҳои китобати забони англисӣ дода шудаанд. Я.К. Грот аломатҳои китобатро ҳамчун ба тартиб оварандаи имлои забон ҳисоб мекунад. Аз руӣ ақидаи Я.К. Грот аломатҳои китобат танҳо барои нишон додани алоқамандии зиёд ё кам доштан дар байни ҷумлаҳо ва қисман аъзоҳои ҷумла хидмат мерасонанд. Хусусиятҳои аломатҳои китобат аз тарафи Я.К. Грот тадқиқ нашудаанд, аммо истифодаи аломатҳои китобат фақат дар дараҷаи ҷумла ва ибора дида шудааст. Аммо қоидаҳои навишти аломатҳои китобат, ки аз ҷониби Я.К. Грот шаклгирӣ шудаанд, дар давраи олим мавриди истифода буданд ва ҳамчунини то имрӯзҳо аҳаммияти худро гум накардаанд [25, 112]. Номи ӯ, чихеле ки А.Б. Шапиро қайд кардааст, бо омӯзиши аломатҳои китобат дар асос ва алоқамандӣ бо илми наҳв (синтаксис) боқӣ монд [90, 56].

Дар қисмати аломатҳои китобати грамматика Я. К. Грот тезис дар бораи асоси синтаксисии аломатҳои китобатро ба як шакли аниқе даровардааст [25, 114].

Қайд кардан мумкин аст, ки натиҷаҳои рамзгузории истифодабарии маъмулии имрӯза дар охири асри XIX пурратар дар монографияи олим Н.Н. Орехова [61, 2000] қайд шудааст. Дар ин асарҳо олимон нишон медиҳанд, ки маҷмуи аломатҳои китобат дар таҷрибаи нутқи хатӣ ва шифоҳӣ истифода мешаванд. Муҳаҳиқ қайд мекунад, ки гарчанде дар асри гузашта аломатҳои китобат дар асоси илми наҳв таҳқиқ шудаанд, дурустшавии онҳо бо хусусиятҳои талафуз ихтисор намешаванд, ҳаммаи истифодабарии аломатҳои китобат дар замони муосир таҷрибаи аналогии асри XIX–ро доро мебошанд [61, 2000; 109].

Бағайр аз он, чи хеле ки муҳаққиқ Е.В Дзякович қайд кардааст, дар забоншиносӣ истилоҳи “васеъ”-и аломатҳои китобат мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар ин раванд аломатҳои китобат натанҳо бо дигар аломатҳо муносибат доранд, балки гуногунҷабҳагии вобастагии аъзои матн: асосҳои ҷамла, фосилаҳо, сархатҳо аломатҳои бахшҳо,

ситорачаҳо ва дигар аломатҳои полиграфӣ ҳам дар он ба мушоҳида мерасад [27, 1995].

Мафҳуми васеъи аломатҳои китобат аз нигоҳи И.А.Бодуэн де Куртэне – ин пеш аз ҳама аломатҳои ист: нуқта, дунуқта, нуқтавергул, вергул ва ҷудо кардани навиштаҷот ба бахшҳо, бобҳо, ба параграфҳо, моддаҳо, сархатҳо, (хатчаи ҷудокунанда) тире, фосила, қавсҳо, аломатҳо дар поёни саҳифа ва ё дар охири китоби нохунак, апостроф мебошад [14, 1963].

Фаҳмиши ба ин монанди моҳияти истилоҳи аломатҳои китобат дар корҳои тадқиқотии олим Л.В. Шерба, ки дар онҳо хусусиятҳои умумии аломатҳои китобат дида баромада шудаанд, хизмат мерасонанд. Сархат, ҷудокунии матн ба қисмҳо, хат дар байни саҳифаҳо, тире, нимтире, фосила, апостроф бошанд ба гурӯҳи умумии аломатҳои китобат дохил мешаванд [98, 1935]. Таркиби мафҳумҳои танг ва васеи аломатҳои китобат дар корҳои олимон В.Ф. Иванова [33, 1962], А. Н. Наумович [56, 1983], Н. С. Валгина [20, 1983] тасвир ёфтааст.

Хусуиятҳои грамматикии ба аломатҳои китобат дар корҳои илмии Б.С. Шварсткопф [91, 1988] асвир шудаанд, ки истифодаи аломатҳо дар охири ҷумла (матн) ва мавқеи махсуси ин аломатҳо дар ҳар як чунин маврид (аввал, мобайн ва охири ҷумла (матн)) ҷудо карда нишон дода шудаанд. Бо мафҳуми васеъи истилоҳи аломатҳои китобат хусусиятҳои вазифавӣ (функсионалӣ) ва муҳимтарини аломатҳои китобат ҳамчун иштироки он дар ташкили графикии матн ва алоқаи байни аъзоҳои матни хаттӣ ҷудо карда шудаанд [27, 1995].

Дар тадқиқотҳои Б. С. Швартскопф низоми сохтории ба аломатҳои китобат дарҷ гардидаанд:

1. Бо ҳам алоқаманд намудани ҷузвҳои таркибӣ;
2. Ҳар яки онҳо вазифаҳои худро доранд;
3. Хусусияти ҳамвазнӣ ва гуногунвазнӣ доранд [91, 1988, 8].

Б.С. Швартскопф низоми аломатҳои китобатро дар қаторҳои муқобили зерин гузоштааст:

1) Дар алоқамандӣ бо мавқеи ҳамаи аломатҳои китобат дар ҷумла, онҳоро ба аломатҳои аввал, миёна ва охири ҷумла ҷудо кардаанд. Ҳамин тавр ҳам ҳаст, ки аломатҳои ҳар мавқеъ дар муқобили аломатҳои китобати мавқеи дигар гузошта мешаванд.

2) Ба ҳам муқобилгузории аломатҳои китобати танҳо ва ҷуфт ва ҳамчунин вазифаи онҳо:

а) Ҷудокунанда (як аломати ҷудогонаи синтаксисӣ аз дигараш). Ин хусусият танҳо ба аломатҳои китобати танҳо хос аст.

б) Интихобкунанда (дар ҳудуди муайяни сохтори синтаксисӣ нишон дода мешавад). Ин хусусият ба аломатҳои ҷуфт хос аст.

3) Аз ҳама муҳим муқобилгузории хусусиятҳои шаклӣ-грамматикӣ ва маънои аломатҳои китобат мебошанд.

4) Муқобилгузории истифодабарии аломатҳои китобат пеш аз ҳама дар аломатҳои китобат номуҳим (озод мувофиқи интихоби навиштор), яъне гузоштани аломатҳои китобат ё яке аз зидмаънои онҳо барои фаҳмондани маънои наздик ба низоми сохторӣ [91, 1988]. Чи хеле ки Б. С. Швартскопф нишон медиҳад, низоми аломатҳои китобат марказ ва намуди зоҳирии худро доранд. Марказ аз аломатҳои китобати асосӣ, иборат аз аломатҳои ҷудогона ё ҷуфт, ки инъикоскунандаи аъзоёни матн ҳастанд, таркиб ёфтааст [91, 1988; 119 -122]. Қисмати зоҳирии низоми аломатҳои китобат се хусусияти гуногунҷинсии воситанокӣ, мустаҳкамӣ дар зернизом ва намудҳои вазифавии алоқаи дутарафаи аломатҳоро тасвир мекунад [91, 1988; 120]. Ба сохтори зоҳирии аломатҳои китобат намудҳои зоҳиршавии аломатҳоро метавон тасвир кард: масалан ба хатти моил ҷудо кардан, зерхат кашидан ва аломатҳои таъминкунандаи мазмун дар байни ҷузвҳои матн [46, 2007, 27].

Зери мафҳуми аломатҳои китобат Б.С. Швартскопф чунин ақидаҳоро шарҳ додааст: 1) Низоми ҳатмии графикӣ ё ғайриалифбоии

аломатҳо, дар якҷоягӣ бо графика ва қоидаҳои имло, дар маҷмуи вобастагии забони навишторӣ (хаттӣ). Барои ҳамин асоси низоми аломатҳои китобатро, чи хеле ки олимон қайд кардаанд, ташкилёбии графикӣ ва аъзоёни матни хаттӣ ташкил мекунанд.

2) Маҷмӯаи қоидаҳои рамзгузарии аломатҳои китобат, ки дар матни хаттӣ ба муомилот дароварда шудаанд, таърихан барои забони табиӣ хизмат мекунанд.

3) Илми забоншиносӣ низоми ҳақиқии аломатҳои китобат вазифа ва усули истифодаи онҳоро меомӯзад [91, 1988,8]. Чихеле ки олим Е.В. Дзякович қайд мекунад, чунин бархӯрди низомнок ва сохторӣ бо аломатҳои китобат, онҳоро ҳамчун низоми худамалкунанда мефаҳмонад. Ҳамчунин тасаввурот дар бораи ду гурӯҳи аломатҳои китобат “васеъ” ва “маҳдуд” барои ба таври умумӣ дарк кардани аломатҳои китобат маълумот медиҳанд ва ба таври ошкоро иҷозат медиҳад, ки аломатҳои китобат ҳамчун низоми кушод дида баромада шавад [27, 1995:20].

Аломатҳои китобати матн дар корҳои тадқиқотии Б.С. Швартскопф [Швартскопф, 1988], Н.Л. Шубинов [Шубина, 1999] Л.М.Колсов [Колтсов, 2003; 2007] ва дигар тадқиқотҳо баррасии худро ёфтаанд. Аз рӯи тадқиқоти Колтсова [Колсова, 2007] матни бадеӣ аз рӯи нуқтаи назари аломатҳои китобат назар карда мешавад, ки дар навбати худ мавқеи нави ин гуна аломатҳо дар даҳсолаи охир дар чорчӯбаи прагматикӣ дар забоншиносии парадигматикӣ ҳамчун воҳиди ягонаи матн дар шакли гуфтор тасвир ёфтааст. Л.М. Колсова қайд мекунад, ки муносибати прагматикӣ ба аломатҳои китобат ва услуби графикии матн (ҳачун объект) ва хусусиятҳои воҳидҳои пурмазмуни аломатҳои китобат (ҳамчун предмети тадқиқ) моҳиятан ба инкишофи назарияи аломатҳои китобат хизмат кардаанд. Аз рӯи қонуниятҳои ба талабот ҷавобгӯбуда ва таҷрибаи аломатҳои китобат бо далели баҳснашаванда ҷавоб додан ба саволе, ки забон бе ҷабмъбасткунӣ, хулосабарорӣ ва тасвир дар ҳудуди забонӣ забони мукаммал буда наметавонад, мумкин аст [46, 2007,5]. Ба

ақидаи Л.М. Колтсов дар байни унсурҳои забонӣ ва матни том алоқамандие вуҷуд дорад, ки онро бе иштирокиаломатҳои китобат тасаввур кардан аз имкон берун аст. Воситаҳои аломатҳои китобатро Л.М. Колтсов аз рӯи шакл ва ифодаҳояш чунин таснифбанди карда аст:

1) Аломатҳои китобати таркибӣ аз ду аломати гуногун таркиб ёфтаанд (масалан ; / ?!);

2) Аломатҳои китобати дугоник (аломатҳое аз ду аломати якхела таркиб ёфтаанд: () / [] / “” / «»).

3) Аломатҳои китобати маҷмуӣ (аломатҳое ки аз элементҳои гуногун (ду ва зиёда) иҷрокунандаи як вазифа: аломатҳое ки шакли матнро ба тартиб медоранд дар намуди сархат, аломатҳои “тире ва вергул” (–, ё , –) ва аломатҳое ки сохтори аъзоҳои якчинсаро бо ёрии калимаҳои ҷамъбасткунанда ба шакл медароранд.

4) Аломатҳои таркибӣ ё мураккаб аломатҳои гуногунвазифае, ки дар як қатор мавқеи аломатҳои якҷоякардашуда таркиб ёфтаанд.

5) Аломатҳои номуайн, ки дар қатори аломатҳои графикии нутқи хаттӣ тасвир мешаванд (ба чунин аломатҳо ҷудокунии гуногунмаъно, масалан – ҳарфи калон, шомиланд). Дар идома муҳаққиқ вазиаҳои асосии аломатҳои китобатро оварда, чунин зикр намудааст:

1) Вазифаи алоқамандӣ ва пайвасткунӣ (ин вазифа бо элементҳои дохили гуфтор алоқаманд аст).

2) Вазифаи равшанкунӣ ё вазифа барои равшан кардани маънои гуфтор (аломатҳои иҷрокунандаи ин функсия нохунакҳо мебошанд).

3) Вазифаи баёнкунандагӣ. Ин вазифа тавассути аломати махсуси худ - “дунуқта” (аломати баён) амалӣ карда мешавад.

Дунуқта, мефаҳмонад Л.М.Колтсов, - ин сигнале ҳаст, ки қисми аввал ва дуюми ҷумлаҳои мураккабро ба ҳам алоқамад мекунад. Ҳамин тавр, дунуқта аломати аз ҳама муҳим дар нутқи айнан нақлшуда буда, дар ин навъи гуфтор ба таври васеъ истифода мешавад.

Ғайр аз ин аломатҳои ҷубронкунандаро низ ҷудо кардаанд, ки инҳо аломатҳои ивазкунандаи мавқеъ ҳастанд. Онҳо ба ақидаи Л.М.Колтсов ошкор менамояд, ки аломатҳои бисёрвазифа алоқаҳои таркибиро пешниҳод менамоянд ва барои ҳамин шумораи вазифаҳо ба ҳамаи аломатҳо аз нуқтаи назари таҷрибаҳои математикӣ номаҳдуданд.

Дар байни корҳои таҳқиқотии омӯзиши умӯмии аломатҳои китобат дар асоси маводи асарҳои як қатор забоншиносони ватанӣ ва корҳои тадқиқотии онҳо метавон дид, ки тадқиқоти бамаврид бо дарки кушоди истифодабарии аломатҳои китобат, таҳлили услуби нависандаҳои гуногун алоқаманд аст. Ҳамаи ин корҳои тадқиқотӣ маводҳои зиёди назарявӣ ва амалиро барои семантикаи асосии аломатҳои китобатмедиҳанд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Н.Н.Орехов ҳар як қоида бояд истифодаи якхелаи аломатҳои китобатро таъмин карда тавонад. Барои ин лозим аст, ки аз рӯи нақша маводҳои омӯзиши ҷанбаҳои комуникативнӣ парагматикӣ, ва мотиватсионии аломатҳои китобатро дар бар гирад[61, 2004; 270 -271]. Вазифаҳои аломатҳои ҷудогона нишон медиҳанд, ки ҳар яке аз онҳо вақте ки дар ҷумла ё матн оварда мешаванд, як вазифаи асосӣ доранд. Аммо худи ҳамон аломат дар як мавриди дигар метавонад вазифаи дигарро иҷро намояд.

Муҳаққиқон “Сохтори иерархии аломатҳои китобатро” муайян кардаанд. Воҳидҳои грамматикӣ (“grammatical units”), ки муаллифон инро дар ҷумлаҳои (sentence) содда ва мураккаб мефаҳмонд, масалан ҷумлаи содаи дохили ҷумлаҳои мураккаб (clause), ибораҳо (phrase) барои нишон додани вазифаҳои ҷудокунанда ва фарққунандаи аломатҳои китобат хеле мувофиқ мебошанд.

Дар китоби Б. Ҷонс қайд карда шудааст, ки аломатҳои китобати забони англисӣ пештар ҳамчун низоми орфографӣ вазифаи мустақилро ифода мекардаднд (“... an orthographic system in its own right...” (Jones 1996; 27) ва натанҳо инъикоскунандаи ист (пауза) ва дигар хусусиятҳои

нутқи талаффузӣ будаанд. Чунин мафҳуми пунктуатсия дар забоншиносии хориҷӣ бори аввал ба таври комилан хуб дар монографияи Ҷ. Нанберг қайд шудааст [121, 1990].

Нақшаи мундариҷаи низоми аломатҳои китобат, усулҳои гуногуни истифодаи аломатҳои китобат, муносибат ва вазифаҳои дутарафа ва амсоли инҳо дар забонҳои гуногуннизоми тадқиқшаванда таҳқиқ шудаанд.

Ҷ. Нанберг ба ҳайси предмети таҳқиқ танҳо он аломатҳои китобатеро баррасӣ менамояд, ки дар ҳудуди сархат ба кор бурда мешаванд. Тасаввури назариявии олимон дар бораи низоми аломатҳои китобат бар пояи фарқ кардани ду “сатҳи” грамматикӣ дар нутқи хаттӣ қарор дорад: грамматикаи луғавӣ (“lexical grammar”), ки муносибат ва робитаи байниҳамдигарии байни калимаҳо, фразаҳо ва синтагмаҳоро, ки бо ёрии аломатҳои китобат ҷудо карда мешаванд, танзим мекунанд ва грамматикаи матнӣ (“text grammar”), ки баробари қоидаҳои истифодаи аломатҳои китобат дар матн, дигар воситаҳои графикӣ (истифодаи шакли дигари ҳарфҳо, ҷойгиршавии матн дар саҳифа ва ғайра)-ро ҳам фаро мегирад. Масалан, нишон додани вазифаи чунин аломатҳои китобатро, ба мисли “ишора ба тафсилоти баъдӣ бо ёрии аломати баён” (“colon expansions”), “нишон додани таркиби гузошташаванда бо ёрии ду аломати тире” (“dash interpolations”), «дақиқтар нишон додани ягон матлаб дар қавс” (“literal parentheticals”) аз ҷумлаи чунин ҳолатҳо мебошанд. Ҷ. Нанберг нишон медиҳад, ки иҷрои ин вазифаҳо дар матн дар асоси қоидаҳои муайян сурат мегирад. Масалан, ба ин тарз гузоштани аломатҳои китобат дар ҷумла имконнопазир маҳсуб мешавад: *She walked out – who could blame her – (it was during the chainsaw scene, as I recall) and went directly home.*

Вазифаҳои аломатҳои китобат дар матн метавонанд “омезиш” ёбанд, дар натиҷаи ин ҳолати имконпазири гуногунфаҳмӣ дар фаҳмиши матнҳо ба вуҷуд меояд, ба мисли ҷумлаи зерин: *The press secretary gave*

them the rules: they were not allowed to speak to the committee directly; all other members were forbidden to discuss what the committee had decided. (Котиби матбуотӣ ба онҳо иттилло дод: ба онҳо бевосита гуфтугӯ кардан бо камитет манъ аст; ба ҳамаи дигар аъзоён иттилло додан доир ба қарори комитет манъ карданд).

Ҳамон як аломати китобат дар забони ангилисӣ (ба мисли забони русӣ) метавонад, дар матн вазифаҳои гуногунро иҷро кунад. Чунончи, Ҷ. Нанберг "вергули таъкидкунанда (ҷуфти вергул)" ("delimiting commas"), "вергули ҷудокунанда (вергули тоқ)" ("separating commas") ва "вергуле, ки чандфаҳмиро бартараф мекунад" ("disambiguating commas") аз ҳам фарқ мекунад. Ду вергули охир, тавре ки ин олим нишон медиҳад, воҳидҳои гуногуни синтаксисиро барои "пешгирӣ"-и чандфаҳмии эҳтимолӣ ҷудо мекунанд. Масалан:

Those who can, contribute to the fund.

(Касе, ки метавонад, дар хазина ҳиссаи худро гузорад).

Дар монографияи Ҷ. Нанберг инчунин ба маънои аломатҳои китобат таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад, зеро он дар амалкарди ҳамаи низоми аломтаҳои китобат дар забони англисӣ нақши муҳим мебозад. Масалан, муҳаққиқ мафҳуми "принсипи ҳазф кардани нуқта"-ро ("point absorption") ба илм ворид менамояд, ки мувофиқи он аломатҳое, ки паси ҳам меоянд, наметавонанд ҳамзамон истифода шаванд. Мувофиқи зинанизоми маънои зерин ҳамдигарро иваз мекунанд: нуқта бо нуқта аломати баён мешавад ва нуқта бо вергул аломати ист мешавад. Вале нуқта ҳамчун сигнали охири ҷумла дар сурати мавҷудияти аломати хитоб ва ё аломати савол ва дар охири калимаҳои кӯҳтокардашуда гузошта намешавад. Аломатҳои китобати "дохили ҷумла" (масалан, аломати вергул) дар мавриди зарурат метавонанд, ҳамзамон бо аломатҳои "охири ҷумла" ба кор бурда шаванд: *It requires a sentence period; i.e., a full stop. What we want to know is when?, but he has only told us why.*

Ҷ. Нанберг назарияи худро чунин меофарад, ки мутобиқи он ҷобаҷогузории аломатҳои китобат бояд дар асоси принсипҳои муайян сурат гирад: истифодаи қоидае, ки корбурди аломати китобати мушаххасро муқаррар мекунад; ба кор бурдани принсипҳои корбурди аломатҳои китобати “ҳамроҳ” ва “ҳамдигарро ивазкунанда”. Ҳамзамон муаллиф тиғйирпазирии васеи (вариантноки) корбурди аломтаҳои китобатро ба назар мегирад [115, 28 - 34). Таҳқиқоти Ҷ. Нанберг нисбатан пурратар тавзеҳи корбурди аломатҳои китобатро дар забони муосири ангилисӣ ҳамчун низоми мустақил фаро гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти Ҷ. Нанберг ба таври васеъ дар соҳаи забоншиносии компютерӣ, аз ҷумла, ҳангоми коркард ва такмил додани низомҳои коркарди матнҳо ба забони табиӣ ва забони сунъӣ ба кор бурда мешаванд [115, 1996].

Б. Ҷонс ҳам зарурати ба назар гирифтани аломтҳои китобатро ҳангоми коркарди чунин низомҳо қайд мекунад. Дар кори таҳқиқотии ӯ моҳияти пунктуатсия аз нигоҳи забоншиносии муосир, таърихи инкишофи он ва равишҳои тавзеҳи назариявии он ошкор карда мешавад. Муаллиф таҳқиқоти таҷрибавӣ ва назариявии худро, ки имкониятҳои истифодаи аломатҳои китобат дар низомҳои компютерӣ ошкор месозанд, тавзеҳ медиҳад ва аломтҳои китобатро ба таври низомвӣ шарҳ медиҳад ва ба ин тариқ “назарияи пунктуатсия”-и функсионалии (вазифавии) худро коркард кардааст, ки усулҳову алгоритмҳои истифодаи қоидаҳо ва низоми барои коркарди матнҳо ба забонҳои табиӣ мутобиқ гардондашударо тавзеҳ медиҳад.

Чунонки Б. Ҷонс қайд мекунад, аз нуқтаи назари забоншиносӣ истифодаи аломатҳои китобат дар забони англисӣ, ҳатто дар байни забоншиносон, беназир аст. Аз ин сабаб бештари маълумотномаҳо барои муҳаррирон имконияти ислоҳи пунктуатсияро барои нигоҳ доштани услуби фардии муаллиф дар нашрияҳо хеле маҳдуд месозанд. Тавре ки муҳаққиқи мазкур қайд мекунад, пайгирӣ намудани

нишондодҳои чунин маълумотномаҳо метавонад, ба бартарф намудани монеаҳои зиёд ҳангоми хондани матнҳо, ки аломтҳои “нолозим” ба вуҷуд меоранд, мусоидат мекунад. Дар айни замон ин маълумотномаҳо барои доираи васеи хонандагон маълуманд. Корбурди аломтҳои китобат метавонад, ҳатмӣ бошад, масалан, дар охири ҷумла ва мумкин аст, ҳатмӣ набошад (*“…. Possible but not necessary”*). Гузоштани аломтҳо дар чунин ҳолатҳо аз ҳолати мушаххаси мухобира (коммуникатсия) вобаста аст [115, 1996, 9 – 10].

The biggest, tree in the forest is over here.

My mother is, going to kill me.

I wrote, an essay yesterday.

Мавҷудияти чунин “пунктограммаҳо”-и “ғайриқонунӣ” (*“illegal”* ба қавли Б. Ҷонс) зарурати тавзеҳи маъноҳо ва вазифаҳои аломтҳои китобат дар матнро ба миён мегузорад [115, 1996, 10).

Бешубҳа, дар фаҳмиши падидаи “пунктуатсия” дар анъанаҳои забоншиносон [Швартскопф, 1988] ва [Нанберг, 1990] қонуниятҳои умумӣ мушоҳида мешаванд.

Таҳқиқоти нисбатан пурраи муқоисавӣ – типологии пунктуатсияи забонҳои русӣ ва ангилисӣ кори Орехова Н. Н. ба шумор меравад [61, 2000].

Дар марҳилаи ҳозира, тавре ки Н. Н. Орехова қайд мекунад, меҳвари низоми аломатҳои китобатро (ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони ангилисӣ) вазифаи аломатҳои китобат ташкил медиҳад. Ин аломтаҳо аз рамзҳо ва таркибҳои онҳо – нуқта, хати каҷ ва хат иборатанд. Онҳо хатро пурра ишғол намекунанд (ба ғайр аз аломати қавс), балки дар паҳлӯҳои он ҷой мегиранд (ду нуқта, нуқта бо вергул, нохунак), дар поёни хат (вергул, мӯлнуқта), дар мобайн (тире) ҷой мегиранд. Аломати хитоб ва аломати савол дар болои хат гузошта мешаванд. Аломтҳои китобат дар забонҳои аврупоӣ асоси байналмилалӣ, яъне шаклҳои умумӣ доранд.

Дар забонҳои муқоисашаванда ду гурӯҳи амалкунандаи аломатҳои китобат мавҷуданд: ҷудокунанда ва таъкидкунанда, ки “натиҷаи инкишофи таърихии ҷудокунӣ ва махсусгардонии ҷузъҳои он ба шумор меравад” [61, 2000; 11].

Дар зери ду гурӯҳи асосии аломатҳои китобат оварда шудаанд, ки тибқи гурӯҳбандии аломатҳои китобат аз нуқтаи назари Н. Н. Орехова мебошанд. Инҳо аломатҳои ҷудокунада ва аломтҳои таъкидкунанда мебошанд: Нуқта + қавсҳои росткунҷа / Аломти савол / Ду аломати тире / Аломати хитоб / Аломати вергули дугона / Бисёрнуқта / Қавсҳо / Нуқта + вергул / Дунуқта / Тире / Вергул / Вергул + тире.

Барои низоми аломатҳои китобат дар маҷмӯъ тағйирпазирии сарҳади байни гурӯҳҳо, таркибсозии хос ва бисёрвазифагии аломатҳои китобат хос аст.

Аз ҷиҳати ифодакунӣ барои баъзе аломатҳо тағйирпазирӣ (шаклҳои гуногуни аломатҳои қавс ва нохунак, дарозӣ ва кӯтоҳии аломати тире дар истеъмоли маъмули забони англисӣ) хос аст.

Номуттаносубии функсионалии аломатҳои китобат (ҷудо кардани вергули тоқ ва вергули дугона, тире, қавсҳои росткунҷа) равшан ба назар мерасад.

Аломатҳои ҷудокунанда, чун қоида, бисёрвазифаанд ва бо муносибатҳои мантиқӣ- грамматикӣ (тавзеҳ, муқобилгузорӣ, вобастагӣ ва ғайра), таъкид кадани ҷузъҳои дорои маънои асосӣ ва танфис муттаносибанд.

Гароиш ба яквазифагии аломатҳои таъкидкунанда аз мазмуни семиотикии онҳо вобастагӣ дорад [61, 2000; 12]. Н.Н. Орехова инчунин имконияти инкишофи худи аломатҳои китобат, тағйир ёфтани вазъи семиотикии онҳоро қайд кардааст. Масалан, аломати масоҳатии хати нуқта-нуқта аз аломати биёрнуқта сохта шудааст.

Аломатҳои китобат метавонанд, бо ҳамдигар таркиб созанд, инчунин бо усулҳои ташкили таркибӣ – масоҳатӣ, унсурҳои имло

(навишти ҳарфҳои калону хурд ва амсоли инҳо) ҳамроҳ шаванд. Масалан, қайди поварақ рақам (ва ё “ситорача”) дар таркиб бо хати поёни варакро фаро мегирад. Сархат ҳам усули синкретии ба қисмҳо ҷудо кардани матн маҳсуб мешавад, он бо навиштани ягон аломат алоқаманд нест ва аз фосила ба андозаи ҷои се – чор ҳарф дар аввали сатр иборат аст, чун қоида, аз нуқтаи оғози сатри пеш шурӯъ мешавад. Робитаи сархат бо аломтҳои охири ҷумла тавассути ҳарфи калони аввали ҷумла сурат мегирад. Нақши семиотикии сархат ба қисмҳо ҷудо кардани матн иборат аст.

Ҳамин тавр, ҷиҳати ифодакунии низоми аломатҳои китобат, ки дар шакли диакритикҳо, графемаҳо (аломатҳои китобат, усулҳои таркибӣ – масоҳатӣ ва дигар рамзҳои берун аз алифбо) аз ҷиҳати навишт дар забонҳои русию англисӣ шабеҳи якдигаранд [61, 2000; 13 - 14].

Ҷиҳати маъноии низоми аломтаҳои китобат дар шакли принсипҳои гуногун (ва ё асосҳо)-и пунктуатсия зоҳир мегардад, ки таносуб ва робитаи фуксионалии онҳо, тавре ки дониста мешавад, дар забонҳои гуногуннизоми мавриди таҳқиқ якхел нест.

2.3. Аломатҳои китобати маъмул дар матн

А) Аломати нуқта. Нуқта калимаи арабӣ буда, ҳамчун истилоҳ номи яке аз аломатҳои китобатиест, ки дар охири ҷумлаҳо гузошта шуда, ба охир расидани ҷумла ё фикреро мефаҳмонад, ки нишондиҳандаи бозистодану танаффус ҳангоми баёни матлаб ва хондани матн мебошад. Вазифа, маврид ва ҷойи истифодаи нуқта дар нигориши тоҷикӣ чунин аст:

1) Аломати нуқта, асосан дар охири ҷумлае гузошта мешавад, ки он фикри тамомшударо ифода мекунад. Мисол: *Бисёр солҳост, ки Ҳамида дар хумори ин сафар буд* [85, 265].

2) Агар дар матн якчанд ҷумлаҳои мустақил, ки аз ибораву ифодаҳо ва ҷузъҳои ба ҳам марбут барои ташаккули нутқи мураттаб омада

бошанд, дар охири он нуқта гузошта мешавад. Мисол: *Айёме буд, ки баҳор файзи худро ба талу теппаҳои атрофи шаҳр, ба кӯчабоғҳои ғарқи гул мерехт, хунро ба ҷӯш, дилро ба хурӯш меовард, ҳавсалаҳоро тоза, ғайратро беандоза мекард* [85, 264].

Гузашта аз ин, бояд дар назар дошт, ки аломати нуқта аз назари вазифаҳои дастурӣ ва бо хусусияти фарққунандагии худ, ҷумлаҳои як матнро аз ҳам ҷудо сохта, нишонаи мушаххасӣ мебошад. Аломати нуқта на дар охири ҳар ҷумла, балки дар охири ҷумлаҳои хабарӣ-ҳикоягие, ки оҳанги амру фармоиш надоранд, гузошта шуда, ба охир расидани фикрро нишон медиҳад.

Лекин, аломати нуқта аз назари вазифаҳои мантиқиаш ба поён расидани фикрро нишон дода, ба он ишора мекунад, ки ҷумла хабареро дар бар дорад ва ниёз ба оҳанги хос ё эҳсосот надорад. Яъне, нуқта фаҳму дарки орому бидуни эҳсоси матлаби матнро таҳлил карда, аз назари савтӣ (интонатсия) ҳам, хониши орому садои пасту маъмулӣ мехоҳад.

Б) Аломати савол – одатан аломати охири ҷумла буда, хусусияти фарққунандагӣ дорад. Агар ҷумла пурсишро ифода кунад, дар баёни он аз оҳанги хоси пурсишӣ, яъне аз ҳолати маъмулӣ ба баландтар майл кардани садои ҳиҷои охири калима истифода мешавад ва дар матнҳо, агар дар охираш аломати савол омада бошад, он ҷумлаи саволӣ аст. Мисол: – *Саҳари солеҳон дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?*[85, 276].

Вазифаи грамматикии ин аломат он аст, ки як ҷумларо аз дигараш аз рӯйи оҳанг ва маъно фарқ мекунонад. Мисол: – *Курта ба шумо маъқул шуд?*[85, 403].

Вазифаи маъноиаш он аст, ки дар ҷумлаҳое, ки аломати савол гузошта мешавад, онҳо пурсишро ифода мекунанд ва тобиши маъноии савол, илтимос, таъкиду саволро дорад. Мисол: – *Худи ту чӣ забондарозӣ мекунӣ? – Паст намеомад додар. – Поси хотири он маҳал ба ту чӣ дод? Дар зиндагӣ равнақ ёфтӣ? Ё хонаат пур шуд?*[85, 266].

Аломати савол, асосан, пурсишро ифода мекунад, ки аз забони шахси якум (танҳо ва ҷамъ) дода мешавад ва гӯянда интизори ҷавоб аст. Вай дар охири ҷумлаҳои саволие гузошта мешавад, ки онҳо вобаста ба маъно гоҳо ҷавобро талаб мекунаду гоҳо не.

Ҷумлаҳои соддае ҳастанд, ки қатъи назар аз гуногунии таркибашон (яктаркиба, дутаркиба, хулас, пурра, нопурра, тафсилӣ ё чидааъзо будан), ба маънои саволии худ ҷавоби қатъӣ металабанд. Дар охири чунин ҷумлаҳо ҳамеша аломати савол гузошта мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки аломати савол бо ин ҷанбаи семантикии худ, гувоҳи он аст, ки агарчи дар охири ҷумла меояд, ба монанди нуқта нишондиҳандаи анҷоми фикр нест. Модоме ки ҷумла нотамом аст, тақозои идомаву такмили худро дорад. Ин аст ки аломати савол, танҳо бо ин хусусияташ бо аломати сенуқта наздикӣ дорад. Ин ду аломати китобат доираи суханро бозу васеъ мекунанд ва омили мураккабии матн мегарданд. Аломати савол бахши мавзуии нутқро аз бахши баёнӣ ва тавзеҳии он ҷудо месозад, ки дар натиҷаи он ҷавоби мантиқии маълумоти мавриди пурсиш равшан мегардад.

Аз ин нуқтаи назар, ҷумлаи саволиро наметавон фикри анҷомёфта ҳисобид, зеро бори маъноии мазмуни нутқ дар посухи ҷумлаи саволӣ аст. Ҳамчунин ҷанбаи равонии матн бо пурра гардидани нутқи комил алоқамандии зич дорад.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тоҷикӣ ба кадом ҷузъи он мансуб будани маънои савол аз мазмуни умумӣ, сохти ҷумла ва воҳиди лексикӣ муайян карда мешаванд ва аломати савол ҳамеша дар охири чунин ҷумлаҳо гузошта мешавад. Маънои савол, мумкин аст, ба тамоми ҷумлаи мураккаб (қатъи назар аз пайваст, тобеъ ва ё омехта будани он), танҳо ба як ҷузъи он, ба сарҷумла ё ҷумлаи пайрав ва ё ба якчанд ҷумлаҳои пайрав тааллуқ дошта бошад.

Дар вақти хондани чунин ҷумлаҳои саволӣ, хонанда бояд ба мазмуни умумии матн такя карда, мувофиқ ба мазмуну муҳтаво ва фаҳму

дарки худ оҳанги пурсишро дар ҷойи мувофиқ гузорад. Мушкили дигар ин аст, ки дар хондани матни муколама, мусоҳиба, монологу диалог хонанда, мумкин аст, он чиро ки манзури нависанда аст, дуруст расонида натавонад.

Лекин, ҳамон гуна ки дар боби аввали ҳамин рисола ишора шуда буд, “дар хатти арманӣ аломати савол пас аз калимае гузошта мешавад, ки задаи мантиқӣ рӯйи он қарор мегирад”, мо низ тарафдори ин равиши аломатгузорӣ ҳастем. Мисол:

№	Пурсиш	Ҷавоби эҳтимолӣ
	Ту имрӯз ба донишгоҳ меравӣ?	- ?
1)	Ту имрӯз ба донишгоҳ МЕРАВӢ?	- Албатта
2)	Ту имрӯз ба ДОНИШГОҲ? меравӣ.	- Бале
3)	Ту ИМРӮЗ? ба донишгоҳ меравӣ.	- Не, фардо
4)	ТУ? имрӯз ба донишгоҳ меравӣ.	- Бале, шумо

Аз ин мисоли овардашуда собит мегардад, ки дар намунаи аввалии он, тибқи маъмул, аломати пурсиш дар охири ҷумла аст, вале пурсиши нависанда чист ва тамаркузи хонанда рӯйи кадом вожа бошад, маълум нест. Дар сурати баёни лаҳнии ҷумла, аз оҳанги гуфтор муайян кардани мақсади пурсиш мушкил нест, зеро вожаи мавриди суол шиддатноктар гуфта мешавад.

Пас, ба назари ин ҷониб, роҳи содаи фаҳму дарки матлаби ҷумла ин аст, ки аломати савол бояд баъд аз калимае бошад, ки задаи мантиқӣ рӯйи он аст ва мувофиқ ба оҳанги (интонатсия) пурсиши забонӣ мебошад.

Ҷумлаи саволӣ аз ҷиҳати маъно се хел мешавад: хоса, водоркунӣ ва риторикӣ (рамзӣ, пардапӯш). Дар охири ҳамаи ин гуна ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ аломати савол гузошта мешавад [29, 22-23]

В) Аломати хитоб – маъмулан дар охири ҷумлаҳо гузошта шуда, хусусияти фарққунандагӣ дорад. Ин аломат на танҳо дар охири ҷумлаҳое

гузошта мешавад, ки оҳанги амр ё хитоб доранд, балки инчунин ифодакунандаи ҳар гуна ҳиссиёту ҳаяҷони гӯянда – ихтор, таъкид, таҳдид, тарс, хашму ғазаб, маломат, сарзаниш, истеҳзо, даъват, хурсандӣ, орзу, тантана, таҳсин, тааҷҷуб ва ғайра мебошад. Таваҷҷуҳ кунед ба намунаҳои зерин:

1. – *Ҳарчанд ӯ ин гапро ба дил гуфт, мардак, гумоне ки шунида бошад, ҷаста хест, даст ба таппончааш бурд:*

– *Ист! Мепарронам!* [85, 269].

Although he said this to his heart, the man, thinking he had heard, jumped up, put his hand on his gun:

– *Stop! I'm shooting!*

2. – *Гир пулата! Дастархонамро ҳаром накун! – маломат кард Ҳамида.* [85, 271].

Take youe money! Do not spoil my table! – blamed Hamida.

[85, 271].

3. – *Аз Худо натарсӣ, аз арвоҳи раҳматӣ падарат тарс! Ман ба ту ба ҳукми модар!*

– *If you don't afraid of God, be afraid of the spirits of your mercy father! I am for you as a mother!* [85, 270].

4. – *Ҳақ ба ҳақдор расид!*

– *The truth has come true!* [85, 270].

Таваҷҷуҳ бояд дошт, ки аломати хитоб аз назари вазифаҳои дастурӣ ва бо хусусияти фарққунандагии худ, ҷумлаҳои як матнро аз ҳам ҷудо сохта, нишонаи водоркунию нидо мебошад. Аломати хитоб агар дар охири ҷумлае гузошта шавад, пас он ҷумла таҳозои бо оҳанги махсус ва шиддатноктар баён шудани фикрро дорад.

Гузашта аз ин, аломати хитоб аз назари вазифаҳои мантиқиаш, аввалан, ба поён расидани фикрро нишон дода, сониян, ба он ишора мекунад, ки ҷумла ягон навъ ангезаи ҳаяҷонро дар бар дорад ва ниёз ба

оҳанги хос ё эҳсосот аст. Яъне, аломати хитоб фаҳму дарки боҳиссу ҳаяҷони муҳтавои матнро тақозо мекунад.

Ҳангоми қироати чунин матнҳо, хонандаро мебояд оҳанги баланду шиддатнок ва қатъияту ҷиддияти мазмуни матнро дарк карда, ба шунаванда расонад. Мутаассифона, ҳамон мушкилеро, ки хонанда дар мавриди риояи задаи мантиқӣ ва фосилаи мақсади дақиқи нависанда бо фаҳму дарки хонанда, дар бахши аломати савол гуфта гузаштем, дар аломати хитоб низ мушобеҳ аст.

А) Аломати сенуқта (бисёрнуқта, мӯлнуқта) – вобаста ба мавқеи корбурдаш аломати муштаракмавқеъ аст, метавонад дилхоҳ элементи матнро ҷояшро гирад ва дигар аломати истро иваз кунад ва ҳатто дилхоҳ муносибати маъноиро умумӣ кунад. Он дар охири ҷумла омада, барои ба анҷом расидани фикр далолат намекунад, баръакс, ба монанди аломати савол, сенуқта низ, гӯё, ҳудуди баёнро муайян намуда, доираи нуткро васеъ мекунад. Ба ибораи дигар, барои ифодаи маънои махсуси фикре кор фармуда мешавад. Сенуқта дар ҷумла маънои нотамомӣ, қатъшавӣ ва давомдории нуткро ифода мекунад.

Аз ин рӯ, аломати сенуқта дар матн, асосан, вазифаи маъноӣ дошта, мувофиқи мақсади нависанда ба кор бурда мешавад. Сенуқта ҳангоми иқтибос кардани порае аз миёнаи матн – дар аввал, партофта шудани ҷузъе аз матн – дар мобайн ва ҳазфи поёни матн – дар охир, ба ҷои қисми партофташуда ё ихтисоршудаи ҷумла гузошта мешавад.

Аз назари услубӣ низ, аломати сенуқта ҷолиби таваҷҷуҳ аст:

1) Сенуқта бештар дар вақте гузошта мешавад, ки баёни нутқ андешамандона, эҳтиёткорона ва маънодорона бо сукути беш аз андозае, ки барои як нуқта таъин мегардад, анҷом шавад;
2) Гоҳо, аломати сенуқта дар матн барои сукуте гузошта мешавад, ки поён надорад. Яъне, ин охири матн нест, фақат нависанда мехоҳад идомаи мантиқии фикри худро ба зеҳни хонанда интиқол диҳад;

3) Ҳангоми ба тариқи алоҳида, ба ҷои ин ё он фикри гуфтанашуда истеъмол мегардад. Дар чунин ҳолат сенуқта хомӯшии маънои хосе, маънои дар ботин пинҳонбударо ифода мекунад;
4) Бо риояи одоби сухан (этикаи гуфтор) барои худдорӣ аз гуфтан ва навиштани калимаҳои қабеҳ (вулгаризмҳо), калимаҳои номатлуб, дашном ва табу истифода мешавад.

Аломати сенуқта далели фикри тамомшуда нест, аз ин рӯ, тақозои идомаи фикрро дорад. Бо ин хусусияташ маҳдудаи фикрро боз намуда, доираи нутқро васеъ месозад. Аз ҳамин ҷиҳат аломати сенуқта бо аломати савол наздик аст.

Гузашта аз ин, дар байни аломати сенуқта ва аломати савол тафовутҳои зиёди иртиботи нутқ бо маъно вуҷуд дорад. Аломати савол нишондиҳандаи робитаи дохилии сохтори матн бо маъно мебошад, он ҳам, маънои на он қадар васеъ. Аммо аломати сенуқта, маъмулан, мафҳуму маъноҳои нисбатан васеътар, воҳидҳои фароматнӣ ва ҳатто силсилаи матнҳоро хулоса мекунад.

Истифодаи ниҳоят гуногуни аломати сенуқта дар миёнаи матнҳо низ мушоҳида мегардад, ки ин хосият (ҷой, замон ва тули суқут) ба нутқ маънои хос мебахшад.

А) Аломати нуқта бо вергул (нуқтавергул) – аломати дохилиматнӣ буда, хусусияти фарқкунандагӣ дорад. Дар нутқи хаттӣ, маъмулан, дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб истифода мешавад. Аломати нуқтавергул баъд аз ҷумлаҳое гузошта мешавад, ки онҳо аз ҷиҳати сохту маъно мустақил буда, дар як таркиби синтаксисӣ ҷумлаи мураккаби бепайвандакро ташкил медиҳанд.

Нуқтавергул дар таркиби як ҷумлаи мураккаб он вақт истифода мешавад, ки қисматҳои он ҳар кадом ба як факти мустаъқил, ҳодисаю воқеаҳои ҷудогона маълумоте диҳанд.

Нуқтавергул агарчи пас аз ҷумлаҳои содаи мазмунан комил гузошта мешавад, дар баробари ин, нишонаи нотамомии нутқ буда, дар

таркиби баъзе аз ҷумлаҳои мураккаб истифода мегардад, ки ниёз ба ҷумлаҳое дошта бошад, то барои такмили матн фикри асосиро пурра намуда, таҳвият бахшад.

Дар баъзе аз маворидо дастурӣ аломати вергулро иваз мекунад. Ин вазифаи нуқтавергул, бахусус дар мавриди нишон додани ҳудуди ҷумлаҳои нисбатан мустақил, ки мазмунан вобастаи якдигар мебошанд, мушоҳида мегарданд. Тарзи истеъмоли нуқтавергул ба сохт, мазмун ва мундариҷаи ҷумлаҳои мураккаб вобаста аст. Агар барои шарҳу эзоҳи калима, ибора ва ё ҷумлаи аввал якчанд ҷумлаи дигар ояд, байни онҳо ҳам нуқтавергул гузошта мешавад, зеро онҳо байни худ муносибати қавии маъноӣ надошта бошанд ҳам, барои шарҳу эзоҳи айни як аъзои ҷумлаи аввал хизмат карда, як вазифаи грамматикиро иҷро мекунанд ва матни яклухтро ташкил медиҳанд [86, 58-61].

Нуқтавергул дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ду вазифа дорад:

1) мазмуни тамомшударо мефаҳмонад;

2) ҳудуди ҷумлаҳои сода ё мураккаберо нишон медиҳад, ки ҷузъи як матн ба ҳисоб мераванд.

Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб истифода бурдани нуқтавергул дар забони хаттии тоҷикӣ маҳсули давраи нави он буда, яке аз масъалаҳои мушкил ва ниҳоят муҳим мебошад. Нуқтавергул дар таркиби як ҷумлаи мураккаб он вақт истифода мешавад, ки қисмҳои он ҳар кадом доир ба як факти мустақил, ҳодисаю воқеаҳои ҷудогона маълумоте медиҳад. Агар он қисматҳо кутоҳу муъҷаз бошанд, байни онҳо гузоштани вергул дар ҳукми одат аст: аммо, агар онҳо тафсилӣ, дар айни замон, байни худ якчанд вергул ва аломатҳои дигарро доро гардида, аз ҷиҳати сохт ҷумлаи сода бошанд, пас аз ҳар кадоме истеъмоли нуқтавергул ба мақсад мувофиқ ҳисоб мешавад [2, 38-39].

Ҳангоми хондани матн барои ҳамаи аломатҳои дохилиматнӣ (дунуқта, тире, вергул, нохунак) фосилаи овозӣ лозим доранд, бахусус барои аломати нуқтавергул танаффус ва фосилае зарур аст, ки дарозтар

аз вақфи вергул ва кӯтоҳтар аз исти нуқта бошад. Гузашта аз ин, нуқтавергул оҳанге ботамкину ором ва хосе талаб мекунад, ки маъмулан барои баршумурдан ва тавзеҳи як ба яки факти мустаъқил, ҳодисаю воқеаҳои ҷудогона ба кор меравад.

Б) Аломати баён (дунуқта) – аломати дохилиматнӣ буда, хусусияти фарққунандагӣ дорад. Муҳаққиқ Л.М. Колтсов ба ин назар аст, ки аломати дунуқта ин сигнале ҳаст, ки қисми аввал ва дуюми ҷумлаҳои мураккабро ба ҳам алоқамад мекунад [46, 2007, 27].

Аломати баён ду вазифа дошта, аввалан аломати семантикӣ-маъноӣ аст: баъд аз калима, ибора ё ҷумлаҳое гузошта мешавад, ки ниёз ба шаҳру тавзеҳ доранд. Сониян, вазифаи грамматикии аломати баён аст, ки баробари ифодаи маъно ҳудуди ҷумлаҳоро низ нишон медиҳад.

Мавқеи корбурди аломати баён, маъмулан, дар муколама ва нутқи айнан нақлшуда бештар мушоҳида мегардад. Дар ҷумлаҳои чидааъзо, агар калимаю ибораи хулосакунанда аз аъзои чида пеш омада бошад, пас аз он аломати баён (:) гузошта мешавад [84, 23].

Бояд дар назар дошт, ки ҳар нутқи комил, бо вуҷуди сохтори ягонаи дастурӣ доштанаш, дар дохили худ аз мавзуъҳои хурди ба ҳам пайваст таркиб меёбад ва ба ин васила меҳвари маъноии матнро зоҳир месозад. Воқеан, ин аст ки барои возеҳу равшан гардидани мавзуъҳои хурди матн, бахусус аз аломати баён истифода мешавад. Зеро, аломати баён дар нутқ ҳамчун падидаи такмилкунандаи матн муаррифӣ шуда, ҷузъҳои гуногуни иловагии маъноии матнро ошкор мекунад.

Гузашта аз ин, дар ҳолати баёни андеша, бахусус қироати матни саҳнавӣ, ҷойе, ки матн эҳтиёҷ ба шарҳу тавзеҳ дорад, аломати баён ҳамчун аломати пурғунҷоиш барои ҷалби таваҷҷуҳ бисёр зарурӣ ба шумор меравад. Фосила ё паузае, ки барои эзоҳи қисми аввали матн таъин мегардад, дарозтар аз таваққуфи вергул буда, гоҳо тулонитар шуданаш имкон дорад.

В) Аломати тире. Тире вожаи франсавӣ буда, маънои луғавияш рахча, хатча аст. Аломати тире низ дар нигориши тоҷикӣ дорои вазифаҳои грамматикӣ, маъноӣ ва услубӣ буда, баръакси забони англисӣ, ки ду навъ – **En dash** ва **Em dash** дорад, фақат як шакл навишта мешавад, ки баробар ба **En dash** аст. Тире аз назари грамматикӣ вазифаи ҷудокунандагӣ дошта, ҳудуди аъзоҳои ҷумлаи сода, ҳудуди қисмҳои ҷумлаи мураккаб ва ғайраро нишон медиҳад. Тире дар ичрои вазифаҳои дастурӣ бо вергул наздик бошад ҳам, аз он фарқи калон дорад. Вергул танҳо ҳудуди калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои алоҳидаро ҷудо мекунад. Ба воситаи он мубтадою хабареро, ки бо ҳамдигар алоқаи тобеӣ доранд, ҷудо кардан мумкин нест [2, 29].

Вазифаи маъноии тире бештар барои аз ҷиҳати мафҳум бо ҳам наздик нишон додани ду калима ё ибораи гуногунмаъно буда, бо аломати қавс ва калимаи «яъне» баробар аст.

“Мавридҳои истеъмоли тире зиёд аст. Вай дар байни мубтадову хабаре, ки номӣ бошад, калимаҳои эзоҳшавандаю эзоҳдиҳанда, аъзоҳои чидаю калимаҳои хулосакунанда, дар байни қисмҳои ҷумлаҳои мураккаб ва нутқи диалогӣ кор фармуда мешавад. Ба ҷои пайвандакҳои паийҳам, ҷудоӣ, хилофӣ, пасоянди «то», ба ҷои феълҳои маълум низ кор фармуда шудани тире аз вазифаҳои зиёди маъноӣ, грамматикӣ ва услубӣ доштани он шаҳодат медиҳад” [2, 29-30].

Дар маҷмуъ, ҳангоми қироати матн, ҷойе, ки аломати тире истифода шудааст, нисбатан ифоданоктар хонда шуда, танфисе ба андозаи таваққуфи вергул лозим дорад.

Г) Аломати вергул – Вергул калимаи фаронсавӣ буда, аз серкорбурдтарин, бисёрвазифатарин ва дар айни замон пурбаҳстарин аломатҳои китобати дохилиматнии забони тоҷикӣ мебошад, ки бо хусусияти фарққунандагии худ дар ҷумла вазифаи дистрибутивӣ (фарққунандагию ҷудокунӣ) дорад. Ин аст ки муҳаққиқон, ҳангоми шарҳу тавзеҳи аломатҳои китобат, аз ҳама бештар дар бораи мавқеи

корбурд, вазифаҳои грамматикию семантикӣ ва услубии он баҳс меороянд.

Аз мутолиаи осори илмии марбут ба аломатҳои китобат, бахусус китобу мақолаҳои роҷеъ ба вергул навишташуда маълум мегардад, ки дидгоҳҳои пажӯҳишгарон яксон набуда, мутаассифона, баҳсҳо ба поён нарасидаанд [86, 1956; 12, 1958]. Он дар таркиби ҷумлаҳои содда ва мураккаб барои муайян кардани ҳудуди аъзои чида, ҳудуди ҷумлаҳои ҷудогона, ҳатто нишон додани мавқеи ист воситаи муҳим мебошад. Вай аломати давомдории нутқ буда, вобаста ба ҳолатҳои гуногун робитаи мушаххаси аъзои ҷумлаҳои мураккаби тобеъро нишон медиҳад.

Вазифаҳои грамматикии вергул аз инҳо иборат мебошад: “дар таркиби ҷумлаҳои содда барои аз ҳамдигар ҷудо кардани аъзоҳои чидаи ҷумла (мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда ё хабарҳои чида) калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ, мухотаб, нидоҳо ва дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб барои аз якдигар ҷудо кардани ҷузъҳо (ҷумлаҳои соддаи баробарҳуқуқ дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои пайраву сарҷумла дар байни ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва ғайра)” [87, 22-23].

Дар адабиёти бадеӣ, хусусан дар назм ва ҳаҷву мутоибот нақши бисёр муассир дорад, зеро маҳз тавассути вергул нависанда манзури худро дуруст мерасонад ва оҳанги қироати матнро ба таври хостаи худ танзим мекунад. Масалан, мешавад, ки бо қасдан гузоштани вергул, маънии аслии ин байтҳоро хароб кард:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,

На, ҳамин либоси зебост нишони одамият (ба ҷойи “на ҳамин либоси зебост ...”).

Ҳамон гуна ки мебинем, бо гузоштани вергул, баъд аз калимаи “**на**” сухани Саъдиро, ки нишони одамият будани либоси зеборо инкор мекунад, табдил ба исрор кардем, ки нишони одамият либоси зебост.

Дар забоншиносии муосир оид ба аломати китобатии вергул муҳаққиқони зиёд таҳқиқот бурдаанд, ки дар ин рисола дар маворидиі зарурӣ аз онҳо ёд шудааст. Бахусус дар забоншиносии муосири тоҷик кори арзандаи олими фақид Б. Камолиддинов “Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул”-ро зикр бояд кард, ки бо маълумотномаи муфассал, ироаи мушкилот, роҳи ҳал ва пешниҳодоти худ дар мавриди истифодаи ин аломат беназир аст.

Яке аз забоншиносони шинохта Л.В. Шерба дар муқоиса бо ду забон назарияи худро додааст. Якум забони фаронсавӣ ва дуюм забони олмониро ном бурда, инчунин тавзеҳ медиҳад, ки дар забони якум назар ба забони дуюм камтар аломати тире гузошта мешавад, вергулҳо дар он камтар ба кор мераванд ва кӯшиш мекунанд, ки ба воситаи онҳо ҷузъиёти маъноиро ифода кунанд (бештар вақт маъноҳои мафҳум, яъне хориҷ аз ҳар гуна робита бо оҳанг); забони дуюм ба таври васеъ аломати тиреро эътироф менамояд ва аломати вергулро сӯистеъмол мекунад ва онҳоро аз рӯи аломати шаклӣ бештар ва ё камтар мегузорад [98, 243].

Бояд қайд кард, ки ҳамаи аъзои ҷумла, ҳам аъзои муқаррарӣ ва ҳам аъзои тавзеҳӣ чида шуда метавонанд. Дар бораи мавқеи гузоштани аломати вергул Норматов М. “Оё вергул як ғалат аст?” рӯзномаи “Маориф ва маданият”, соли 1988 мақолаеро чоп кунонидааст, ки дар он вазифа ва мавқеи гузоштани аломати вергулро шарҳ додааст.

Ҷумлаҳои чидааъзо хусусияти барҷастаи услубию образнокӣ доранд. Онҳо барои тасвири образнокии ҳодисаю воқеаҳо, офариниши намуду образҳои бадеӣ, кушодани олами зоҳирию ботинии қаҳрамонони асар мавқеи муҳимро мебозанд. Аломати вергул аъзои чидаи ҷумларо ҷудо карда, дар як вазъи синтаксисӣ истодани онҳоро таъмин менамояд. Аъзои чидаи ҷумла дар асоси алоқаи пайваст бо ҳам муносибати грамматикӣ пайдо карда, якдигарро иваз карда метавонанд [Ёраҳмадова, 35].

Ғ) Аломати нохунак – Нохунак аломати ҷудокунанда ва дохилиматнии ҷуфт буда, барои нишон додани аввалу охири нутқи айнан нақлшуда, ифодаҳои маҷозию ғайриаслӣ, сохту таркиб ва ҳудуди ҷумлае, ки иқтибос мешавад ва номи муассисаву ташкилотҳо хизмат мекунад.

Аломати нохунак вазифа ё мавқеи корбурди гуногун дорад:

- барои ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда аз сухани гӯянда. Мисол: **Саъдӣ гӯяд: "Ҳар нафасе, ки фурӯ барӣ, мумаддиди (дарозкунандаи – Д.М.) ҳаёт аст ва чун бармеояд, муфаррахи зот".**

Ҷойи зикр аст, ки дар масъалаи корбурди аломатҳои китобат дар нутқи айнан нақлшуда забоншиносони тоҷик Хоҷаев Д. ва Кабиров Ш. Ба таври муфассалу возеҳ чунин овардаанд: "Нутқи айнан нақлшуда дар нохунак гирифта мешавад. Агар нутқи айнан нақлшуда пас аз сухани муаллиф омада бошад, пас аз сухани муаллиф ду нуқта (аломати баён) гузошта шуда, нутқи айнан нақлшуда дар нохунак гирифта мешавад. Агар нутқи айнан нақлшуда пеш аз сухани нақлкунанда (муаллиф) ояд, пас аз он вергул ва пеш аз нутқи айнан нақлшуда тире гузошта мешавад. Агар нутқи айнан нақлшуда саволӣ ё хитобӣ бошад, пас ба ҷои вергул аломати савол ё хитоб гузошта шуда, дар нохунак гирифта мешавад" [84, 52-53].

- барои нишон додани иқтибосот ҳангоми таҳияи мақолаҳо ва асарҳои илмӣ. Барои намуна:
- ҳангоме, ки калимаи хосе махсус ва ё ба таъкид зикр шавад, монанди:

Калимаи "ханҷар" асосан вожаи форсӣ буда, асли он "хунгар", яъне хункунанда аст.

Дар ин ҳолатҳо вазифаи грамматикии нохунак ба назар мерасад.

- барои ҷудо кардани калимаву ибораҳои маҷозӣ, киноягӣ ва ғайриаслӣ низ аз аломати нохунак истифода мебаранд, монанди:

- Мавриди дигари корбурди аломати нохунак ҳангоми дар матн овардани номи китобу маҷалла, рӯзнома ва ё номи муассисаҳову ташкилот мебошад. Мисолҳо:

“Мактаби куҳна”-ро хонда, тамом кардам.

Дар ин мавридҳо вазифаи семантикии аломати нохунак аён мегардад.

Аз рӯйи вазифаҳои интонатсионӣ ва маъноии худ, аломати нохунак шиддатноктар ва ҳатто бо оҳанги махсус хондани калимаву ибора ва ҷумлаҳоро тақозо мекунад.

Д) Аломати қавс – аломати дохилиматнии ҷуфт буда, барои нишон додани калимаву ибора ва ҳатто ҷумлаҳое, ки дар матни асл ниёз ба шарҳу тавзеҳи бештар ё маълумоти иловагӣ доранд, истифода мешавад. Дар сурати ҳазф гардидани ин тавзеҳоту маълумоти иловагӣ, ба сохтор ва маънои ҷумла халал ворид намешавад, вале эҳтимол аст, ки барои хонанда фаҳму дарки он возеҳ нагардад. Масалан:

“Маҷнун ва Лайлӣ” (яке аз маснавиҳои “Ҳафт авранг”-и Ҷомӣ) дар пайравӣ аз “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомӣ навишта шудааст.

“Majnun and Laily” (one of the “Seven Throns” of Jami) is written following “Laily and Majnun” of Nizami.

Дигар аз маворидии истифодаи аломати қавс ҳангоми овардани санаҳои зиндагӣ ва ёдрас кардани таърихи воқеаҳо аст, ки маъмулан дар китобҳои таълимӣ ва илмӣ роиҷ аст. Барои мисол:

Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088) як умр дар муборизаву табъид гузаронд.

Nasir Khusrawi Qubodiyani (1004-1088) spent a lifetime in struggle and exile.

«Мусталаҳот- уш- шуаро» - и Вораста (асрҳои XVII – XVIII) ва «Чароғи ҳидоят»-и Алихони Орзу (асри XVIII) фарҳангҳои махсуси фразеологӣ мебошанд.

Забоншиносон Д. Хоҷаев ва Ш. Кабиров дар мавриди аломатгузории ҷумлаҳои туфайлӣ чунин ибрози андеша кардаанд: “Ҷумлаҳои туфайлӣ дар навишт аз матн (ҷумлаи асосӣ) бо аломати вергул, қавсайн ва гоҳе тире ҷудо карда мешавад. Ба фикри мо, ҷумлаҳои туфайлиро бо се аломат не, беҳтараш ин ки бо ду аломат ҷудо кардан беҳтар аст. Онҳоро ё дар қавсайн гирифтан даркор аст, ё ин ки пеш аз онҳо тире ва пас аз тамом шуданашон аломати вергул гузорем” [84, 28].

Е) Дигари аломатҳои китобат. Агарчи дар пунктуатсияи нигориши тоҷикӣ, ҳамаи забоншиносони тоҷик дар пайравӣ аз забоншиносони рус, теъдоди аломатҳои китобатро даҳто гуфтаанд, лекин дар амал, шумори нишонаҳое, ки дар навиштор роиҷ аст, хеле бештар аз он чӣ мегӯянд мебошад. Бахусус дар аломатгузории компютерӣ, ки ҳатто барои гузоштани сархат, ҳарфҳои калон, нишонаҳои фосила, аломатҳои болоисатрӣ, поёнисатрӣ ва монанди инҳо бояд амалиёти махсус анҷом пазирад, ки ин баҳси дигар аст.

Дар “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” (ҚИАКЗТ) [50], ки соли 2021 аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори №268 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ гардидааст, бар иловаи даҳ аломати китобат, инчунин аломатҳои дигари маъмулшуда, аз қабили сархат, нимтире ва дигар рамзҳои ишоратӣ низ оварда шудаанд.

Ба назари мо, ҳамчун нишонаҳои навишторӣ пазируфтани пунктуасияи лотинӣ аз фоида холӣ набуда, бояд ҳангоми таълиму тааллуми аломатгузории тоҷикӣ омӯхтаву омӯзонида шаванд. Зеро ҳар кадоми онҳо, дар баробари дигар аломатҳои китобати маъруф, вазифаҳои синтаксисию маъноии хос ё интонатсиониро ифода мекунанд. Аз сӯйи дигар, умуми донишмандон бар ҳамин нукта иттифоқи назар доранд, ки забону хат дар ташаккули мудом аст, пас, аломатгузорӣ ҳам, дар ин баробар бояд ташаккул ёбад ва пешрафт кунад.

Хулосаи боби дуюм

Вазифаҳои сохторию грамматикӣ ё синтаксисии аломатҳои китобат, амалан хеле шинохтатар аз вазифаҳои дигари он буда, бахусус дар нутқи хаттӣ мавқеи бориз дорад. Зеро дар китобати имрӯзаи ҳамаи забонҳои олам, бахусус забони тоҷикӣ ва англисӣ ҷобаҷогузории дурусти аломатҳои китобат, шарти муҳим барои то андозае фаҳму дарки саҳеҳи нутқи хаттӣ ба ҳисоб меояд.

Аломатҳои китобатро аз рӯйи вазифа ба аломатҳои ҷудокунанда (тире, қавс, нохунак), фарққунанда (нуқта, вергул, нуқтавергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта) ҷудо мекунанд. Инчунин, вобаста мавқеи корбурдашон онҳо ба аломатҳои китобати маъмул дар охири ҷумла (нуқта, савол, хитоб, сенуқта, нуқтавергул), аломатҳои китобати маъмул дар дохили ҷумла (вергул, дунуқта (баён), нохунак, тире) ва муштаракмавқеъ тақсимбандӣ карда мешаванд.

Аломатҳои китобат се ҷанба доранд: маъноӣ (ё мантиқӣ), дастурӣ (ё грамматикӣ) ва оҳангӣ (ё интонатсионӣ).

Аломатҳои китобатии маъмул дар аксари забонҳо, аз ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вазифаҳои якхеларо иҷро мекунанд.

БОБИ III. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА УМУМИЯТУ ТАФОВУТҲОИ КОРБУРДИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

3.1. Таҳлили корбурдӣ-функсионалии аломатҳои китобат дар забони англисии муосир

Аломатҳои китобат маҷмуе аз аломатҳое ҳастанд, ки ба нависанда ва хонанда имкон медиҳанд, то нишон диҳад, ки ҷумлаҳои матне чӣ гуна сохта ва ё хонда мешавад, ки ба дигар хонанда ё шунаванда маънии ҷумла возеҳу равшан бошад.

Дар дар нигориши тоҷикӣ (кириллӣ) ва англисӣ (лотинӣ) қоидаи умумӣ ин аст, ки як ҷумлаи комил бояд бо ҳарфи калон шуруъ шуда, бо нуқта ё аломати хитоб ва ё аломати савол тамом шуда бошад. Гузашта аз ин, аломатҳои китобат дар ҳарду забон хеле муҳим буда, бахусус барои дар сатҳи баланд ёдгирии забон зарурӣ ба шумор мераванд. Агар дар ҷумлае аломатҳои китобат нодуруст истифода гардида ё умуман гузошта нашуда бошад, маънои ҷумла метавонад тағйир ёбад ва ё мубҳаму норавшан монад. Бинобар ин, барои ин ки матни навишташуда дуруст хонда ва фаҳмида шавад, истифодаи дурусти аломатҳои китобат аҳаммияти фаровон дорад.

Бояд дар назар гирифт, ки аломатҳои китобати тоҷикӣ ва англисӣ, бо вуҷуди муштаракоти зиёди дастурӣ, инчунин тафовутҳое дар анвоъ ва мавқеи корбурдашон низ доранд. Чунончи, дар хатти имрӯзаи забони тоҷикӣ даҳ аломати китобат – нуқта, вергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта, нуқтавергул, қавс, тире, нохунак ба кор меравад, вале дар грамматикаи забони англисии муосир ин теъдод ба чордаҳ мерасад. Аломатҳои китобати англисӣ инҳоянд:

1.	Full Stop (Period)	Нуқта	(.)

2.	Question mark	Аломати савол	(?)
3.	Quotation Marks	Нохунак	(“ ”)
4.	Comma	Вергул	(,)
5.	Hyphen	Нимтире	(-)
6.	Dash	Тире	(–)
7.	Exclamation mark	Аломати хитоб	(!)
8.	Colon	Дунуқта (баён)	(:)
9.	Semicolon	Нуқтавергул	(;)
10.	Parenthesis	Қавс	()
11.	Ellipsis	Сенуқта	(…)
12.	Apostrophe	Апостроф	(‘)
13.	Brackets	Қавси росткунча (Қавси квадратӣ)	([ ])
14.	Slash	Каҷхата (Каср)	(/)

Ҳар кадоми ин аломатҳо вазифаҳои худро дошта, дар матн вобаста ба мавқеи истифодаашон ҷанбаҳои дастурӣ (грамматикӣ), маъноӣ (мантиқӣ) ва оҳангӣ (интонатсионӣ)-ро таъмин мекунанд. Бинобар ин, мо дар ин бахши корамон ба баррасии ҳамин хусусиятҳои пунктуатсияи англисӣ мепардозем. Ногуфта намонад, ки аксари қоидаҳои аломатгузории баррасишаванда дар забони расмии англисӣ (ҳуҷҷатҳои расмӣ, мукотиботи давлатӣ ва монанди инҳо) мушоҳида мешаванд.

1. **Нуқта (.) – Full Stop**, **point**, ки дар забони англисии америкоӣ **Period** ва гоҳо **dot** (дар таркиби веб-адресҳо) низ мегӯянд, расмитарин аломати китобат дар ҳамаи забонҳост. Нуқта дар забони англисӣ монанди нуқта дар забони тоҷикӣ аст. Вале тавре мушоҳида мешавад, дар забони англисӣ нуқта дар муқоиса бо аксари дигар аломатҳои китобат серистифодатар буда, аз ҷумла дар мавридҳои зер ба кор бурда мешавад:

➢ Дар охири як ҷумлаи комили хабарӣ. Монанди:

The boy went out.

Писарак ба берун баромад. (ПвБ, саҳ. 26)

The old man dtank his coffee slowly.

Пирамард оромона қаҳваашро нӯшид. (ПвБ, саҳ. 30);

➢ Дар охири баъзе калимаҳои кӯтоҳшуда ва ихтисораҳо, ба монанди ному унвонҳо ва ғайра меояд. Масалан, Dr. (=Doctor), Mr. (=Mister), etc. (=etcetera), ltd. (=limited), p. (=page), N.Y. (=New York).

Dr. Ashraf Examined his patient.

Доктор Ашраф беморро муоина кард;

➢ Пас аз калимаҳои то ҳадди як ҳарф ихтисоршудаи лотинӣ: **i.e.=id. est=that is;**

➢ Дар аббревиатураҳо: **M.A.= Master of Arts;**

➢ Ҳангоми кӯтоҳкунии калимаҳо: **Co=Company;**

➢ Дар ихтисори ному насаб: **S.S. Abrorov;**

➢ Баъд аз кӯтоҳшавии номи моҳҳо:

He was born on Dec. 22, 2000.

Ӯ дар 22-юми декабри соли 2000 ба дунё омад;

➢ Барои ҷудосозии шумораҳои аслӣ аз шумораҳои касрӣ: **0.25** (хонда мешавад **zero point twenty five**);

➢ Баъд аз ҷумлаҳое, ки ҳарчанд ҷонишинҳои саволӣ доранд, вале саволӣ нестанд:

He asked where his suitcase was.

(Ӯ пурсид, ки ҷомадонаш дар кучост)

Дар баъзе мавридҳо гузошта намешавад:

- Баъд аз рамзҳо: **$, £, %;**
- Баъд аз шумораҳои тартибӣ, агар кӯтоҳ карда шаванд: **1st, 2nd, 3rd, 4th;**
- Пас аз номи элементҳои кимиёӣ, агар ихтисор карда шаванд: **O (oxygen);**
- Дар охири сарлавҳаҳо: **The effect of technology**;
- Дар муқоваи китобҳои илмӣ, бадеӣ, дарсӣ, маҷалла ва дигар нашрияҳо баъд аз насаби муаллиф ва унвони онҳо:

Баъзе ҳолатҳое низ ҳаст, ки калимаҳои кӯтоҳшуда ва ихтисораҳо метавонанд ҳам бо нуқта ва ҳам бидуни он навишта шаванд:

- Дар забони англисии америкоӣ баъд аз калимаҳои кӯтоҳшуда ва ихтисораҳо нуқта гузошта мешавад, вале агар ба сабки англисии британиягӣ навишта шавад, нуқта монда намешавад:

Dr. ё Dr = Doctor

Mr. ё Mr = Mister

Mr. Green asked Ms. Grey if she had met Dr. Jekyl. (сабки америкоӣ)

Mr Green asked Ms Grey if she had met Dr Jekyl. (сабки британиягӣ)

- Дар ихтисоркунии номи давлатҳо: **USA** ё **U.S.A.**
- Дар ихтисоркунии номи ташкилотҳо: **BBC** ё **B.B.C.** [55, 211].

2. **Аломати савол (?) – Question mark,** ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ дар охири ҷумлаҳои саволӣ ба кор меравад. Ҷумлаҳои саволии англисӣ, маъмулан бо ҷонишинҳо ва ҳиссачаҳои саволӣ (what, how, when, where, why, who) ва монанди инҳо сар мешаванд. **Аломати саволро дар мавридҳои зерин мегузоранд:**

- Дар охири ҷумлаҳои саволии мустақим, ки гӯянда интизори ҷавоб аст:

How are you?

Шумо чӣ хел? *(барои “ҳолпурсӣ”)*

Where are you from?

Аз куҷо ҳастед? *(кишвар, шаҳр)*

➢ Баъд аз ҷумлавораҳои саволие, ки мавзуеро баён мекунанд ва ҷавоби мушаххасе талаб намекунанд, аломати савол гузошта мешавад. Яъне, барои хонанда нишон медиҳад, ки ин як масъала аст, на як ҷумла:

Аломатҳои китобат дар ҷумла чӣ нақш доранд?

➢ Пас аз пурсишҷонишинҳое, ки ҷумлаи саволиро ифода мекунанд:

Мисол: Кӣ? Киро? Кай? Дар куҷо? Чӣ хел?

Англисӣ: Who? Whom? When? Where? How?

➢ Дар ҷумлаҳои саволие, ки бидуни ҷонишинҳо ва ҳиссачаҳои саволӣ, бо интонатсия баён мешаванд:

Will you go with me?

Ту оё бо ман меоӣ? (*хоҳишмандона*)

➢ Дар ҷумлаҳое, ки бо ҷонишигҳои саволӣ сохта шудаанд, вале пурсиш ғайримустақим аст, аз аломати савол истифода намешавад. Зеро ин гуна ҷумла саволӣ нест ва ба ҷойи аломати савол нуқта гузошта мешавад.

Мисол: **I asked where he was.**

Ман пурсидам ӯ куҷост.

3. **Нохунак (“ ”) – Quotation Marks** аломати сервазифа буда, маъноҳои махсус доштани калимаву ибораҳо, “бегона” ва иқтибосӣ будани ҷузъе аз матн ё номи осору нашрияҳо ва муассисаҳоро нишон медиҳад. Нохунак дар навишти англисӣ ду намуди сабт дорад, ки яке нохунаки ҷуфт (“ ”) - Quotation Marks, ки маъмулан дар нигориши америкоӣ истифода мешавад ва дигаре нохунаки тоқ (‘ ’) - “inverted commas”, ки дар аломатгузории британӣ ба кор меравад. Дар забони тоҷикӣ нохунакҳои ҷуфти хаттӣ (“ ”) ва чопӣ («») серистеъмол буда, нохунаки тоқ (’) тамоман маъмул нест.

Дар забони англисӣ аломати нохунак мавқеи корбурди гуногун дорад:

➢ Барои нишон додани нутқи айнан нақлшуда, ки тавассути шахси дигаре гуфта шуда бошад:

“It is a historic moment,” he told journalists.

Ӯ ба хабарнигорон гуфт: – “Ин як лаҳзаи таърихӣ аст.”

➢ Ҳангоми навиштани калимаву ибораҳои супоришӣ-водоркунӣ:

“Don’t go outside,” teacher said.

Муаллим гуфт: – “Берун нарав”

➢ Гоҳе, агар мехоҳем, ки ба калимае дар матн маънои хосе диҳем, аз қабили маънoҳои маҷозӣ ё дигаргӯиҳо, номҳо ва таъкидҳо, он бояд дар нохунак гирифта шавад. Ин равиш, маъмулан дар таҳлилҳои забоншиносӣ бештар дида мешавад. Мисолҳо:

The sign changed from “Walk,” to “Don’t Walk,” to “Walk” again within thirty seconds.

Here the pronoun “we” is omitted.

Аломати савол метавонад, ҳам дар дохил ва ҳам берун аз аломати нохунак гузошта шавад. Ба ин тартиб ки, агар худи нутқи айнан нақлшуда саволӣ бошад, аломати савол бояд дар дохили нохунак гузошта шавад ва агар савол дар бораи нутқи айнан нақлшуда бошад, пас аломати савол берун аз нохунак қарор мегирад. Мисолҳо:

She asked, “Will you still be my friend?”

Do you agree with the saying “All’s fair in love and war”?

Ҳамон тавре ки дар мисоли аввалӣ дида мешавад, агар дар дохили нохунак яке аз аломатҳои китобат омада бошад, дигарбора гузоштани нуқта зарурат надорад.

➢ Дар сурати ҳам нутқи айнан нақлшуда ва ҳам ҷумла саволӣ будан, танҳо як аломати савол ва он ҳам дар дохили нохунак гузошта мешавад. Мисол:

Did she say, “May I go?”

Ӯ гуфт, ки «Метавонам биравам?»

- Агар ду нутқи айнан нақлшуда дар дохили якдигар гуфта шаванд, бояд аз ин аломат (“), ки маъмулан дар тарзи нигориши британӣ “inverted commas” истифода мешавад, ба кор гирифта шавад:

She said, “He said, ‘Hurry up.’”

Ӯ гуфт, ки «Вай мегӯяд, ки «Зуд бошед»».

- Яке аз фарқиятҳои истифода аз аломати нохунак дар забони тоҷикӣ ва англисӣ дар матнҳои муколамавӣ (диалогӣ) мебошад. Ба ин мисолҳо таваҷҷуҳ кунед:

"Hi," said Karim.

– Салом, – гуфт Карим.

"Hello," said Nodir.

– Ассалому алайкум, – гуфт Нодир.

Чӣ хеле ки дида мешавад, дар нигориши тоҷикӣ, баръакси забони англисӣ, сухани мусоҳибон бо истифода аз аломати тире ва бе нохунак навишта мешавад.

- Қоидаи дигаре, ки барои нутқи айнан нақлшуда риоя бояд шавад, дар дохили нохунак бо ҳарфи калон сар шудани ҷумлаи иқтибосшуда мебошад. мисол:

He said, “Treat her as you would your own daughter.”

Гуфт: “Бо вай мисли духтари худат муомила кун.”

“Look out!” she screamed. “You almost ran into my child.”

“Нигоҳ кунед!” гуфта, вай дод зад. “Шумо қариб ба кӯдаки ман бархуред.”

4. **Аломати вергул (,) – Comma**, аз пурбаҳстарин ва сервазифатарин аломатҳои китобат буда, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бештарин қоидаҳои истифодаро дорад. Таваҷҷуҳ кунед, ба намунае аз шинохтатарин мавқеъҳои корбурди аломати вергул дар забони англисӣ:

1. Барои ҷудо кардани калимаву ибораҳои чидаи ҷумлаҳо, маъмулан пеш аз пайвандаки пайвасткунандаи ***and*** гузошта намешавад. Мисол:

Besides being a good swimmer, Iraj is a professional runner and has won many medals.

Эраҷ бар замми ин ки шиновари хуб аст, давандаи касбӣ буда, медалҳои зиёде ба даст овардааст.

Вале барои роҳ надодан ба дигарфаҳмӣ, гоҳе ба гузоштани аломати вергул пеш аз пайвандаки ***and*** зарурат пеш меояд, монанди:

My $10 million estate is to be split among my husband, daughter, son, and nephew.

10 миллион доллари ман бояд байни шавҳар, духтар, писар ва ҷияни ман тақсим карда шавад.

Агар дар ҷумлаи мазкур аломати вергул пас аз калимаи **son** бардошта шавад, маънои ҷумларо тағйир дода, ба ин мазмун мешавад, ки писар ва ҷиян лар ин саҳм шарик буда, сеяки меросро бо ҳам тақсим кунанд. Дар пунктуатсияи англисӣ ба ин "вергули оксфордӣ" мегӯянд, ҳарчанд нисбат ба Британияи кабир дар Америка серистифодатар аст.

2. Аломати вергул барои ҷудо кардани сифатҳои чида, махсусан сифатҳои мушаххасе ба кор меравад, ки дар байни он хусусиятҳо гузоштани пайвандаки ***and*** мумкин бошад:

He is a strong, healthy man.

Вай одами тавоно, солим аст.

3. Баъд аз сифатҳое, ки бо анҷомаи "**-ly**" хатм мешаванд, аз вергул истифода мекунанд. Вале дуруст бояд фарқ кард, ки калимаи анҷомаи "**-ly**"-дор сифат аст ё зарф. Яъне, агар дар ҷумла ба исмҳо хусусияти муайянкунандагӣ дода тавонад (lonely boy), сифат аст ва бояд вергул гузошта шавад:

Felix was a <u>lonely</u>, young boy.

Феликс писари танҳо ва ҷавон буд.

Лекин дар ин ҳолат:

I got headaches in brightly lit rooms.

Ман дар утоқҳои равшан дарди сар гирифтам.

"**brightly room**" зарф аст ва пас аз он вергул гузоштан дуруст нест.

4. Барои бо ҳам пайваст кардани ҷумлаҳои комил тавассути пайвандакҳои пайвасткунандаи **for, and, nor, but, or, yet, so**, ки акроними FANBOYS-ро ташкил медиҳанд. Барои намуна, мисол:

I have painted the entire house, <u>but</u> he is still working on sanding the doors.

Ман тамоми хонаро ранг кардаам, аммо ӯ то ҳол дар пардоз кардани дарҳо кор мекунад.

Аммо, дар ҷумлаҳои кутоҳ бидуни вергул ҳам навишта мешавад. Чунончи:

I paint and he writes.

Ман ранг мекунам ва ӯ менависад.

Гоҳе ду ё бештар ҷумлаҳои сертаркиб ба воситаи пайвандаки **and** пайваст мешаванд. Дар ин ҳолат беҳтар аст, барои пешгирӣ аз ғалатфаҳмӣ, пеш аз пайвандаки **and** вергул гузошта шавад. Мисол:

I chose the colors red and green, <u>and</u> blue was his first choice.

Ман рангҳои сурх ва сабзро интихоб кардам ва кабуд интихоби аввалини ӯ буд.

Агар дар ҷумлаҳои мураккаби дутаркиба мубтадо барои хабари ҷумлаҳои дуюму сеюм ва ... такрор наомада бошад, набояд ҷумлаҳоро бо вергул ҷудо кард, монанди:

He thought quickly but still did not answer correctly.

Вай зуд фикр кард, вале ба ҳар ҳол дуруст чавоб надод.

5. Агар ҷумла бо пайвандакҳои тобеъкунанда, аз қабили **although, because, before, however, unless, even though** ва ғайра шуруъ шавад, баъд аз фикри тамомшудаи ҳамон ҷумла аломати вергул гузоштан лозим аст. Лекин, дар сурати дар миёна омадани пайвандаки пайвасткунанда, гузоштани вергул зарурат надорад. Мисол:

I'm not going to the party unless you go.

Ман ба зиёфат намеравам, магар ин ки шумо наравед.

Ҷумлаҳое, ки бо пайвандакҳои ***however*** ва ***nevertheless*** ҷудо карда мешаванд, ниҳоят калону вазнин ба назар меоянд. Аз ин рӯ, пеш аз онҳо аз нуқтавергул истифода бурдан беҳтар аст. Барои намуна:

Jim woke up in his own bed; however, he felt great.

Ҷим дар бистари худ бедор шуд; вале худро олӣ ҳис мекард.

It was the Queen's birthday on Saturday; nevertheless, she had no post whatever.

Рӯзи шанбе зодрӯзи Малика буд; бо вуҷуди ин, вай ҳеҷ гоҳ рӯза намедошт.

Агар дар ҷумла калимаҳои ба монанди ***therefore*** ва ***however*** на ҳамчун пайвандак, балки ҳамчун калимаҳои туфайлӣ истифода шаванд, пас, аломати вергул аз ҳарду тарафи он гузошта мешавад. Мисол:

I would, therefore, like a response.

Аз ин рӯ, ман ҷавоб мехоҳам.

I would be happy, however, to volunteer for the Red Cross.

Бо вуҷуди ин, ман хурсанд мешудам, ки ихтиёран ба Салиби Сурх равам.

6. Мухотаб ва нидоҳо ҳамеша бо аломати вергул ҷудо карда мешаванд. Агар дар миёнаи ҷумла биёяд, он гоҳ аз ду тараф вергул бояд гузошт:

Stop, or I'll scream.

Истед, ё ман фарёд мезанам.

He explained, Alisher, that you should never cross the street against the light.

Вай фаҳмонд, ки Алишер шумо набояд ҳеҷ гоҳ аз кӯча бар зидди чароғак убур кунед.

7. Ҳангоми тасдиқ ё инкор намудан низ, калимаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ бо вергул ҷудо карда мешаванд. Мисолҳо:

Yes, I want to eat lunch.

Бале, ман мехоҳам хӯроки нисфирӯзӣ бихӯрам.

No, thank you.

Не, раҳмат.

8. Баъзан, аз аломати вергул барои нишон додани калимаҳои ҳазфшуда истифода мешавад, ки ин равиш, маъмулан, хоси услуби гуфтугӯй буда, дар нутқи хаттӣ камтар ба кор меравад. Мисол:

Give Ellen candy; Bob, cake.

Ба Эллен қанд диҳед; ба Боб торт.

Annie had dark hair; Sally, fair.

Энни мӯйҳои сиёҳ дошт; Салли равшан.

9. Аз ду вергул (**comma pair**) барои ҷудо кардани он бахше аз матни ҷумла истифода мебаранд, ки дар ҳолати ҳазф ё партофтани он, мазмуни ҷумла халалдор намешавад. Таваҷҷуҳ кунед ба ин мисол:

I am, as you have probably noticed, very nervous about this.

Ман, чунон ки шумо эҳтимолан пай бурдед, аз ин хеле асабонӣ ҳастам.

10. Агар ду ҷумлаи тамому комил на бо пайвандакҳо (**Conjunctions**), на бо дунуқтаю нуқтавергул ва на бо нуқта, балки бо вергул ҷудо карда шавад, ба ин гуна иштибоҳ **comma splice** (вергулпайванд – Д.М.) мегӯянд. Вале, агар он ду ҷумларо бе истифодаи аломатҳои китобат пайваст кунем, як ҷумлаи мураккаби таркибии устувор – **run-on sentence** (яклухт – Д.М.) ҳосил мешавад.

Мисол барои comma splice (вергулпайванд):

Time flies when we are having fun, we are always having fun.

Вақте ки мо хурсандӣ мекунем, вақт мегузарад, мо ҳамеша хурсандӣ мекунем.

Намунаҳои саҳеҳ:

1) Time flies when we are having fun; we are always having fun.

2) Time flies when we are having fun, and we are always having fun.

3) Time flies when we are having fun. We are always having fun.

(Вақте ки мо хурсандӣ мекунем, вақт мегузарад; мо хамеша кайфу сафо мекунем.)

11. Дар навиштани санаҳо бо услуби англисӣ, барои ҷудо кардани моҳу рӯз аз сол ва низ баъд аз сол вергул гузошта мешавад:

Nushin met her husband on Desember 22, 2022, in Farkhor, Khatlon.

(Нӯшин бо шавҳараш 22 сентябри соли 2022 дар Фархори Хатлон вохӯрд.)

Аммо, агар таърихи рӯз ҳазф шуда бошад, аломати вергул гузошта намешавад. Мисол:

They met in December 2022 in Farkhor.

(Онҳо моҳи декабри соли 2022 дар Фархор мулоқот карданд.)

12. Дар вақти нишон додани суроғаи муайян ё макони мавриди назар, бояд баъд аз шаҳр, вилоят ё иёлат вергул гузошта шавад. Мисол:

I live in Farkhor, Khatlon, for twenty years.

(Ман бист сол боз дар Фархори Хатлон зиндагӣ мекунам.)

Дар бархе навиштаҳо, мумкин аст пас аз вилоят ё иёлат вергул гузошта нашавад, монанди:

I live in Farkhor, Khatlon for twenty years.

13. Ҷумлаҳои забони англисӣ, маъмулан, дар қолаби **мубтадо+хабар+пуркунанда+ ҳол** сохта мешаванд. Агар калима ё иборае дар тартиби зикршуда муайянкунанда ва тавзеҳи бештар бихоҳад, бояд пеш ва баъд аз он вергул гузошта шавад. Дар миёнаи ду вергул қарор гирифтани он низ ба ин маъност, ки дар ҳолати ҳазф гардидани он ба маънои аслии ҷумла ягон осеб намерасад. Таваҷҷуҳ кунед ба ин мисолҳо:

I am, as you have probably noticed, very nervous about this.

(Ман, чунон ки шумо эҳтимолан пай бурдед, аз ин хеле асабонӣ ҳастам.)

14. Агар дар ҳолате ҷумла бо мубтадо шуруъ нашуда бошад ва тартиберо, ки нишон додем, вайрон гардида бошад, бояд баъд аз ибораи аввал вергул гузошта шавад, масалан:

To apply for this job, you must have previous experience.

(Барои мурочиат кардан ба ин кор, шумо бояд таҷрибаи қаблӣ дошта бошед.)

Агар ибораи аввал аз се калима ё камтар аз он сохта шуда бошад, гузоштан ё нагузоштани вергул ихтиёрӣ мешавад. Ба ҷумлаи зер таваҷҷуҳ кунед (вергул дар қавс (,) нишонаи ихтиёрӣ будани он аст):

On February 14 (,) many couples give each other candy or flowers.

(14-уми феврал (,) бисёр завҷҳо ба ҳамдигар конфет ё гул медиҳанд.)

15. Дар ҷумлаҳои шартӣ, агар пеш аз сарҷумла ҷумлаи пайрав омада бошад, баъд аз он бояд вергул гузошта шавад, аммо агар аввал сарҷумла ва баъд ҷумлаи пайрав омада бошад, он гоҳ гузоштани вергул зарурат надорад. Таваҷҷуҳ кунед ба ин намунаҳо:

If you are not sure about this, let me know now.

(Агар шумо дар ин бора боварӣ надошта бошед, ҳозир (феълан / ҳамакнун) ба ман хабар диҳед.)

Let me know now if you are not sure about this.

(Хамакнун ба ман хабар диҳед, агар шумо ба ин боварӣ надошта бошед.)

16. Дар ҷумлаҳои англисӣ ибораҳое ҳастанд, бо калимаҳои **Wh**-дор сохта мешаванд ва барои шарҳу тавзеҳи исмҳои пеш аз худ омада истифода мегарданд. Дар забони тоҷикӣ ин гуна калимаву ибораҳоро **аъзои истисноӣ** мегӯянд. Агар он тавзеҳоте, ки чунин калимаву ибораҳо мерасонанд, барои маънои ҷумла зарурӣ бошад, эҳтиёҷ ба гузоштани вергул нест, аммо агар он маълумот изофӣ аст ва донистану надонистани он зарурат надорад, пас бояд аз ду тараф вергул гузошта шавад. Таваҷҷуҳ кунед ба намунаҳои зер:

Freddy, <u>who has a limp</u>, was in an auto accident.

(Фредди, ки ланг аст, ба садамаи автомобилӣ дучор шудааст.)

(иттилооти мобайни ду вергул изофӣ аст).

The boy who <u>has a limp</u> was in an auto accident.

(Писарбачае, ки ланг шуд, ба садамаи автомобилӣ дучор шуда буд.

(иттилооти ин ҷумла зарурӣ аст)

17. Барои ифодаи нутқи айнан нақлшуда дар ҷумла: агар сухани айнан нақлшуда дар аввали ҷумла оварда шавад, баъд аз он аломати вергул гузошта мешавад, мисол:

"Why", I asked, "do you always forget to do it?"

"Чаро, пурсидам, оё шумо ҳамеша ин корро фаромӯш мекунед?"

ва агар дар аввали ҷумла оварда нашавад, пеш аз он аломати вергул гузошта мешавад, мисол:

He actually said, "I do not care."

(Вай аслан гуфт: "Ман парво надорам.")

18. Пеш аз пурсиши кутоҳ (**question tags**) низ аломати вергул гузошта мешавад, масалан:

I can go, can't I?

(Ман рафта метавонам, ҳамин тавр не?)

19. Барои ҷудо кардани бахше аз ҷумла, ки бо қисми дигари ҷумла мухолиф аст ва он маъмулан бо калимаи **not** нишон дода мешавад, бояд вергул гузошта шавад. Мисол:

That is my money, <u>not</u> yours.

(Ин пули ман аст, на аз они ту.)

20. Агар ҷумлае бо калимаҳои **yes, no, well, now** ва монанди инҳо сар шуда бошад, бояд пас аз ин гуна калимаҳо аломати вергул гузошт. Мисолҳо:

<u>Yes</u>, I do need that report.

(Бале, ин гузориш ба ман лозим аст.)

<u>Well</u>, I never thought I'd live to see the day…

(Хуб, ман ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки ман барои дидани рӯз зиндагӣ мекунам…)

21. Агар дар ҷумлае барои нишон додани намунаҳо ё мисолҳо аз калимаву ибораҳои монанди **namely, that is, i.e., for example, e.g., for instance** истифода шавад, беҳтар аст баъд аз онҳо вергул гузошта шавад. Мисол:

You may be required to bring many items, for example, sleeping bags, pans, and warm clothing.

(Шояд аз шумо талаб карда шавад, ки чизҳои зиёде биёред, масалан, халтаи хоб, зарф ва либоси гарм.)

5. **Нимтире (-) – Hyphen.** Дар аломатгузорӣ аксари афрод аломати тиреро бо нимтире иштибоҳ мекунанд. Ҳол он он ки ин ду аломат аз рӯйи вазифаҳои дастурӣ ва ифодаҳои маъноии худ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ доранд. Ҳатто дар гузоштани аломати нимтире дар миёнаи калимаҳо, бар хилофи аломати тире, ҳеҷ гуна фосила гузошта намешавад. Аломати нимтире фақат се мавриди истифода дошта, на барои пайваст кардани ҷузъҳои ҷумла, балки барои пайваст кардани калимаҳои ҷудогона ба шакли таркиби воҳид ба кор меравад. Ин се маврид инҳоянд:

- ҳангоми васл кардани ду ё чанд калима ба як ҷумла ё ибораи таркибӣ (васл кардани исмҳо ва феълҳои мураккаб) истифода мешавад. Ба унвони мисол:

I work part-time.

Ман як қисмати вақт кор мекунам.

Self-confidence.

Эътимод ба нафас.

- барои бо калимаҳо пайваст кардани пешвандҳо. Мисол:

Pre-historic times.

Замонҳои моқабли таърих.

Pre-Crusades.

Пеш аз ҷангҳои салибӣ.

• вақте ададҳои касриро бо ҳарф навиштан бихоҳем, дар забони англисӣ барои ҷудо кардани сурат ва махраҷи он аз ин аломати нигоришӣ истифода мекунем. Мисол:

One-fifth

Панҷяк (аз панҷ як ҳисса) (5/1)

Two-third

Аз се ду ҳисса (3/2)

6. **Тире (–) – Dash.** Аломати тире ё хатти тире дар забони англисӣ дорои махсусияти хос буда, ду навъи роиҷ дорад – **En dash** ва **Em dash.**

• **En dash** – ин навъи тиреи англисӣ тақрибан ду баробар аз нимтире дарозтар навишта мешавад ва шаклан ба тиреи тоҷикӣ монанд аст. **En dash** дар матн барои ҷудо кардан ва нишон додани ҳудуди аъзоҳои ҷумлаи сода ва қисмҳои ҷумлаи мураккаб ба кор бурда иншавад. Чунончи:

1990 – 2000

Chicago – New York train

Қатораи Чикаго – Ню Йорк

• **Em dash** – ин навъи тире махсуси забони англисӣ буда, дар хатти тоҷикӣ маъмул нест. Он ду баробар дарозтар аз **En dash** навишта мешавад. Аз рӯйи вазифаҳои грамматикиаш метавонад ба ҷойи вергул, аломати баён ва ҳатто ба ҷойи қавс низ истифода шавад. Зеро аз рӯйи вазифаҳои интонатсионӣ ва маъноии худ, шиддатноктар хондани ҷумла ва ботаъкиду хулосабарорӣ анҷом шудани онро тақозо мекунад. Мисол:

It comes in three colors — black, blue and green.

Он дар се ранг меояд — сиёҳ, кабуд ва сабз.

His mother gave him her answer — No!

Модараш ба ӯ ҷавоб дод — Не!

7. **Аломати хитоб (!) – Exclamation mark.** Аломати хитоб дар забони англисӣ низ мисли забони тоҷикӣ барои ифодаи амру фармон, ҳиссиёту

ҳаяҷон, ихтор, таъкид, таҳдид, тарс, хашму ғазаб, маломат, сарзаниш, истеҳзо, даъват, хурсандӣ, орзу, тантана, таҳсин, тааҷҷуб ва ғайра истифода мешавад.

Масалан, агар дар охири ҷумлаи **“I am excited”** (Ман хашмгин ҳастам) аломати хитоб гузорем, ҷумла чунин маъно медиҳад, ки гӯянда ҷумларо бо ҳаяҷону эҳсосот баён кардааст. Масалан:

Yes! I will marry you!

Ҳа! Ман бо ту издивоҷ мекунам!

Stop! I really don’t want to swim!

Ист! Ман аслан шино кардан намехоҳам!

Мавқеи корбурди аломати хитоб чунин аст:

Баъд аз калимаҳои нидоӣ, монанди **oh, look out, wow** ва ғайра гузошта мешавад. Мисол:

Wow! This grammar stuff is interesting.

Вой! Ин маводи грамматикӣ ҷолиб аст.

Boy! I wish I’d learned it before.

Писар! Кош пештар ёд медоштам.

Oh! That’s right, I did.

Оҳ! Ин дуруст аст, ман кардам.

Агар ҷумла нутқи айнан нақлшуда бошад, бояд аломати хитоб дар дохили нахунак гузошта шавад. Мисол:

Joe said, “I like Pizza a lot!”

Ҷо гуфт: “Ман питсаро хеле дӯст медорам!”

- Дар навиштаҳои расмӣ, маъмулан аз як аломати хитоб истифода мешавад, вале дар матнҳои бадеию адабӣ ва ғайрирасмӣ барои нишон додани тааҷҷубу дигар эҳсосоти баланд ё таъкиди бештар аз ду ва бештар аломати хитоб ҳам ба кор меравад. Барои мисол:

“No!!! I told you metal can’t go in the microwave.”

“Не!!! Ман ба шумо гуфтам, ки металл дар печи микромавҷӣ мумкин нест”

Гоҳе, дар матн барои нишон додани эътирозу асабоният ё тааҷҷуби зиёд аз як ё якчанд аломатҳои саволу хитоби пайиҳам истифода мешавад, монанди:

What do you mean you forgot the plane tickets?!?!?

Шумо чӣ гуфтанӣ ҳастед, чиптаҳои ҳавопаймоpo фаромӯш кардаед?!?!?

8. **Аломати дунуқта (баён) (:) – Colon.** Ин аломати китобатӣ низ дар забони англисӣ корбурдҳои гуногун дошта, дар мавридҳои зерин истифода мешавад:

- Барои баёни матлабҳо пеш аз нутқи айнан нақлшуда, овардани намунаҳо, мисолҳо, феҳристҳо, рӯйхату номгӯҳо, шарҳу тавзеҳот ва ҷузъиёти бештар додан. Мисолҳо:

  There are three rules: .....

  Ин ҷо се қоида аст: ....

  Elephant is an animal: it's a huge mammal.

  Фил як ҳайвон аст: як пистондори азимҷусса мебошад.

- Барои ҷудо кардани ду ҷумлаи мустақили як ҷумлаи мураккаб, ба шарте ки ҷумлаи дуюм ҷумлаи аввалро тавзеҳ диҳад. Монанди:

  They didn't have time to waste: it was already late.

  Онҳо вақти зиёдатӣ надоштанд: дигар дер шуда буд.

  I enjoy reading: novels by Agatha Christy are among my favorites

  Ман аз китобхонӣ лаззат мебарам: романҳои Агата Кристи аз романҳои дӯстдоштаи ман мебошанд.

- Барои таъкид ба масъалае дар ҷумла истифода мешавад. Мисолҳо:

  I only hate one vegetable: parsley

  Ман аз кабӯдиҳо фақат якеро дӯст намедорам: ҷаъфарӣ (петрушка).

  There was one thing she loved more than any other: her dog.

  Як чиз буд, ки ӯ аз ҳама бештар дӯсташ медошт: сагаш.

9. **Нуқтавергул (;) – Semicolon** дар забони англисӣ барои ҷудо кардани ду ҷумлаи мустақили таркиби ҷумлаҳои мураккаб истифода мешавад; ба шарти он ки ҷумлаи дуюм мазмуни ҷумлаи аввалиро такмил созад. Нуқтавергул ба робитаи наздики миёни ду ҷумла ишора намуда, баъзан аломати вергулро иваз.месозад ва аз нуқта беҳтар амал мекунад. Мисол:

My mother is a teacher; my father is an accountant.

Модарам муаллим аст; падарам як ҳисобдор аст.

Daler was hurt; he knew she only said it to upset him.

Далер осеб дида буд; ӯ медонист, ки инро фақат барои нороҳатии ӯ гуфта буд.

10. **Аломати қавс () – Parenthesis** аломатест, ки барои шарҳу тавзеҳи бештар ё маълумоти иловагӣ додан дар бораи як калима ё ибора дар ҷумла ва ё ҷумла гузошта мешавад. Аломати қавсро дар миёнаи ҷумла, бидуни он ки маънои ҷумла тағйир ёбад, бо вергул иваз кардан мумкин аст. Мисол:

The two sisters (Mahina and Madina) are learning English.

Ду хоҳар (Маҳина ва Мадина).забони англисӣ омӯхта истодаанд.

Suman (who is Karim's wife) is a doctor.

Суман (касе, ки зани Карим аст) табиб аст.

11. **Сенуқта (...) – Ellipsis.** Вақте дар матн калимаву ибораҳое, ки зарурат ба навиштан надоранд ё аз назари ахлоқӣ хуб наменамоянд ва ё ба ҳар тариқе лоиқи навиштан нестанд, аз матн партофта мешаванд, ки дар ин маврид, маъмулан, ба ҷойи чунин калимаву ибораҳои ҳазфшуда аз ин аломат ба кор бурда мешавад. Гоҳо, барои кӯтоҳ кардани матнҳо, ба шарте ки ба маъною мазмуни матн халал ворид нашавад ва ё ба ҷойи калимаҳои дар матни асл ҳазфшуда низ ба кор меравад. Масалан:

My friends will never believe what I saw…

Дӯстони ман ҳеҷ вақт бовар намекунанд, ки ман чӣ дидам ...

The baby began to count: "one, two, three, …"

Кӯдак ба шуморидан сар кард: “як, ду, се, ...”

12. Апостроф (‘) – Apostrophe. Аз ин аломат дар забони тоҷикӣ маъмул набуда, дар забони англисӣ фақат дар ду маврид истифода мешавад:

- Барои нишон додани моликият бар чизе ё касе. Дар забони тоҷикӣ ин вазифаро бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ иҷро мекунанд. Мисол:

  The boy’s bag is brown.

  Сумкаи писар қаҳваранг аст.

  Bob’s cat is so beautiful.

  Гурбаи Боб бисёр зебо аст.

- Барои нишон додани калимаи кӯтоҳшуда дар калимаҳои таркибӣ. Мисол:

  I am = I’m.

  Ман ҳастам = манам.

  My sister doesn’t like vegetables.

  Хоҳарам сабзавотро дӯст намедорад.

13. Қавсҳои росткунҷа ([ ]) – Brackets. Ин аломати китобатӣ дар забони англисӣ барои мушаххас кардани матлабе ё истилоҳоту тавзеҳоти техникӣ истифода мегардад, ки солҳои охир дар нигориши тоҷикӣ низ ҳангоми таҳияи рисолаву асарҳои илмӣ ба кор бурда мешавад. Ҳамчунин аз он дар забони англисӣ барои тавзеҳи иловагии мушаххастари матн истифода мешавад, ки дар забони тоҷикӣ, маъмулан аз қавси камоншакл ба кор мегиранд. Дар сурати ҳазф намудани тавзеҳоти дохили қавси росткунҷа, маънои кулии ҷумла халалдор намегардад. Барои мисол:

She [Ms. Nushin] is alone at home.

Ӯ [хонум Нӯшин] дар хона танҳост.

He [the thief] was in room, when I came in.

Вақте ман ворид шудам, ӯ [дузд] дар хона буд.

14. Каҷхата (/) – Slash. Ин аломат дар забони англисӣ мавқеи корбурди гуногун дошта, аз назари грамматикӣ вазифаи ҷудокунандагиро иҷро

мекунад, яъне, ба ҳудуди ҷумлаҳои сода, ҳудуди қисмҳои ҷумлаҳои мураккаб ва монанди инҳо ишора менамояд. Аломати каҷхата ҳамчунин дорои ифодаи семантикӣ-маъноӣ буда, ба ҷойи калимаи “ё” (or) истифода мешавад. Мавридҳои корбурди аломати каҷхата инҳоянд:

- Барои ҷудосозии мисраъҳои як шеър ё суруд, ки пушти ҳам дар як сатр навишта мешавад. Мисол:

Twinkle, twinkle, little star, / How I wonder what you are. / Up above the world so high, / Like a diamond in the sky.

- Дар андозагириҳо ба ҷойи истифода аз калимаи “**per**” (тоҷикӣ: дар, барои...) аз ин мумкин аст аз ин аломат истифода шавад. Монанди:

  120 miles/ hour = 120 miles per hour.

  120 мил/соат = 120 мил дар соат.

- Барои ифодаи рақамии ададҳои касрӣ. Мисол:

  1/3 = сеяк: 2/5 = аз панҷ ду ҳисса

- Барои ҷудосозии адресҳои интернетӣ аз номи фолдерҳо дар баъзе барномаҳои компютерӣ [151, https://www.thepunctuationguide].

Ҷойи зикр аст, ки агарчи ин аломат дар шумори пунктуатсияи нигоришоти тоҷикӣ нест, вале аз ин аломат ва равишҳои корбурдии он васеъ истифода мешавад.

3.2. Умумият ва тафовутҳои корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда

Солҳои охир дар масъалаҳои имлою истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ барои донишҷӯён ва муаллимон мушкилиҳои зиёде пеш омадаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиханд, ки муаллифону мухаррирон дар нашрияҳои мухталиф қоидаҳои имлоро бо салоҳдиди худ истифода мебаранд. Иловатан, пайдоиши воситаҳои муосири табъу нашр ва компютерҳо барои корбурди аломатҳои китобат ва имло имконоти васеъ фароҳам оварда истодаанд.

Ниҳоят, бо равнақу ривоҷ ёфтани муносибатҳо бо мамолики хориҷӣ ва бо таъсири забонҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои англисизабон, ба забони тоҷикӣ аломатҳои китобати нав ворид шудаанд, ки доир ба истифодаи онҳо дар қоидаҳои имлои мавҷуда чизе гуфта нашудааст. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014 таълими дурусти корбурди аломатҳои китобат, оини навиштани ҳарфи калон ва дигар қоидаҳои имлоро низ дар назар дорад. Мутаассифона, устодону донишҷӯён ва хонандагон барои дарёфти маводи таълимии зарурӣ доир ба ин масъалаҳо мушкилӣ мекашанд. Ҳамин эҳтиёҷотро ба назар гирифта қисмати «Аломатҳои китобат ва баъзе қоидаҳои имло дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» таҳия шудааст. Маҷмуи қоидаҳои истифодаи аломатҳои китобатро дар матни хаттӣ пунктуатсия меноманд. Аломатҳои китобат дар баробари ҳарфҳо ва қоидаҳои имло қисми таркиби низоми хатти ҳар як забон мебошанд. Аломатҳои китобат дар забонҳои гуногун вобаста ба сохташон бо мақсадҳои муайян истифода мешаванд. Шахсоне, ки забони хориҷиро меомӯзанд, бояд қоидаҳои асосии истифодаи аломатҳои китобатро дар забони омӯхташаванда донанд ва онҳоро ба тариқи муқоиса бо истифодаи аломатҳои китобат дар забони модарии худ омӯзанд. Бинобар ин ба он қоидаҳои истифодаи аломатҳои китобат бояд бештар эътибор дода шавад, ки дар забони модарии донишҷӯён вуҷуд надоранд ва ё аз он фарқ доранд.

Дар акси ҳол, вазифаи асосии аломатҳои китобат, ки ба сифати воситаи робита байни нависанда ва хонанда хизмат кардан аст, халалдор гардида, метавонавд сабаби нодуруст ба қисмҳо таксим гардидани ҷумла ва ғалат фаҳмидани матни забони дигар гарданд. Ҳангоми муқоисаи аломатҳои гуногуни китобати забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълум гардид, ки дар истифодаи нуқта, аломати саволу хитоб, ду нуқта, кавс ва вергул ин ду забон умумияти бисёр доранд. Дар истифодаи аломатҳои вергул, ду нуқта, тире, нимтире (дефис) баъзе фарқҳо низ мушоҳида

мешаванд. Истифодаи аломатҳои китобати чорнукта, аломати слеш, кавси мураббаъ, аппостроф ва хуруфи шикаста ба хукми анъана надаромада бошад ҳам, баъзе муаллифон онҳоро ба кор мебаранд. Маҳз дар истифодаи вергул, қавси мураббаъ ва хатти шикаста дар низоми аломатҳои китобати забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тафовут ба назар мерасад. Вақте ки муҳаррирон ва ноширон дар бораи услуб сухан меронанд, онҳо одатан интихоби калимаҳою ибораҳо ё дарозии ҷумлаҳои муаллифро дар назар надоранд, балки дастхат дар шакли чопӣ чи гуна ба чашм мерасад, яъне оини навиштани ҳарфи калон, истифодаи аломатҳои китобат, фосила байни хатҳо ва тарзи ҳарфҳочиниро дар назар доранд.

Бо вуҷуди ин дар доираи ҳатто ин мафхуми махдуд, услубро наметавон бо қоидаҳои муайян маҳдуд кард, зеро вобаста ба мавзуъ ё навъи нашрия бо мурури замон услуб иваз шуда метавонад. Услуби рӯзноманигорӣ аз услуби китобнигорӣ фарқ дорад. Услуби Конституцсияи ИМА, ки дар он тамоми исмҳо бо ҳарфи калон навишта шуда буданд, аз услуби солҳои 2000-ум фарқ дорад. Раванди имрӯза то ба дараҷаи имкон камтар истифода бурдани ҳарфи калон мебошад. Услубе, ки дар ин дастур пешниҳод мешавад, бар асоси он меъёрҳое таҳия шудааст, ки аксарияги муҳаррирон имрӯз қабул доранд. Он на фақат ба донишҷӯёне, ки корҳои курсию дипломӣ менависанд, нигаронида шудааст, балки ҳамчунин барои ҳамаи онҳое, ки ба забони возеҳ ва фаҳмои англисӣ ва тоҷикӣ навиштан меҳоханд. Дар он намунаҳои дигари маъмул ҳам оварда шуда, мавриди истифодаашон низ шарҳ дода мешавад. Иловатан, фарҳангҳо ёвари бебаҳо, хусусан дар ҳалли масъалаҳои имло, ба хиҷоҳо тақсим кардан ва ё истифода бурдани дефис ва тире мебошанд. Пас аз интихоби ягон услуб ҳангоми навиштани хуҷҷат ё асаре он бояд то охир риоя шавад.

1. АЛОМАТИ НУҚТА (.)

1. Нуқта дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ гузошта мешавад. Ҷумлае, ки дар охири он нуқта гузошта шудааст, фикри тамомшударо фаҳмонида, мазмуни хабарӣ дорад:

Ҷоми ҷаҳоннамои Кайхусрав ҷаҳонро фақат дар Наврӯз нишон медод.

(Сотим Улуғзода)

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,

Ба дониш дили пир барно бувад.

(Абулқосим Фирдавсӣ)

Дар осмон ситораҳо медурахшиданд.

(Фазлиддин Муҳаммадиев)

2. Дар ҳолати бо оҳанги оромона баён кардани орзу, дуои нек ва таҳсину таманно дар охири ҷумла ба ҷойи аломати хитоб нуқта гузошта мешавад:

Офарин бар ин гуна пешсафони мусобиқа.

Эй хоқони аъзам, ҷовидон, зинда ва фархунда бош.

Эй наҷибаи вологавҳар, Худованд меҳри туро аз Бежан набурад.

(Сотим Улуғзода)

3. Дар вақти ихтисор кардани номҳо аломати нуқта баъд аз вожаи ихтисоршуда гузошта мешавад:

- дар вақти навиштани нишонӣ вобаста ба калимаҳои маъмурию ҷуғрофӣ: вилоят (вил. Хатлон), шаҳр (ш. Душанбе), деҳа (д. Ҳамешабаҳор)ва ғайра; - дар вақти навиштани ном, насаб ва тахаллуси одамон: М. Аминӣ, Б. Сафолзода, Ф. Каримдухт, Н. Азизпур ва ғайра;

- дар вақти ба ҳисоб гирифтани тартибу миқдори ашёи ҷудогона пас аз калимаҳои ихтисоршудаи сол, саҳифа, ҷилд ва ғайра: с.1970 (соли 1970), саҳ. 650 (саҳифаи 650), 240 саҳ. (240 саҳифа), ҷ. 3-юм (ҷилди 3-юм)ва ғайра;

- дар феҳристи адабиёт номи баъзе шаҳрҳо, аз ҷумла, Душанбе, Москва, Ленинград, Санкт-Петербург агар ихтисор навишта шаванд: - Д., - М., - Л., - СПб. ва ғайра.

4. Нуқта дар мавридҳои зерин гузошта намешавад:

- дар охири сарлавҳаҳо:

Наврӯзи дилафрӯз

Диёри обҳои мусаффо

- дар муқоваи китобҳои илмӣ, бадеӣ, дарсӣ, маҷалла ва дигар нашрияҳо баъд аз насаби муаллиф ва унвони онҳо:

Садриддин Айнӣ

Дохунда

Бобоҷон Ғафуров

Тоҷикон

Қосимӣ Мукаррама Набидухт

Об дар "Шоҳнома" ва ғайра;

- дар охири номи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ: ариза, қарор, гувоҳнома, тасдиқнома, тавсифнома, фармон, фармоиш, амр ва ғайра, ки моҳияти мазмуни онҳо ба тамоми матн иртибот дорад:

Ариза

Фармон

Фармоиш

Тавсифнома

- дар байн ва охири ҳарфҳои калимаҳои ихтисоршудаи номҳои ҷуғрофӣ: ВМКБ (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон); ташкилотҳо: АМИТ (Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), ДМТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), БМТ (Бонки миллии Тоҷикистон), ҶДММ-и "Орзу" (Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Орзу"), СММ (Созмони Милали Муттаҳид)ва ғайра;

- агар калимаҳои грам(м), килограм(м), сентнер, сантиметр, метр, километр ва монанди инҳо, ки воҳидҳои миқдор, ченак ва ё ҳаҷму сатҳ

мебошанд, дар шакли ихтисор оянд: 10 г спирт, 50 кг биринҷ, 80 м чит, 20 га замин, 3 млн, 7 м(2);

- дар охири таърихи рӯз:

27-уми октябри соли 1964

30-юми октябри соли 2020 ва ғайра [50, 2021, 38-40].

Нуқта дар забони англисӣ (fullstop or period « . »):

Нуқта дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

1. Дар охири ҷумлаҳои хабарӣ: Each of the students had two brothers. Ҳар яке аз донишҷӯён ду бародар дошт. The meeting was dalyed. Маҷлис ба таъхир гузошта шуд.

2. Дар охири ҷумлахои саволии ғайримустақим ё бавосита ва ё дар ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки пурсишро ҷумлаи пайрав ифода карда бошад: He asked what the time was. Ӯ пурсид, ки соат чанд аст. He asked when the plane was leaving. Ӯ пурсид, ки тайёра кай ҳаракат мекунад.

3. Дар охири ҷумлахои амрӣ: Write your address and phone number on the back of the sheet. Суроға ва рақами телефони худро дар пушти варақ нависед. Read two chapters before Friday. Ду бобро то рӯзи ҷумъа хонед.

4. Дар охири ҷумлае, ки хоҳиш, орзу ва ғайраро ифода мекунанд, ҳатто агар ба тарзи савол баён шуда бошанд: Will you please reply pormptly. Лутфан, хоҳиш мекунам ба зудӣ ҷавобро гардонед.

5. Пас аз аксари калимахои кутохшуда (ихтисора ё мухаффаф): Mr. ~ Mister; Dr. ~ Doctor; p.c. ~ percent; Mrs., Ms., a.m., p.m., etc., e.g. ва г. (ҷаноб, хонум, духтур, просент, хонуми издивоҷкарда, хонуми издивоҷнокарда, ва ғ.). Дар забони тоҷикӣ одатан ин қабил калимаҳо кутоҳ карда намешаванд.

6. Дар охири номи китоб, маҷалла, мақола, шеър ва рисола нуқта гузошта намешавад: The roman the Path of Thunder is written by Peter Abrahams. Романи Аз роҳи раъди ғуррон ба калами Питер Абраҳамс дахл дорад.

7. Барои ҷудо кардани доллар аз сент ҳангоми навиштани ададҳо нуқта гузошта мешавад: $25.00; $3.99.

8. Ҳангоми навиштани ададҳо барои ҷудо кардани даҳӣ нуқта гузошта мешавад: 55.3 дарача, $3.7 million.

9. Пас аз рақамҳо ё ҳарфҳо дар рӯйхатти чизе (масалан: рӯйхатти адабиёти истифодашуда ва ғайра) [55, 2015, 960].

2. АЛОМАТИ САВОЛ (?)

1. Аломати савол пурсишро ифода карда, дар охири ҷумлаи содаи саволӣ гузошта мешавад:

Яке аз бандиён пурсид:

Ту аз куҷоӣ ва писари кистӣ?

Аз фалон деҳа, писари Арбоб Камол ном шахс.

Падарат зинда аст?

Ҳо.

Молу мулк дорад? (Садриддин Айнӣ)

2. Дар охири ҷумлаҳои саволӣ, ки ҷавоби шунавандаро талаб намекунанд, аломати савол гузошта мешавад: Ба омадан-ку омадам, аммо акнун ӯро чӣ тавр партофта меравам? (Сотим Улуғзода)

Модоме ки халқ ба ҷанговарон ҳадя мефиристодааст, ... ман чӣ тавр аз қатор берун монда метавонам? (Фотеҳ Ниёзӣ).

Эзоҳ. Агар ҷумлаҳои саволӣ эҳсосоти гӯяндаро дар бар гиранд, дар баробари аломати савол аломати хитоб ҳам гузошта мешавад:

Эй хунхор, то чанд чунин суханҳо мегӯйӣ?! (Сотим Улуғзода)

3. Дар ҷумлаҳои саволии аслӣ ва ғайриаслӣ барои ифодаи пурсиш се воситаи асосии саволӣ кор фармуда мешавад:

- ҷонишинҳои саволӣ (пурсишҷонишинҳо): кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо?, кадом?, чанд?, чаро?, ку?, куҷо?, кай?, чӣ тариқ?, чӣ тавр?:

Хуб, чӣ шудааст? Осмон ба замин фуру ғалтид, магар? (Сотим Улуғзода)

Чаро имрӯз ба дарс наомадӣ?

Омад бари ман. Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар... (Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)

Эй марди деҳқон, мақомгоҳи Рустами Дастон куҷост? (Сотим Улуғзода)

Ба куҷо равам? Чӣ кунам? Дарди дил ба кӣ гӯям? (Пӯлод Толис)

Чӣ хабар? Гулбарги рӯят аз чӣ пажмурда аст? (Сотим Улуғзода)

- ҳиссачаҳои саволӣ (магар, наход, наход ки, оё, -а, -чӣ ва ғайра):

Магар шумо хабар надоштед? Наход ҳамин қадар ширин бошад? (Фотеҳ Ниёзӣ)

Оё Меҳрон фаҳмид, ки ин манзумаҳо ба ҷойи ариза аст? (Сотим Улуғзода);

- тарзи талаффуз, оҳанги пурсиш:

Рост бигӯ, хулқу атвори онҳо чӣ гуна аст? Хушахлоқанд?

Шумо бо ин дурӯғ мехоҳед гиребони худро аз чанги ман бираҳонед? (Сотим Улуғзода)

Наёмад ба гӯшат ба ҳар анҷуман,

Камону каманди гави пилтан? (Абулқосим Фирдавсӣ)

Зи чашми шӯхи ту ҷон кай тавон бурд?

Ки доим бо камон андар камин аст. (Ҳофизи Шерозӣ) [50, 2021, 41] .

Аломати савол/ Question mark (?)

Аломати савол дар мавридҳои зерин ба кор меравад:

1. Дар охири хама гуна ҷумлаҳои саволй, ибора ва ё калима, ки пурсишро ифода мекунанд: What is your name? Номи шумо чист? Who invited you to the party? Шуморо ба шабнишинй кй даъват кард? Whom shall we elect? Smith? Jones? Киро бояд интихоб кунем? Смит? Ҷонс?

2. Барои нишон додани шакку шубҳа ва нобоварию тардид аломати савол дар дохили қавс гузошта мешавад: He was bom in 1564 (?) and died in 1616. У соли 1564 (?) таваллуд шуда дар соли 1616 даргузаштааст. John Marson (?1575-1634) ~ Ҷон Марсон (?1575-1634). The manuscript dates back to 560 (?) B.C. Дастхат шояд ба соли 560 (?) пеш аз милод тааллуқ дошта бошад.

3. Дар охири ҷумлаҳои саволие (чумтиҳои риторикӣ), ки ҷавоби шунавандаро талаб намекунанд:

How am I going to leave him? Онҳоро чӣ гуна тарк мекарда бошам? [55, 2015, 960-961]

3. Аломати хитоб (!)

Аломати хитоб дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:

- дар охири ҷумлаи хитобӣ:

Хуш омадед, дӯстон, бори дигар биёед!

Тоҷикистон, ба пеш!

Ҷовидон бод сулҳ дар олам!

- дар охири ҷумлаи амр ва хоҳиш, ки бо оҳанги хитоб талаффуз мешавад:

Фарзандонам, ҳамеша китоб хонед!

Инсоф кун! Гунаҳгор дигарон буданд, дигарон! (Ҳаким Карим);

- дар ҳолатҳое, ки хитоб, нидо ва калимаҳои ҳа, оре, бале, не (на), эй, ҳошо, баҳ-баҳ ва ғайра бо оҳанги хитоб талаффуз мешаванд:

Ҳа, парво накун, ғусса нахӯр! (Ҷалол Икромӣ)

Эй писар, бидон, ки дарахт бо решааш мустаҳкам аст! (Саъдии Шерозӣ)

Бале, аз қазову қадар гурез набудааст! (Сотим Улуғзода)

Банд дар пойи Рустам! Ҳошо! Маро чархи баланд ҳам баста наметавонад. (Сотим Улуғзода)

Баҳ-баҳ! Доноёни ман биҳишт дидаанд! (Сотим Улуғзода)

Тавба! Сад тавба! - аз нав даст ба гиребон бурд Абдулаҳад. (Саттор Турсун)

- пас аз мухотаб дар аввали ҷумла:

Эй худписанд! Ту лоф задӣ, ки ҳамоварди Исфандиёр ҳастӣ! (Сотим Улуғзода)

Агар дар ҷумлаи хитобӣ оҳанги талаффуз бошиддат бошад, ду ё се аломати хитоб гузошта мешавад:

Эй нопоки хештанношинос! Ба дастам афтодӣ!! (Сотим Улуғзода)

Беҳаё ту, золим ту, беномус ту!!! (Сотим Улуғзода)

Ба чашмам нигоҳ кун, номард!! Ман Восеъ!! (Сотим Улуғзода) [55, 2021, 43]

Аломати хитоб/ Exclamation mark or *(US)* exclamation point !

Аломати хитоб дар мавридҳои зерин ба кор бурда мешавад:

Дар охири ҷумла, ибора ё ҳатто калимаи танҳо, ки хитоб ва ё ҳиссиёту ҳаяҷони сахт, ба мисли фармоиш, қаҳр, ҳайронӣ ва таваҷҷуҳро ифода мекунанд:

Help! ~ Ёрӣ диҳед! How terrifying! ~ Чи дахшат! Gow away! ~ Равед! Wow! ~ Вах! Оҳ! Never! ~ Ҳеч гоҳ!

Дар забони хатгии англисии ғайрирасмӣ аз як аломати хитобу савол зиёдтар ва ё аломати хитоб ва савол метавонанд якҷоя истифода шаванд: «Your wife has just given birth to triplets.» «Triplets!?», «Triplets!!». «Зани шумо сегоник таваллуд кард». «Сегоник!?», «Сегоник!!» [55, 2015, 961]

4. Аломати вергул (,)

Аломати вергул дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

1) барои ҷудо кардани аъзои чидаи ҷумла, ки дар байни онҳо пайвандакҳои пайиҳами ва, -у (-ю) наомадаанд:

Илоҳӣ, сафари ҳамаи он касон, ки аз хона, ҷой, падару модар, зану фарзанд ҷудо шуда, ба хизмати аскарӣ рафтаанд, бехатар бошад. (Фотеҳ Ниёзӣ)

Нони гандумии хушбӯй, шири гарм ва асал ҷоғи меҳмонро тафсонд. (Сотим Улуғзода) ва ғайра;

2) барои ҷудо кардани аъзои такрор:

Фазлу ҳунарам, Ватан, туӣ, ту,

Сози зафарам, Ватан, туӣ, ту. (Мирзо Турсунзода) ва ғайра;

3) барои ҷудо кардани аъзои истисноӣ:

- агар аъзои истисноӣ ҳаҷму андозаи маънои аъзои муқаррариро мушаххасу саҳеҳ кунад, аз ду тараф бо аломати вергул ҷудо карда мешавад: Ҳоло бисёриҳо, махсусан, ҷавонон аз кӯҳистон оҳиста-оҳиста ба водӣ мекӯчанд. (Саттор Турсун);

- агар аъзои истисноӣ бо аъзои муқаррарӣ (эзоҳшаванда) аз ҷиҳати ифодаи маъно баробар ё муодили якдигар бошад, пеш аз аъзои истисноӣ аломати тире ва пас аз он аломати вергул гузошта мешавад: Ӯро - Фирӯзаро, тамоман бекас мондан намехоҳад. (Ҷалол Икромӣ)

Ман - Фирӯз Шоҳрухзода, соли 2020-ум ба донишгоҳ дохил шудам..... ва ғайра;

4) барои ҷудо кардани мухотаб. Дар ин ҳолат чунин қоида бояд риоя карда шавад:

- дар аввали ҷумла пас аз мухотаб:

Эй шаҳриёр, гуфтори Гургин пур аз ёва аст. (Сотим Улуғзода)

Очаҷон, дар берун ҳаво хеле хунук, шумо одами пир, боз хунук назанад. (Фотеҳ Ниёзӣ);

- дар байни ҷумла аз ду тарафи мухотаб:

Яке панди модаратро шунав, писар, ба бадӣ макӯшу шитоб макун.

Рост мегӯӣ, эй ёри бовафо ва меҳрубонам, ҳама мусибати ту аз боиси ман аст. (Сотим Улуғзода);

- дар охири ҷумла пеш аз мухотаб:

Дар достонҳои Фирдавсӣ панду ҳикмат бисёр аст, соҳиб.... ва ғайра;

5) барои ҷудо кардани калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ:

- агар калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ дар аввал оянд, пас аз онҳо вергул гузошта мешавад:

Хушбахтона, Зебӣ пас аз муддате аз роҳ баргашт. (Сотим Улуғзода)

Ниҳоят, он рӯзи фирӯз расид. (Садриддин Айнӣ)

Ба назарам, имсол баҳор хеле серборон омад. (Ҷалол Икромӣ)

Ҳамин тавр, барои ифодаи навъҳои гуногуни рустаниҳои ҳосилдеҳ истилоҳоти мухталифе истифода мешаванд, ки дар онҳо калимаи асосӣ худи рустаниҳоянд.

Тавре ёдрас шудем, ин устоди бузург беш аз 30 сол сарварии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба уҳда доштанд ва дар ин муддат кафедра яке аз марказҳои қавии илми забоншиносӣ ва таълими он гардид.;

- агар калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ дар охири ҷумла оянд, пеш аз онҳо вергул гузошта мешавад:

Дуруст мекунем, албатта. (Сотим Улуғзода)

Ин абераaш, гардам аз саратон... (Садриддин Айнӣ)

Мо қудрату тавони инро надорем, худат медонӣ.... ва ғайра;

- агар калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ дар байни ҷумла оянд, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешаванд:

Аспи вай, бар хилофи чашмдошти ман, хеле тез метохт.

Тайсафуни қадима, ба арабӣ Мадоин, шояд ба ҳамин Бағдод монанд буд. (Сотим Улуғзода) ва ғайра;

6) барои ҷудо кардани нидо, ки бо оҳанги хитоб талаффуз нашудааст:

Оҳ, Ҳомидҷон, омадед? Шумо бо мо меравед. (Раҳим Ҷалил)

Оббо, гӯр пирӣ шавад, қариб ки нашиносам-а? - гуфт охир Юнусбобо. (Фотеҳ Ниёзӣ) ва ғайра;

7) барои ҷудо кардани ҳиссачаҳои тасдиқӣ (ҳа, бале, оре) ва инкорӣ (не, на):

Оре, вай дар он ҷавон писари худро шинохт. (Сотим Улуғзода)

Ҳа, аз модарам ва аз як муаллимаи мактаби деҳаамон. (Фотеҳ Ниёзӣ)

На, султонам, дар ин ҷо шинос шудам. (Сотим Улуғзода)

Не, ба фикрам, ҳеҷ гап не. (Фотеҳ Ниёзӣ)

Не, мон, гап занад вай. (Фазлиддин Муҳаммадиев) ва ғайра;

8) барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст:

Золи Зар зуд аз асп фуруд омада, ба Баҳман таъзим кард, Баҳман ҳам пиёда шуд, ҳар дуяшон чанде пурсупос карданд. (Сотим Улуғзода)

Ҷаҳонро бо чашми ҷавонӣ мабин, хашму кинро аз дил бадар кун. (Сотим Улуғзода) ва ғайра;

9) дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии пайвандакдор:

Манижа бояд ба шаҳр бармегашт, аммо дилаш ба ҷудоӣ аз Бежан андуҳгин буд.

Ин буд фикру хаёли шоир, вале тақдир ба вай чизи дигаре пеш овард. Фаррухзод яке сахт ҳуҷуми ҷавобӣ кард, лекин ҳуҷумаш барор нагирифт. (Сотим Улуғзода) ва ғайра;

10) барои ҷудо кардани ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ:

Умар донист, ки кори хубе кардааст.

Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд.

Ман ба ту таслим намешавам, зеро ту як нафар ғулом ҳастӣ ва ман шоҳ. (Сотим Улуғзода) ва ғайра;

11) дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, аломати вергул дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

- агар ҷумлаи пайрав баъд аз сарҷумла омада бошад, пеш аз он вергул гузошта мешавад:

Бар қуббаи заррини қамар оҳиста-оҳиста сояи сиёҳ хазидан гирифт, то он ки се ҳиссаи онро тамоман пахш кард.

Ба ҳар ҳол пешомадҳои нохуш паси сар шуданд, гарчанде ки талхии онҳо дар дили шоир боқӣ монд.;

- агар ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла омада бошад, аломати вергул пас аз ҷумлаи пайрав гузошта мешавад:

Вақте ки навкари вакили молиёт ба Бож омада, Фирдавсиро ба назди ҳоким бурданӣ шуд, шоир ҳайрон шуд. (Сотим Улуғзода);

- агар ҷумлаи пайрав дар байни сарҷумла омада бошад, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад:

Одина, вақте ки аз баргашта рафтани Ибод хотирҷамъ шуд, ба модаркалонаш гуфт. (Садриддин Айнӣ)

Чакраҳое, ки аз чандин чунин чашмаҳо мечаканд, дар як ҷо ғун шуда, ҷӯйчаи мусаффоеро ба ҳам мерасонанд. (Садриддин Айнӣ) ва ғайра;

12) дар нутқи мазмунан нақлшуда:

- агар сухани гӯянда баъд аз нутқи мазмунан нақлшуда омада бошад, аломати вергул пеш аз он гузошта мешавад:

Не, шумо пеш дароед, сарбоз, - ҷавоб медод дигаре бо овози ҳаяҷономези ларзон. (Фотеҳ Ниёзӣ);

- агар сухани гӯянда дар байн омада бошад, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад:

Бегоҳ шуд, - ҷавоб дод Рустам, - шаби тира кас набард намекунад.

Шод бош, - ба расми ориёӣ салом дод ба вай Рустам, - тану ҷонат ба дониш обод бод. (Сотим Улуғзода) ва ғайра;

13) дар вақти такрор омадани амале, ки маънои инкор дораду бо пайвандаки ҷудоии ё... ё меояд, ҷумлаи содаи якум бо вергул ҷудо карда мешавад:

Ё дар идора касе набуд, ё телефон вайрон буд.

Ё бояд корро хобонем, ё асбоби нав диҳед. (Садриддин Айнӣ)

Ин сандуқ ё аз тилло пур, ё аз китоб. (Фазлиддин Муҳаммадиев)

Ё ба кино медарояд, ё ба назди яке аз рафиқонаш меравад. (Фазлиддин Муҳаммадиев) [50, 2021, 44-50].

Аломати вергул/ Comma (,)

Вергул ё аломати ист, таваққуфи кӯтоҳмуддатро нишон медиҳад. Аломати вергул дар мавридҳои зерин ба кор меравад:

1. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи ҷумлаи мураккаби пайваст, ки бо пайвандакҳои пайвасткунандаи *and ~ ва, but ~ аммо, yet ~ ураҳ, for ~ барои, or ~ ё, not ~ не, so ~ ҳамин тавр ва г.* пайваст шудаанд: Almost everyone knows how to earn money, but not one in the million knows how to spend it. Кдриб ҳар кас роҳи ба даст овардани пулро медонад, аммо аз миллион нафар як кас ҳам намедонад, ки онро чӣ гуна сарф кунад. They went to his house to arrest him, but he had already left the town. Онҳо ба хонаи ӯ барои ҳабс карданаш рафтанд, вале ӯ қаблан аз шаҳр баромада буд.

2. Дар ҷумлаҳои кӯтоҳ ва равшан ба кор бурдани вергул барои ҷудо кардани ибороти муқаддамотӣ ихтиёрӣ аст. Вале дар ҷумлаҳои кӯтоҳ ҳам агар эҳтимол вуҷуд дошта бошад, бояд вергулро истифода кард: If the police shoot, the women and the children will be wounded. Агар полис тир парронад, занон ва кудакон маҷруҳ хоҳанд шуд.

Барои ҷудо кардан вожаҳои интиколӣ *(монанди: anyway ~ баҳар ҳол, however ~* бо вуҷуди ин, ҳарчанд, агарчӣ *ва г.)* ва вожаҳои муқаддамотӣ *(монанди: yes ~ бале ва no ~ не):* I wrote her several times; she, however, never answered. Чандин нома ба он хонум навиштам, бо вуҷуди ин, ҷавобе надод.

3. Барои ҷудо кардани пурсиши илова ва таъкид вергул ба кор меравад: You are a friend of Mary, arn't you? Шумо дустb Мери ҳастед, ин тавр нест?

4. Барои ҷудо кардани бахшҳои мутақобили ҷумла: David, not Charles, was first in his class. Давид, на Ҷорч, дар синфи худ донишҷӯйи бехтарин буд.

5. Барои ҷудо кардани калимаю аъзоҳои чида: There are many theaters, musems, parks, gardens and palaces in Dushanbe. Дар Душанбе театрхо, осорхонахо, бощои истироҳат ва каерхо бисёранд.

Zebo bought apples, oranges, milk, and butter. Зебо себ, апелсин, пшр ва равган ҳарид. (Ба кор бурдани вергул пеш аз пайвандаки

пайвасткунанда *(ва ~ and)* дар ҷумлаҳои боло ҳарактери ихтиёрӣ дорад. Тафовути аломатгузории забони англисӣ ва тоҷикӣ он аст, ки дар забони тоҷикӣ пеш аз пайвандаки «ва» вергул гузошта намешавад: The ship was loaded with wheat, barely, and maze. Ба киштӣ галла, чав ва чуворимакка бор карданд. Вергули охиринро пеш аз пайвандаки *«ва»* партофтан мумкин аст, агар маъно халалдор нашавад. Дар ҷумлаи боло ин коида зарур бошад ҳам, он қадар муҳим нест. Дар бисёр маврвдҳо гузоштан ва ё ҳазф кардани вергул ба маъно таъсир мерасонад.

The equipment included airplanes, helicopters, artilery, amphibious vehicles, and tanks. Таҷҳизот аз тайёраҳо, вертолётхо, тупҳо, нақлиёти обгузар ва танкҳо иборат буданд. Агар пеш аз пайвандаки and ~ *ва* дар забони англисӣ вергулро ҳазфз намоем, фаҳмида мешавад, ки танкҳо ҳам мисли васоити нақлиёт обгузар будаанд.

Дар ҷаласа намояндагони синфҳои коргар, деҳқон, ва зиёиён ҳузур доштанд. Дар ин ҷумла вергули пеш аз ва зарур аст. Агар вергул нагузорем фаҳмида мешавад, ки зиёиён ҳам синф мебошанд.

6. Барои ҷудо кардани муайянкунандаҳои чида: My father is a generous, forgiving, and cheerful man. Падарам як марди саховатманд, бахшоянда ва дидадаро аст.

7. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои пайрави муайянкунавда ва иборахое, ки ахбори иловагӣ дар ихтиёри хонанда мегузоранд, вале дар асл маънии ҷумларо тағйир намедиҳанд:

My rifle, *which is now hanging on the wall*, has not been used for years. Милтиқам, *ки ҳозир дар девор овезон аст,* чандин сол боз истифода нашудааст.

The old hotel, *which had housed visiting celebrities for almost a century,* remained outwardly unchanged. Мехмонхонае, *ки дар муддати асрҳо меҳмонони маҳҳурро қабул мекард,* зоҳиран бетағйир монда буд.

8. Барои ҷудо кардани сухани нависанда аз нутки айнаннакдшуда: «Read this book» Abraham said, «I think you'll like it.» «Ин китобро хон, - гуфт Абраҳам. - Ба фикрам, ба ту писанд меояд».

9. Барои ҷудо кардани ҷумлаи пайрави тобеъ аз сарҷумла: Since he was tired and had a headache, he did not go to class yesterday. Азбаски сараш дард мекард ва монда шуда буд, дина ӯ ба мактаб нарафт.

10. Барои возеҳ навиштани ададҳои аз як ҳазор боло: The area of the Earth is approximately 196,950,000 square miles. Масоҳати замин тахминан 196 950 000 мил мураббаъ мебошад. Одатан дар шумораҳои аз 10 000 камтар гузоштани вергул барои ҷудо кардани ҳазорӣ ихтиёрӣ аст: 7,500 ё 7500; 11,900; 350,400; 3,965,438. Дар забони тоҷикӣ ин амал мушоҳида намешавад. Агар истифода мешуд, хуб мешуд, зеро барои беғалат хондани ададҳо кумак мерасонад.

11. Барои возеҳнависии исмҳо, унвонҳо ва ҷумлаҳое, ки бо далеле тартиби онҳо баръакс навишта шуда бошад: Peterson, William; Stwart Ramsey, Dr. Яъне дар мисолҳои овардашуда тартиби маъмул чунин аст: William Peterson; Dr. Ramsey Stwart. Вале муаллиф онҳоро бо мақсаде ба тарзи дигар овардааст.

12. Барои ҷудо кардани ном ва ё имзо аз калимаҳои охири мактуб аз: Sincerely yours, ~ Бо эҳтиром,...

Яъне пас аз ин ибораҳо ё ном навишта мешавад ё имзо гузошта мешавад.

13. Барои ҷудо кардани воҳидҳои туфайлӣ ё ин ки ҷумлаи пайрав аз бокимондаи ҷумла: Although the equipement has not been fully developed, scientists are confident of landing astronauts on other planets.

Ҳарчанд таҷҳизот ҳануз ихтироъ нашудааст, олимон оиди фуромадани кайҳоннавардон бар сайёраҳои дигар боварии комил доранд.

14. Барои ҷудо кардани муроҷиати бевосита, калимаҳои нидоӣ ё воҳидҳои туфайлии ҷумла мисли: *oh, yes, по, however, nevertheless, still,*

anyway, well, why, frankly, really, morover, incidently, etc: Jim, where have you been? Чим, шумо дар кучо будед? Buy the way, did you hear what happened to Sue's car? Зимнан, бо автомобили Сю чӣ ҳодиса рух доданро медонед?

15. Барои ҷудо кардани муайянкунандаи мукадцимавӣ (*сифат, зарф, сифати феълӣ, ибораи сифаи феълӣ),* ҳатто агар онҳо аз як калима ва ё ибора таркиб ёфта бошанд: Politically, our candidate proved to be very mature. *Аз нуцтаи назари сиёсӣ,* номзади мо собит намуд, ки хеле пухта аст.

16. Барои ҷудо кардани вожаҳои истисноӣ вергул пеш ва баъд аз онхо гузошта мешавад: March, *the first month of spring,* can still bring snow and ice. Дар мохи март, *мох;и аввали баъор,* низ мумкин аст барф бораду яхбандӣ шавад.

17. Барои ҷудо кардани калима, ибора ва ҷумлаи пайрави истисной, ки метавонанд дар қавс оварда шаванд ва ҳамчунин мухотаб дар мобайн ва охири ҷумла: You may, *if you insist,* demand a retraction.

Шумо метавонед, *агар истодагарӣ кунед,* талаб кунед, ки аз гуфтахояш даст кашад. You realise, *Nettie,* that we may never return to Paris. Шумо дарк мекунед, *Нетти,* ки мо метавонем тамоман ба Париж барнагардем.

18. Барои ҷудо кардани таърихи рӯз аз сол: Both Johm Adams and Thomas Jefferson died on July 4,1826. Ҷон Адамс ва ҳам Томас Чефферсон 4 июли соли 1826 вафот карданд. Дар забони тоҷикӣ ба ҷои вергул бандаки изофии «и» истифода мешавад.

19. Барои ҷудо кардани кисмҳои таркибии суроға ва номҳои географӣ, ки агар онҳо дар як хат навишта шуда бошанд: 35 Fifth Avenue, New York, N.Y. 10002 ~ Хиёбони Панчум 35, Нию Йорк, НЮ 10002.

20. Барои ҷудо кардани унвон ва вазифа аз ном: Mr. Bill Clinton, the President of the US. Ҷаноби Билл Клинтон, Президента ИМ. Mr.

H.L.Hughes, Director of Public Realtions for Klain Products, Inc., will speak at the lunchon. Мистер Ҳ.Л. Ҳюгес, Директори бахши робитаҳои чамъиятии ширкати Клейн Продактс, Инк., дар зиёфат суханронӣ мекунад.

21. Барои ҷудо кардани салом ва таҳнийат дар номаҳои шахсӣ: Dear Steve, ~ Стиви Азиз! Дар забони тоҷикӣ дар ин холат ду аломат: агар мухоттаб бо оханги мукаррарӣ ифода ёфта бошад, аломати вергул, бо оҳанги хитоб ифода ёфта бошад, аломата хитоб гузошта мешавад. Дар номаҳои расмии англисӣ пас аз салом ва тахнийат ду нуқта гузошта мешавад: Dear President: Президента мухтарам! [55, 2015, 961-962]

5. Аломати нуқтавергул (;)

11. Нуқтавергул дар чунин мавридҳо гузошта мешавад:

- дар байни аъзои чидаи тафсилӣ, ки бо рақам ё ҳарф гурӯҳбандӣ шудаанд:

Дар адабиёти тоҷикӣ жанрҳои зерини шеърӣ мавҷуд аст:

1) рубоӣ;

2) дубайтӣ;

3) ғазал;

4) қасида;

5) қитъа;

6) маснавӣ;

7) достон;

- дар байни қисмҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб:

Ришаш сиёҳ ва қайчӣ карда шуда буд; рӯяш пурраи сафедчаи сурхчатоб ва чашмони бемижгони пӯшида ва хушкидарафтааш дар он рӯйи сурхчатоб ба парчаи ҳарири гулобӣ монанд буд; абруҳояш сиёҳи сермӯйи баланд; либоси ин нобино фақирона, лекин бисёр озода буд. (Садриддин Айнӣ);

- дар байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ:

Умре, ки баъд аз вафоти шавҳар дар дари мардум мегузаронд; таоми бадастае, ки аз деги ҳамсоягон ба ивази меҳнат ва машаққатҳои беандозааш мехӯрд; захми забони занони ҳамсоя, ки ӯ канизи бебаҳои онҳо шуда буд, сафедор барин қадди рости холаро камон барин қат карданд. (Ҳаким Карим);

- дар байни қисмҳои ҷумлаи мураккаби омехта:

Падар, то вақте ки чашмаш кор мекард, ба болои чархи осиё кор кард, аммо он рӯз аз ҳаррӯза барвақттар рӯз торик шуд; бод шиддат карда, аз ҳавои гарду ғуборолуд регборон сар шуд; рег монанди борон борида, дар андак фурсат рӯйи заминро регфарш кард; ҳарчанд дарҳои хонаро кушода, чароғро гиронда будам, аз таркишҳои дар рег ба хона ҳам медаромад. (Садриддин Айнӣ) ва ғайра [50, 2021, 50-51].

Нуқтавергул *I* Semiclolon « ; »

Нуқтавергул дар мавридҳои зерин ба кор меравад:

1. Байни ду ҷумлаи мустақил *(idnependent clauses):* We should try to preserve our ancient heritage; those who lose this heritage will become cultural amnesiacs. Мо бояд барои нигоҳ доштани мероси қадимии худ кӯшиш кунем; онҳое, ки аз ин мерос маҳрум мегарданд, аз лиҳози арзишҳои фархангӣ коста мешаванд. Дар забони тоҷикӣ ин аломат дар матни яклухте, ки байни пораҳои алоҳидаи он алоқамандии кавӣ вуҷуд дорад, гузошта мешавад. (дар ҷумлаҳои шабеҳи ҷумлаҳои боло ба чойи нукгавергул нуқта ва ё вергул (пайвандак) истифода кардан мумкин аст).

2. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб *(idnependent clauses),* ки тавассути пайвандакҳои тобъекунанда *(масалан: however (ҳароина),furthemore (илова бар ин), besides (ғайр аз ин), thus (азин рӯ), consequently(бинобар ин) ва ғ.)* бо ҳам пайваст шудаанд: Mari has taken all the required courses; consequently, she has the necessary qualifications for that job. Мери ҳамаи фанҳои лозимиро гирифтаасг; бинобар ин ӯ барои ин кор тахассуси зарурӣ дорад.

3. Дар ҷумлаҳои сертаркиб, ки ҳар як аз чузъӣ он дорои вергул мебошад, барои ҷудо кардани ду ҳиссаи ғайривобастаи ҷумла ба ҷойи вергул нуқтавергул гузошта мешавад: Because he was so tired, he went straight to his newlypainted, elegent home; and he told his wife, a loving woman of thirty five, to keep the children quiet so that he could sleep. Чун бисёр хасга буд, рост ба манзили зебо ва наврангшудаи худ рафт; ва ба ҳамсараш, зани мехрубони сиюпанчсолааш гуфт, ки бачаҳоро ором намояд, то ӯ битавонад қадре хоб кунад.

4. Барои ҷудо кардани қисмҳои таркибии ҷумлаи мураккаби бепайвандак: The war against poverty must continue; it must be our highest priority. Мубориза ба муқобили камбизоатӣ бояд давом дода шавад; он бояд вазифаи аввалиндарачаи мо бошад.

5. Барои ҷудо кардани қисмҳои таркибии ҷумлаи мураккаб, ки бо чунин пайвандакхо мисли *hence (азин рӯ), however (ҳарчанд), therefore (бинобар ин) ва г.* пайваст шудаанд: The funds are inadequate; therefore, the project will close down. Маблаг кофӣ нест; аз ҳамин сабаб лоиҳа баста мешавад.

6. Барои ҷудо кардани қисматҳои таркибии ҷумлаи мураккаби бепайвандак, ки нихоят тафсил ёфтаанд ва хиссадои он қисматхо дар таркиби худ бо вергулҳои зиёде ҷудо карда шуда бошанд:

The elected officers are Johnothan Crane, president; Sarah Huntly, vice president; Edward Stone, secretary; and Susan Morell, treasurer. Ҷонатан Крейн, президент; Сараҳ Ҳантли, ноиби президент; Едвард Стоун, котиб ва Сусан Морелл, хазинадор интихоб шуданд. Тафовути забони тоҷикӣ дар он аст, ки пеш аз пайвандаки «ва» нуқтавергул гузошта намешавад.

7. Барои ҷудо кардани мафҳумхое, ки бо ҳам вобастагии наздик доранд, вале барои ба иштибоҳ наандохтани хонанда онҳоро якҷо навиштан мумкин нест: Poverty unbearable; luxury unsufferable. Камбизоатӣ тоқатнопазир аст; ҳашамат - таҳаммулнопазир.

8. Пеш аз калимаю ибораҳои кӯтоҳкардашуда, ба мисли *e.g. (масалан), i.e. (яъне), namely (хусусан), for example (барои мисол),* ки шарх ё ҷумлаи хулосакунандаро муаррафӣ мекунанд: On the advice of his adviser, he chose to invest in major industries; *i.e., steel, automobile, and oil.* Бо маслиҳати мушовираш ӯ қарор дод, ки дар соҳаҳои асосии саноат маблаггузорӣ кунад; *яъне дар соҳаҳои пулодгудозӣ, автомобилсозӣ ва коркарди нафт* [55, 2015, 963].

6. АЛОМАТИ БАЁН (:)

Аломати баён (дунуқта) дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

- пас аз калимаи хулосакунанда:

Деҳқонони бисёре, зану мард дар сабаду каҷоваҳо анвои меваҷот: ангур, нок, олу, зардолу, анор, анҷир, харбузаву тарбузҳоро барои фурӯш ба лашкаргоҳ оварданд. (Сотим Улуғзода);

- барои ҷудо кардани ҳудуди ҷумлаҳои сода, ки дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак омада, бо ҳамдигар муносибати сабабу натиҷа доранд ва яке дигареро шарҳ медиҳад:

Падарам ба ман насиҳат карда гуфт: - "Ту бояд ҷавони кордон ва зирак шавӣ!". Манижа шитобон назди Рустам рафт, ба вай аз Бежан паём дод ва гуфт: - "Рустами Дастон туӣ!". (Сотим Улуғзода); - дар муколама ва суҳбат ҳудуди сухани муаллиф аз нутқи айнан нақлшуда ҷудо карда мешавад:

Абуалӣ ибни Сино баъд аз тамом кардани таҳсили илм ба сараш чӣ воқеа рӯй доданро ба тарзи зерин ҳикоя мекунад: "Дар 18-солагиям ман аз ҳамаи ин илмҳо фориғ гардидам, баъд аз он падарам вафот кард ва бар аҳволи ман дигаргуниҳо рӯй дод ва бар гардани ман чизеро аз амалҳои султонӣ бор карданд ва баъд аз он зарурат маро бар он дошт, ки аз Бухоро биравам ба Гурганҷ". (Садриддин Айнӣ) [50, 215, 51-52]

Аломати баён ё дунуқта/ Colon « :»

Дунуқта дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

1. Дар муколама, суҳбат ва савол барои ҷудо кардани ҳудуди сухани муаллиф аз нутқи айнан накдшуда:

Bush replied: “You are right. There can not be unilateral peace just as there can not be unilateral war.”

Буш цавоб дод: “Фикри шумо дуруст аст. Сулҳи яктарафа, мисли ҷанги яктарафа вуҷуд дошта наметавонад”.

My father said so:

Падарам чунин гуфт:

Як тафовути нуқтагузорӣ дар забони тоҷикӣ ин аст, ки нуқта берун аз нохунак гузошта мешавад.

Нутқи айнан нақлшуда метавонад аз сархат (абзатс) бе нохунак навишта шавад:

As Kennethe Morgans writes:

The truth was, perhaps, that Britain in the years from 1914 to 1983 had not changed all that fundamentally.

Кеннет Моргаю менавесад:

Ҳақиқат шояд он бошад, ки Британияи Кабир аз соли 1914 то 1983 ҷиддан ҳеч дигаргун нашуда буд.

2. Пас аз ибораҳо ё ҳиссаи асосии ҷумла, ба шарте ки ибораҳою ҳиссаи баъдӣ аввалиро тавзеҳ ва ё тафсил диҳанд:

Learning is like eating: too much at time causes surfeite; too little, debility; and the right amount, health and vigor.

Омӯзиш ҳам монанди хӯрдан аст: зиёдхӯрӣ сабаби дилбазанӣ мешавад; кам хӯрдан боиси заифӣ ва баандоза хӯрдан гарави саломатӣ ва нерӯмандӣ мегардад.

3. Пас аз салом ва вожахои дурудомези расмӣ дар оғози номаҳои расмӣ ё нутқ:

Dear Mr. Green:

Мухтарам чаноби Грин!

Dear Madam: Муҳтарам хонум!

Gentlemen: Ҷднобон!

To Whom It May Concern:

Ба шахсе, ки ин нома дахл дорад!

Dear Dr. Starr:

Муҳтарам доктор Старр:

Dear Sir:

Оғои азиз:

Бояд зикр кард, ки дар забони тоҷикӣ дар ин мавридҳо одатан вобаста ба оҳанги муроҷиат ва мақсад аломати хитоб ё вергул гузошта мешавад.

Дар номаҳои ғайрирасмӣ пас аз дуруд вергул истифода мебаранд:

Dear Fred, ~ Фреди азиз,

Dear friends, ~ Дӯстони азиз, ва ғ.

4. Пас аз калимаи хулосакунанда, ки пас аз он аъзоҳои чидаи ҷумла меоянд:

The three committees are as follows: economics, finance and legislation.

Се кумита аз инҳо иборат мебошанд: иқтисодиёт, молия ва ҳуқуқ.

5. Барои муаррафӣ кардани изҳороти расмии тафсилӣ:

This I believe: All people are created equal and must enjoy equally the rights that are inalienably theirs.

Ман боварӣ дорам: Ҳамаи одамон баробар офарида шудаанд ва бояд баробар аз ҳуқуқҳои ҷудонашавандаашон баҳраманд бошанд.

6. Пас аз вожаҳои муқаддимавӣ дар нома:

To: Mary Falcon

Ба: Мери Фалкон

From: Andrew Smith

Аз: Андрю Смит

Subject: Booksales

Мавзуъ: Фурӯши китобҳо

4. Пас аз номи гӯянда дар намоишномадо:

Hamlet: Speak; I am bound to hear.

Ҳамлет: Гап занед; ман бояд донам.

8. Барои ҷудо кардани қисматҳои иқтибос:

а) Дар байни рақами бобҳо ва мисраъҳои Инҷил:

Рохи худоро ба Худованд бисупор ва ба Ӯ таваккал намо ва Ӯ ба ҷо хохад овард. Забур. 36:5 (яъне Забур, боби 36, мисраи 5; Genesis 3:2 (яъне, Генезис, боби 3, мисраи 2);

б) Дар байни рақами сураҳо ва ояҳои Қуръон:

Бихон ба номи Парвардигорат, ки биёфарид, одамиро аз лахтаи хуне биёфарид. Бихон! Ва Парвардигори ту арҷмандгарин аст. Куръон. 96:1-3 (яъне Куръон, сураи 96, ояҳои 1-3);

б) Дар байни рақам ва саҳифаи нашрияҳои даврӣ:

National Geographic 15:57-59. (яъне маҷаллаи National Geographic №15, саҳ. 57-59).

9. Барои ҷудо кардани соат аз дақиқа ва сония ҳангоми нишон додани вақт:

1:30 p.m. (13:30); 3:00

a.m.(3:00); 11:25:15 (11 соат, 25 дакща, 15 сония) [55, 2015, 964].

7. АЛОМАТИ ТИРЕ (–)

Аломати тире вазифаи тавзеҳ ва ҷудо карданро иҷро менамояд ва дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

- дар байни мубтадо ва хабари номие, ки феъли ёвар ҳазф шудааст.

Лоиқ - шоир.

Душанбе - пойтахти тоҷикон.

Фарзанди хуб - боғи падар, фарзанди бад - доғи падар. (Зарбулмасал).

Эзоҳ. Агар феълҳои ёвар кор фармуда шуда бошанд, байни мубтадову хабар тире гузошта намешавад:

Лоиқ шоир аст.

Душанбе пойтахти тоҷикон мебошад.

Фарзанди хуб боғи падар аст, фарзанди бад доғи падар аст.

ва ғайра;

- дар охири аъзои чида пеш аз калимаи хулосакунанда:

Қасрҳо, кӯшкҳо, саройҳо, корвонсаройҳо, бозорҳо, ятимхонаҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, манораҳо - ҳама ва ҳама сӯхта хокистар гардида буданд. (Садриддин Айнӣ);

- дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии бепайвандак:

Меҳнат фаровон мекунад - танбалӣ вайрон мекунад. (Зарбулмасал)

Вай намехандад - ҳаёт ба вай механдад. Ҳамаи ин чизҳо мурдаанд - танҳо ишқи зан зинда аст. (Абдусалом Деҳотӣ);

- дар ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак, ки ҷумлаи пайрав шарти воқеии амалу ҳолати сарҷумларо мефаҳмонад:

Ҳурмат кунӣ - ҳурмат мебинӣ. (Зарбулмасал)

Меҳнат кунӣ - роҳат мебинӣ. (Зарбулмасал);

- барои ҷудо кардани сухани муаллиф (нақлкунанда) аз нутқи айнан нақлшуда:

"Наход ки шумо аз ман хафа бошед?", - гуфт Ҳошим-корвон. (Сотим Улуғзода)

"Корамон як рӯз барор гирад, рӯзи дигар, ба қавле, фақат ситора мешуморем", - гуфт вай;

- дар байни исм ва шумораҳое, ки барои ифодаи фосилаи замон, ҳадди масофа, андозаи ҳаҷм ва вазн истифода мешавад:

Автобуси Душанбе - Бохтар ба роҳ баромад. Мо бо қатораи тезгарди Душанбе - Москва ба саёҳат рафтем. Роҳи мошингарди Душанбе - Хуҷанд аз нақбҳои "Истиқлол" ва "Шаҳристон" мегузарад. Қатораи Душанбе - Хуҷанд ҳамеша пуродам аст. Дар саҳро 10 - 15 литр об лозим мешавад. Барои ҷашни имрӯза 40-50 кг пахта лозим аст....;

- баёнияи истисноӣ аз муайяншаванда бо тире ҷудо карда мешавад:

Вазорат аризаи шаҳрванд Беҳин Абдулло - донишҷӯйи курси якуми Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дод;

- дар муколама:

- Номат чист? - гуфта пурсид.

- Ёдгор!

- Номи падарат?

- Бозор!

- Чанд сол боз ин ҷо ҳастӣ?

- Аз даҳ сол зиёд шуд. (Садриддин Айнӣ)

Модар аз тирезаи ҷониби варзишгоҳ сарашро бароварда, писарашро ҷеғ зад:

- Шаҳзо-о-д, ҳо Шаҳзо-о-д!

Ҷавобе нашунид. Шавҳараш, ки дар хонаи дигар саргарми мутолиа ва навиштан буд, шишаҳои айнакро бо лаби доман поккунон ба ҳуҷра омада, коҳишомез ғур-ғур кард:

- Мардумро безобита кардан хуб не, Ширин.

Фурсати лаб кушодан нарасида, мард боз пурсид:

- Вақти аз хона баромадан иҷозат пурсида буд?

- Бале, таъкид кардам, ки дур нарав, овози ман набаромада баргард.

- Чӣ ҷавоб дод?

- "Хуб, модарҷон, хуб" гуфту туб дар даст парида-парида поин фуромад.

- Чаро ба ташвиш меафтӣ?

- Торикиро намебинед? (Абдулҳамид Самад) [50, 2021, 52-55].

Аломати тире/ Dash « — » ё « - -»

Тире дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

1. Барои нишон додани тағйири ногаҳонӣ дар ҷараёни баёни фикр ва ҷумла:

Your old friend is – how shall I say it - less honest that expected.

Дӯсти деринаи шумо - намедонам чи тарз гӯям - он тавре, ки чашамдор будем, дурусткор нест.

We won the game - but I'm getting ahead of the story.

Мо бозиро бурдем - аммо ман аз ҳикоя пеш рафта истодаам.

2. Барои ҷудо кардани матолиби тавзеҳи иловагӣ ё истисноӣ дар забони англисии ғайрирасмӣ:

My three sisters - Pari, a registered nurse; Homa, a clinical pscychologist; and Mina, a nutritionist – have agreed to take care of the patient.

Се хоҳари ман - Парӣ, ҳамшираи шафқати касбӣ; Ҳумо, духтури равоншинос ва Мино, духтури ғизо - розӣ шуданд, ки беморро нигоҳубин кунанд.

3. Барои нишон додани ист ё нобовари дар нутқ:

«Well-er-ah-it's hard to explain,» he faltered.

«Медонед чӣ-еҳ-аҳ- фаҳмондан мушкил аст», дармонда-дармонда гуфт вай.

4. Барои нишон додани ногаҳон қатъ шудани ҷумла пеш аз ба охир расидани он:

«Eric, don't climb up that-». It was too late.

«Эрик, набаро ба он - » аллакай дер шуда буд.

5. Барои таъкиди қатъии маводе, ки бояд дар дохили қавс бошад ё барои таъкидан ҷудо кардани қисмати ҷумлаи дохили қавс аз ҳиссаи боқимондаи ҷумла:

The excursions for school groups – to museums, zoos, and theaters - are less expensive.

Сайру тамошо барои мактабиён - ба осорхонаҳо, боғҳои ҳайвонот ва театрҳо - арзонтар аст.

6. Барои ҷудо кардани вожа ва ё ибораи тавсифӣ, ки гузоштани вергул барои ифоданоктар кардани онхо таъсири камтар дорад, ё истифода бурдани вергул дар баробари вергулҳои мавҷуда метавонад сабаби иштибоҳ гардад:

The premier's promise of changes - land reform, higher wages, and reorganization of industry - was not easily fulfilled.

Ваъдахои сарвазир дар бобати дигагунсозиҳо - ислоҳоти замин, маоши баландтар ва дигар кардани сохтори саноат - ба осонӣ амалӣ намегашт.

Нимтире (-)

Аломати дефис ё нимтире/ Hyphen « - »

Нимтире (дефис) хатчаи васлкунандаи байни қисмҳои калимаи мураккаб ҳангоми якҷоя навиштан ё байни ду калимае мебошад, ки яке аз онҳо муносибати баёниявӣ дошта, якҷоя калимаи мураккабро ташкил медиҳанд. Ин аломат дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:

- дар байни калимаҳои такрор: тозон-тозон, давон-давон ва ғайра;

- дар байни калимаҳое, ки ҷузъи шуморавиашон бо адад ифода шудааст:

1000-солагии зодрӯзи Абуалӣ ибни Сино, 5500-солагии Саразми бостон, 15-рӯза, 9-моҳа, 100-сола, 575-солагӣ ва ғайра;

- исмҳое, ки ҷузъи дуюми онҳо маънои мустақил надоранд: нон-пон, бача-кача, чой-пой, бозор-мозор,қанд-панд, тахта-пахта ва ғайра;

- дар байни калимаҳои тақлидӣ ва тасвирӣ: шар-шар, фаш-фаш, чак-чак, гум-гум, ғиҷирғиҷир, тиқ-тиқ, тақ-тақ, ялт-ялт, шав-шав, ав-ав ва ғайра;

- дар исмҳои хоси иқтибосӣ: Коста-Рика, Улан-Удэ, Сан-Марино, Рио-де-Жанейро, БуэносАйрес ва ғайра;

- артикли арабии "ал" (ва гунаҳои он: -ал-, -ул-, -ут-, -ус-, -уш-) дар аввали номи шахсон, аввал ва мобайни асарҳои таърихӣ: Шайх Ал-Форобӣ, Ал-Азҳар, "Бадоеъ-ул-вақоеъ", "Мантиқ-ут-тайр", "Китоб-уш-шифо", "Ҳабиб-ус-сияр", "Лубоб-ул-албоб" ва ғайра;

- дар байни сифатҳои таъкидӣ: суп-сурх, сап-сафед, сип-сиёҳ, кап-кабуд, луб-лунда, типторик, каппа-калон ва ғайра;

- дар байни сифатҳое, ки аз такрори калимаҳои ҷудогона сохта шудаанд: коғази рах-рах, риши тор-тор, хурмои калон-калон, дарахтони

хурд-хурд, хонаҳои паст-паст, ниҳолҳои борик-борик, говони фарбеҳ-фарбеҳ, бузҳои лоғар-лоғар ва ғайра;

- дар байни сифатҳои таркибӣ: ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, китобҳои адабӣ-таърихӣ, фарҳанги тоҷикӣ-русӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ва ғайра;

- дар сифатҳое, ки аз шумораву исм ва пасвандҳои -а, -ӣ (-гӣ), -ина сохта шудаанд: тоқии 4-кунҷа, масофаи 100-метра, санги 50-грамма, хонаи 2-ҳуҷрагӣ ва ғайра;

- дар байни шумораҳои тахминӣ: чор-панҷ рӯз, сесад-чорсад тонна, шаст-ҳафтод нафар одам, сад-саду сӣ сар гов, даҳ-понздаҳ китоб ва ғайра;

- пеш аз пасванди -ум (-юм) ва нумеративи -то, ки бо шумораҳои миқдорӣ ё тахминӣ меоянд: 3-юм, 5-то, 10-12-то ва ғайра;

- дар байни зарфҳое, ки аз калимаҳои тақлиди овозӣ бо пасванди -он сохта мешаванд: чир-чиркунон, гумбур-гумбуркунон, гум-гумзанон, чаҳ-чаҳзанон ва ғайра;

- дар байни феълҳои ҳоле, ки аз такрори феълҳо сохта мешаванд: дав-давон, давон-давон, ҳай-ҳайгӯён, тоз-тозон, давида-давида, рафта-рафта, хонда-хонда, хандида-хандида, лангидалангида, лангон-лангон ва ғайра;

- дар назм дар байни пешоянду пайвандакҳои ихтисорӣ ва дигар ҳиссаҳои нутқ: к-ин, кон, з-ин, з-он, к-ӯ, в-ин, в-аз, к-аз, в-он, з-ӯ, бад-ин, бад-он, бад-ӯ, в-омад, к-омад ва ғайра;

- дар байни нидоҳои такрор: баҳ-баҳ, ҳай-ҳай, вой-вой, ҳа-ҳа-ҳа, ҳи-ҳи-ҳи ва ғайра.

Эзоҳ. Ҳангоми навишти тире дар аввал аз як тараф ва дар мобайн аз ду тараф фосила гузошта мешавад, вале ҳангоми навишти нимтире, ки дар байн меояд, фосила гузошта намешавад [50, 2021, 60-62].

Гузоштани аломати дефис, ки онро дар забони точикӣ нимтире низ мегӯянд, барои ҷудо кардани исмҳо ва муайянкунандаҳои таркибӣ одатан характери ихтиёрӣ, номуназзам ва ивазшаванда дорад.

Амалан роҳҳои гуногун ба назар мерасанд. Ҳангоми шубҳа доштан, бехтараш, ба фарҳанг муроҷиат кардан лозим аст.

Аломати дефис дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар мавридҳои зерин гузопгга мешавад:

1. Барои ба ҳарфҳо ҷудо кардани вожа ё ном:

r-e-a-s-o-n; p-h-r-a-s-e; J-e-n-n-i-f-e-r; б-а-р-о-д-а-р, И-с-к-а-н-д-а-р.

2. Барои ба ҳиҷоҳо тақсим кардани калима:

hal-lu-ci-na-tion, То-ҷи-кис-тон, ка-ли-ма-со-зӣ.

3. Барои ҷудо кардани шумораҳои таркибӣ аз бисту як то наваду нӯҳ:

twenty-one ~ бисту як,

twenty-nine ~ бисту нӯҳ,

thirty-six ~ сию шаш,

fifty-second ~ панҷову шашум.

Дар забони тоҷикӣ шумораҳои таркибӣ ҷудо ва бо пайвандаки пайвасткунандаи «у» навишта мешаванд.

4. Барои ифода кардани даҳсолаҳо бо ҳуруфот:

the nineteen-twenties ~ солҳои бистуми асри бист,

the eighteen-sixties ~ солҳои шастуми асри нуздаҳ.

Дар забони тоҷикӣ бандаки изофии «и» истифода мегардад.

5. Барои ҷудо кардани фосила байни солҳо ва саҳифаҳо:

the Civil War 1861-1865 ~ Ҷанги Шаҳрвандии солҳои 1851-1865;

pages 98-130 ~ саҳифаҳои 98-130.

6. Барои ҷудо кардани сурат аз махраҷи касри одӣ, хусусан дар касре, ки ҳамчун сифат истифода мешавад:

one-half cup of a milk ~ ними як пиёлаи шир;

a two-thirds majority ~ аз се ду ҳиссаи аксарият,

one-fifth of the class ~ аз панҷ як қисми синф.

7. Барои нишон додани каср дефис истифода намешавад, агар сурат ё махраҷ аллакай дефис дошта бошад:

one thiry-second ~ аз сию ду як ҳисса;

forty-five hundredth ~ аз сад чилу панч;

twenty-one thirty sixth ~ аз сию шаш бисту ду.

8. Барои васл кардани ду ва ё се вожа, ки ба сурати як сифат омадаанд ва қабл аз исм ба кор мераванд:

David celebrated his twenty-fouth birthday.

Давид бисгу чорумин соли таваллудашро ҷашн гирифт.

Агар ин вожаҳои сифатӣ баъд аз исм биёянд, маъмулан дефис истифода намешавад:

John is well dressed.

Ҷон либоси хуб дорад.

9. Барои сохтани исмҳои таркибӣ:

а) исмҳое, ки аз ду ё зиёда калимаҳо иборат буда, омезиши ду ё зиёда чиз, аломат ва ё вазифаро мефаҳмонанд:

secretary-treasurer ~ котиб-хазинадор;

city-state ~ шаҳр-давлат;

teacher-counselor ~ муаллим-мушовир;

AFL-CIO ~ ФМА-КИКС (Федератсияи меҳнати Америка-Конгресси иттифокхои касабаи саноат);

б) исмҳое, ки аз ду ё зиёда калимаҳо иборат буда, таркиби онҳо аз ҳиссахои нутқи гуногун иборат аст:

cease-fire оташбас; court-martial ~ суди ҳарбӣ;

hand-me-down ~ куртаи духташуда;

cure-all ~ ҳамадаво;

в) исмҳои таркибӣ, ки моддаҳои химиявӣ, рутбаҳои ҳарбӣ ё вазифаҳои давлатиро ифода мекунанд, бе дефис навишта мешаванд:

hydrogen sulfide ~ сулфати гидроген;

vice admiral ~ витсе (муовини / ҷонишини) адмирал;

justice of peace ~ судяи оштӣ;

brigader general ~ генерали бригада;

attorney general ~ прокурори генералӣ;

private first class ~ моликияти хусусии дарачаи аввал.

10. Барои пайваст кардани унсурҳои тавсифотии таркибӣ, ки пеш аз исми мавсуф исшфода бурда мешаванд. Дар аксарияти холатхо агар пас аз исми мавсуф омада бошад, худи хамин тавсифот бо дефис навишта намешавад:

They engaged in hand-in-hand combat.

Онҳо ба задухӯрди танбатан даромаданд.

They fought hand to hand.

Онҳо тан ба тан меҷангиданд.

a well-known expert ~ мутахассиси машҳур;

(An expert who is well known. Мутахассисе, ки машхур аст).

an 8,000-foot peak ~ куллаи 8,000-фута;

(The peak was 8,000 feet high. Қулла 8000 фут баланд буд).

11. Барои дар охири сатр ба ҳиссаҳо ҷудо кардани вожаҳое, ки аз ду зиёда ҳиҷо иборатанд. Вожаҳои якхиҷоӣ (мисли: worked, plough, bench) ва ғ. аз сатр ба сатр гузаронда намешаванд. Ҳамчунин вожаҳои беш аз як ҳиҷоро фақат аз рӯйи ҳиҷо аз сатр ба сатр гузарондан лозим аст. Тарзи ҷудо кардани ҳиҷоҳо дар баъзе фарҳангҳои забони англисӣ тавассути нуқта дар мобайни сатр мушаххас карда мешавад: mer-i-toc-ra-cy; law-mak-er.

Дар забони тоҷикӣ ин амал ба назар намерасад.

12. Муайянкунандаи таркибӣ бо дефис навишта намешавад, агар дар забони англисӣ пас аз он зарф бо пасванди -1y ҳатто пеш аз муайяншаванда ҳам омада бошад:

a carefully guarded secret ~ асрори эҳтиёткорона ҳимояшуда.

13. Дар чунин мавридҳо зарф пасванди -1y нагирифта бошад, дефис истифода бурда мешавад:

a well-guarded secret ~ асрори хуб ҳимояшуда;

a fast-growing business ~ бизнеси тезафзоянда.

14. Агар пешванд боиси такрори овозҳои якхела (хусусан садонок) шуда бошад барои салосат ва равонӣ дар забони англисӣ аломати дефис гузошта мешавад:

anti-inflationary ~ зиддиинфлятсионӣ;

co-ordinate ~ ҳамбастасозӣ;

re-election ~ аз нав интихобкунӣ;

re-entry ~ аз нав воридшавӣ.

15. Барои пайваст кардани пешвандҳои зерин бо исмҳои хос:

Anti: anti-American ~ зиддиамерикоӣ;

Mid: mid-Atlantic ~ ниматлантикӣ, mid-August нимаи август;

Neo: neo-Nazi ~ неонатсистӣ, neo-Darvinizm ~ неодарвинизм;

Non: non-European ~ ғайриевропой, non-Asian ғайриосиёӣ;

Pan: pan-American ~ панамерикоӣ, pan-Slavic ~ панславонӣ;

Pro: pro-French ~ тарафдори фаронсавӣ, pro-American ~ тарафдори америкоӣ;

Un: un-American ~ ғайриамерикоӣ, un-British ~ ғайрибританиягӣ.

16. Барои пайваст кардани пешвандҳо ва пасвандҳо бо реша ва асоси калима:

all-powerfull ~ пуриқтидор,

all-embracing ~ ҳамафарогир,

alls-round ~ ҳаматарафа;

co-chairman ~ ҳамраис,

co-worker ~ ҳамкор,

ex-sergent ~ сержанти собиқ (мустаъфӣ),

ex-mayor ~ собиқ мэр,

ex-wife ~ собиқ зан,

ex-premier ~ собиқ сарвазир;

self-preservation ~ худмуҳофизат,

self-deafeating ~ худхаробкунӣ,

self-explanatory ~ худшарҳдиҳанда,

self-educated ~ худомӯз;

president-elect ~ президенти интихобшуда,

governor-elect ~ ҳокими интихобшуда.

17. Барои сохтани исмҳо ва сифатҳои таркибӣ:

to cross-examine ~ истинтоқи чандтарафа кардан,

cross-purposes ~ мақсади чандтарафа дошта,

cross-fertilizer ~ поруи ҳамаҷониба фоиданок;

double-faced ~ дуруя,

double-edged ~ дудама,

double-breasted ~ дутарафа;

great-grandfather ~ падари бобо,

great-grandson ~ абера;

heavy-handed ~ танбал,

heavy-hearted ~ ғамгин,

heavy-weight ~ абарвазн;

ill-disposed ~ бадхоҳ;

ill-organized ~ бадташкилшуда,

ill-judged ~ бемулоҳиза,

ill-advised ~ номаъкул;

light-fingered ~ сабукдаст, дузд;

light-footed ~ чолок, тезгард;

light-hearted ~ хурсанд, бепарво;

single-breasted ~ яктарафа;

single-handed ~ якдаста;

single-minded ~ дилбаста;

well-behaved ~ ботартиб,

well-balanced ~ ботамкин,

well-prserved ~ хуб нигоҳдошташуда,

well-wisher ~ хайрхоҳ.

На ҳамаи он вожаҳое, ки бо калимаҳои зикршуда оғоз мешаванд, бо дефис навишта мешаванд, бинобар ин ба фарҳанг муроҷиат кардан ҳамеша амри зарурӣ мебошад. Дар забони англисӣ шумораи зиёди

вожахо бо дефис ва шумораи дигаре бидуни дефис навишта мешаванд. Барои итминон ба фарҳангҳо мурочиат кардан лозим аст [55, 2015, 965-966].

8. АЛОМАТҲОИ ҚАВС ( ) ВА ҚАВСИ МУРАББАЪ [ ]

Аломати қавс ҳудуди калима, ибора, ҷумлаҳои сода ва ҳатто чанд ҷумлаи шарҳу эзоҳдиҳандаро нишон медиҳад, ки ба матни асосӣ алоқаи грамматикӣ надорад, он баъзан аз ҷиҳати вазифа ба аломати тире ва калимаи "яъне" баробар аст. Қавс дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:

- барои ҷудо кардани аъзои чидаи ҷумла, ки баъд аз калимаҳои хулосакунанда бо мақсади тавзеҳ кор фармуда мешавад:

Зардолуҳои пешпазак (ҷавпазак, моҳтобӣ, лучак) кайҳо пухтаанд. Умуман, маъмурони амир (қозиҳо, раисҳо, ҳокимҳо ва дигарон) аз хазина моҳона намегирифтанд ва бо ягон роҳе, ки аз замони пеш одат шуда омадааст, маишати худро таъмин карда, ба амир ҳам пешкаш мекарданд. (Садриддин Айнӣ);

- барои ҷудо кардани воҳидҳои туфайлӣ, ки ҷиҳати возеҳ намудани нутқ хизмат мекунанд ва ё маълумотеро ба гуфтаи аввал илова менамоянд: Дар он ҷо коллективона лӯбиёшӯрак пухта мехӯрдем (ман лӯбиёшӯракпазиро дар қисми дувуми романи "Ғуломон" тасвир кардаам). (Садриддин Айнӣ);

- барои эзоҳи калимаҳои камистеъмол, куҳнашудаву аз истеъмолмонда, шевагӣ, истилоҳоти соҳавӣ ва муродифҳои маълуму машҳури онҳо дар дохили қавс зикр мешаванд:

Офтоби форами моҳи мизон (сентябр) ҳавои Ёвонро монанди ҳавои баҳорони беборон хушу хуррам гардонида буд.

Ҳамин тавр нест? - гуфта ба Одина нигоҳ карданд. (Садриддин Айнӣ);

- барои шарҳу эзоҳи таъбиру ибора ва ҷумлаҳои душворфаҳм ва мақолу зарбулмасалҳои арабӣ кор фармуда мешавад:

Хатти "настаълиқ" (хатте, ки аз хатҳои "насх" ва "таълиқ" ба вуҷуд омадааст) пеш аз замони Навоӣ баромада буд. (Садриддин Айнӣ);

- дар асарҳои драмавӣ (намоишӣ) қайду эзоҳҳое, ки ба амалу ҳолатҳои қаҳрамонон дахл доранд, дар қавс нишон дода мешаванд:

ТАРИЭЛ (аз даҳлез ҷаҳида баромада): Лайло, ман дар ин ҷо!

МАРТА (ба тарафи Лайло меравад): Чӣ гап шуд, ҷони хола? (аз намоишномаи "Ду ошиқи як дилбар");

- барои ҷудо кардани маълумоте, ки ба гуфтаи аввал зам мешавад: Шеъри Бозор Собир "Забони модарӣ" (пештар ин шеър "Забони Ватан" ном дошт) дар қироати ровии шинохта садо дод.

15. Қавси мураббаъ маъмулан дар асару мақолаҳои илмӣ ҳангоми истинод ба адабиёт истифода мешавад: [5, 2020, 39], яъне чунин маъно дорад, ки рақами 5 ба адабиёти истифода, 2020 соли

нашри асар ва 39 рақами саҳифае, ки аз он истинод шудааст. Дар асарҳои илмӣ тарзи дигари нишон додани иқтибос низ истифода мешавад [Гулназарова, 2017, 55] [50, 2021, 55-57].

Қавс/ Parenthesis « ( ) »

Қавс дар мавридҳои зерин ба кор меравад:

1. Барои ворид сохтани матлабҳои тавзеҳӣ ё илова (ибора ва ҷумлаҳо) ва ё ҷудо кардани маълумоте, ки қисми таркибии ҷумлаи асосӣ нест, вале марбут ба он мебошад:

He opened the door with his left hand (they had cut off his right hand) and stepped in slowly.

Ӯ дарро бо дасти чап боз кард (дасти росташро бурида буданд) ва оҳиста ба даруни хона қадам ниҳод.

Faulkner's novels (published by Random House) were selected as prizes.

Романхои Фолкнер (чопи нашриёти Рандом Ҳаус) ҳамчун туҳфа интихоб шуда буданд.

2. Барои ҷудо кардани аъзоҳои исгисноии ҷумла, ки агар бо вергулҳо ҷудо карда шаванд, боиси иштбоҳ мегардад:

The authors he published (none others than Schulte, MacGregor and Johnson) were amnog his best friends.

Муаллифоне, ки ӯ нашр мекард (худи Шултс, Мак Грегор ва Ҷонсон), беҳтарин дӯстони вай буданд.

3. Барои ҷудо кардани аъзоҳои чида бо тартиби рақам дар ҷумла:

The important subjects of study in medieval schools were: (1) arithmetic, (2) music, (3) geometry, and (4) astronomy.

Фанҳои муҳимме, ки дар асрҳои миёна дар мактабҳо тадрис мешуданад аз: (1) ҳисоб, (2) мусиқӣ, (3) геометрия ва (4) астрономия иборат буданд.

He was required to take courses in (a) mathimatics, (b) English, (c) history, and (d) geology.

Аз ӯ талаб карданд, ки (а) риёзиёт, (б) забони англисӣ, (в) таърих ва (г) геологияро омӯзад.

4. Барои ҷудо кардани рақамхое, ки каблан бо ҳарф навишта шудаанд:

I hereby enclose a check for sixhundred dollars ($600.00) as prepayment on the puchase of the car.

Ба ин васила ман чекро ба маблаги шашсад доллар (600 доллар) ҳамчун пешпардохт барои харидани автомобил ирсол мекунам.

Enclosed is a check for ten dollars ($10.00) to cover the cost of the order.

Чек ба маблаги даҳ доллар ($10.00) барои пардохти хароҷоти фармоиш замима гардидааст [55, 2015, 967].

Қавси мураббаъ/ Brackets « [ ]»

Қавси мураббаъ барои ҷудо кардани ададҳо, ибораҳо ва ё ҷумлаҳо дар матн, одатан дар нутқи айнан нақлшуда истифода мегардад. Дар забони англисӣ кавси мураббаъ дар мавридхои зерин ба кор меравад:

1. Барои ҷудо кардани эзоҳот, тавзеҳот ва ё шарҳи муҳаррир, ки дар матни айнан нақлшуда ворид шудааст, вале ҷузъи матни асл нест:

According to the Globe critic, «This [Man and Superman] is one of the Show's greatest plays.»

Мувофиқи ақидаи мунаққиди маҷаллаи Глобус: «Ин асар [Мард ва Абармард] яке аз бузурггарин намоишномаҳои Шоу мебошад».

«Now that the astronauts have set new records for survival in space [84 days in Skylab 4 and 96 days in Soyuz 26], space travel for the general public may be realized in our lifetime.»

«Акнун ки астронавтҳо рекорди нав барои дар кайҳон парвоз кардан гузоштанд [84 рӯз дар Скайлеб 4 ва 96 рӯз дар Союз 26], сафари кайҳонӣ барои мардуми умум дар давраи хаёти насли мо имконпазир мегардад.»

Дар мисолхои боло иттилооти [Мард ва Абармард] ва [84 рӯз дар Скайлеб 4 ва 96 рӯз дар Союз 26] қисми таркибии нутқи айнан нақлшуда набуда, аз тарафи муҳаррир илова гардидааст.

2. Барои ислоҳ кардани хато дар матни айнан нақлшуда:

«It was on April 25, 1944 [1945 - Ed.] that delegates representing forty-six countries met in San Francisco».

«Махз 25-уми апрели соли 1944 [1945 -Муҳ.] намояндагони чилу шаш кишвар дар Сан Франсиско ҷамъ шуданд».

«He wrote it [the novel Rustam and the She-wolf] during the period of two years [actually one year] and submitted it to four [six] publishers.»

«Ӯ ин китоб [Рустам ва модагург]-ро дар муддати ду сол [вокеъан як сол] навишт ва онро ба чор [шаш] ношир фиристод».

Дар ин мисолхо муҳаррир хатоҳои дар нутқи айнан овардашударо ислоҳ мекунад ва онҳо дар кавси мураббаъ омадаанд.

3. Барои нишон додани талаффузи вожа дар фарҳангҳои забони англисӣ: brackets ['brækɪt / am. 'brakit]. Дар забони тоҷикӣ дар фарҳангҳо талаффузи вожаҳо маъмулан оварда намешавад.

4. Барои нишон додани хатои имлоӣ, аломатҳои китобат ва ё истифодаи нодурусги унсурҳои забон дар нутқи айнан нақлшуда, то хонанда дарк кунад, ки матни асл айнан ва қасдан оварда шудааст.

Пас аз иттилоот ё иборае, ки зери шубҳа гузошта мешавад ва ё хато ба назар менамояд, калимаи лотинии sic - «яъне» дар даруни кавси мураббаъ оварда мешавад:

«George Washington lived during the seventeenth [sic] century.»

Дар забони тоҷикӣ дар ин маврид аломати савол дар дохили қавс гузошта мешавад:

«Ҷорҷ Вашингтон дар асри ҳабдаҳум (?) зиндагӣ мекард».

«The Missisipi [sic] is the longest river in the U.S.,» he wrote.

Ӯ навишта буд: «Миссисипи (?) дарозгарин дарёи ИМ мебошад.

5. Барои ҷудо кардани амалиёти актёрон дар матни намоишномаҳо:

Georgia [turning to Van]: Did you hear the bell?

Van: Yes, I will answer it. [He dashed to the door.]

Ҷорҷия [ба тарафи Ван гашта]: Зангро шунидед?

Ван: Ҳа, ман ҷавоб медиҳам [ба тарафи дар ҳаракат мекунад].

6. Барои ҷудо кардани матн, ки дар дохили матни дигаре, ки дар қавс омадааст, яъне кавси мураббаъ дар дохили кавси камонашакл:

After writing several novels (mostly about war experiences [such stories were quite popular at that time]), he began writing plays.

Пас аз навиштани якчанд роман (аксаран дар бораи таҷрибаҳои ҷангӣ [ин гуна хикояҳо дар он давра хеле машҳур буданд]), ӯ ба навиштани намоишномаҳо оғоз кард.

Дар забони тоҷикӣ дар мавридҳои дар боло овардашуда маъмулан қавси камоншакл истифода мешавад. Қавси мураббаъ дар забони тоҷикӣ дар баъзе фарҳангҳо ба назар мерасад. Масалан Луғати тоҷикӣ-русӣ (Раҳимӣ М.В. ва Успенская Л.В., 1954) дар ду маврид истифода бурдани қавси мураббаъро шарҳ медиҳанд:

а) Барои нишон додани асоси замони ҳозираи феъл: омӯхтан [омӯз], бехтан [без];

б) Дар тарҷумаи мисолҳо ва ибораҳои фразеологӣ вожаҳое, ки дар матни асл нестанд, лекин барои услуб ва возеҳии тарҷума заруранд ва аз тарафи муаллифон илова гардидаавд:

Ҳар кӣ аҳл аст, кори ӯ саҳл аст. посл. У того, кто [работает] в согласии [с другими], дело спорится.

Фарҳанги забони тоҷикӣ (1969) фақат дар як маврид қавси мураббаъро зикр мекунад: «Агар мисоле ё ягон калимаи он эзоҳталаб бошад, ин эзоҳ дар қавси мураббаъ гирифта мешавад» (саҳ. 24):

[Муқаннаъ] он гоҳ гуфт: «Ҳама вилоятҳо бар шумо мубоҳ кардам ва ҳар ки ба ман нагаравад, хуну мол ва фарзандони ӯ бар шумо ҳалол аст». («Таърихи Наршахӣ», саҳ. 253);

Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (1985) ва «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2006) қавси мураббаъ мавриди истифода қарор нагирифтааст. Тавре ки аз мисолҳои боло аён аст, ҳарчанд қавси мурабаъ дар забони тоҷикӣ истифода мешавад, дар дастуру китобҳои дарсии мактабҳои олию миёна ва дар қоидахои имло (1972,1999) умуман номбар нашудааст ва дар ин бора ягон тавзеҳот ҳам нест [55, 2015, 968].

Дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» (2021) қавси мураббаъро бо қавси камоншакл якҷоя овардаанд ва дар мавриди истифодааш ҳамагӣ як абзатс тавзеҳ додаанд [50, 2021, 56].

9. АЛОМАТИ СЕНУҚТА (...)

Аломати сенуқта (бисёрнуқта) нотамомӣ, давомнокӣ, бурида шудани нутқ ва ихтисор шудани як қисми матнро ифода менамояд. Ин аломат дар мавридҳои зайл гузошта мешавад:

- дар вақти ба ҳаяҷону изтироб омадани гӯянда ва ё бо сабабе бурида шудани ҷараёни нутқ:

Наход, гӯед, шишта будем, ки... и-е-и-! - дар ҷояш истода монд пирамард писари боборо дида.О...охир, ин Олимҷон-ку! (Пӯлод Толис); - дар оғози ҷумла барои нишон додани ҷойи бурида шудани нутқ:

...Хайр, бо телефон мегӯям... Аз афти кор, аз ман ранҷид... Не, вай бояд фаҳмад, ки ҳозир вақти... (Пӯлод Толис);

- дар иқтибос зимни ихтисори матн (аз аввал, мобайн ва охир):

"...миннатдор мешавем; агар рафиқон, аъзои маҳфил ба ман, ба идораи маҷаллаи "Хониши адабӣ", шеър ва ҳикояҳои машқкардаашонро фиристанд". (Максим Горкий);

- ҳангоми канда-канда баён кардани фикр:

Модарҷон, маро... бубахш... ман... гуноҳ... надорам... о-о-о... охир вай... ма... ро ранҷонд...;

- дар сурати ихтисор шудани лафзи қабеҳ, суханони мамнуъ:

Аввал ба риши миршабу дарвозабон р...

В-он гаҳ ба риши муфтию қозикалон р...;

- дар вақти ҷавоб надодан ба пурсиш:

- Ту ҳезумкаш бошӣ, дос, арғамчин ва харат дар куҷост?

- Чикорӣ?

- ...

Амин дид, ки аз бандӣ ҳеҷ садое намебарояд, ба яке аз одамони худ нигоҳ карда фармон дод. (Садриддин Айнӣ) [50, 2021, 57-58]

Сенуқта / чор нуқта (... ё ....)/ Ellipsis

Се/ чор нуқта дар мавридҳои зерин истифода мешавад:

Дар нутқи айнан нақлшуда, агар вожа ё иборае ҳазф шуда бошад, сенукта гузошта мешавад. Агар матлаби ҳазфшуда дар охири ҷумла бошад, чорнуқта ба кор меравад:

«My friend.. .was a tall man who took his own life....»

Дӯсти ман... марди қоматбаланде буд, ки ба худкушӣ даст зада буд ва....»

Барои нишон додани он ки қисмати охири ҷумла ё якчанд ҷумлаи пурра партофта шудаанд, нуқтаи чорум барои нишон додани охири ҷумла истифода мешавад:

«He left his home.... Years later he returned to find everything had changed....»

«Ӯ хонаашро тарк карда буд.... Вақте ки чандин сол пас баргашт, дарк кард, ки ҳама чиз дигаргун шудааст....»

Аломати се ё чорнуқта нишони тағйири андеша ва ё ҷумлаи нотамом аст. Дар забони тоҷикӣ то имрӯз истифодаи чорнуқта ба назар намерасад. Мантиқан истифода бурдани нуқтаи чорум дуруст аст, зеро он ба охир расидани фикри томро ифода мекунад [55, 2015, 960].

10. АЛОМАТИ НОХУНАК (" ")

Аломати нохунак дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

- барои ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда аз сухани худи гӯянда:

Рӯзе он подшоҳро дар роҳе бо вай мулоқот афтод ва забон ба мақолот бикушод: "Эй дарвеш, сабаб чист, ки алоқа аз мо буридӣ ва қадам аз омадурафт кашидӣ?" Дарвеш ҷавоб дод: "Сабаб он ки донистам, ки наомада савол шунидан беҳтар аст, аз омада малол дидан". (Абдураҳмони Ҷомӣ)

Зубайда ҷавоб дод: - "Дар заминҳои ман ба коштани пахта сар карданд". "Ҳамаи гапи бобоям ҳамин будааст?",- гуфта ҳайрон шудӣ? (Фазлиддин Муҳаммадиев);

- барои ҷудо кардани калимаву ибораҳое, ки ба маъноҳои маҷозӣ ё киноямез кор фармуда шудаанд:

Ман бо нигоҳи машварат ба "шарики худ",- ба бобоям нигаристам. (Садриддин Айнӣ)

Дина, рӯзи дароз, катро "иҷора" гирифтам... ("Ҷумҳурият")

Аспҳо "оила"-ро пок нигоҳ дошта, асло ба "бегона"-ҳо чашм ало намекунанд ва ба "доми фиреб" намеафтанд. ("Ҷумҳурият");

- номи ташкилотҳо, китобҳо, маҷаллаву рӯзномаҳо ҳангоми истифодаи онҳо дар матн:

Шумораи нахустини рӯзномаи нави тоҷикӣ "Паёми Душанбе", ки пайки айёми бозсозист, аз чоп баромад.

Нависанда Ҷумъа Одина романи "Гузашти айём"-ро қабл аз давраи бозсозӣ навишта буд.

"Омӯзгор" нашрияи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аст....;

- иқтибос аз дигар асару мақолаҳо дар асарҳои илмӣ: А. Раҳмонзода доир ба китобу китобхонӣ чунин гуфтааст: "Саромадони ҳикмат ва адаби тоҷик ба китоб бо меҳру муҳаббат муносибат намуда, онро ягона омили дарёфти дониш медонистанд ва дар осору ашъори пурмуҳтавои хеш арзиши баланди ин дӯсти беминнатро ситоиш мекарданд".

18. Аломати нохунак ҳангоми тартиб додани рӯйхатти адабиёт дар асару мақолаҳои илмӣ гузошта намешавад.

Тарзи овардани адабиёт чунин аст:

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби 2. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 436 с.

2. Қосимова М.Н. Ганҷи сухан. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. -639 с.

3. Саломиён М. Вижагиҳои услубии баъзе пасвандҳо дар забони шеъри тоҷикӣ//Суханшиносӣ. №1. - Душанбе: Дониш, 2016. - С. 33-38.

4. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик /аз рӯи забони "Гулистон"-и Саъдӣ //Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 1/2. - Душанбе: Дониш, 1975. - С. 283-307. [50, 2021, 58-60].

Нохунак/ Quotation Marks (“ ”) (‘ ’)

Истифодаи нохунак дар забони англисӣ аз чанд ҷиҳат аз тоҷикӣ фарқ мекунад. Аввалан, дар забони англисӣ ду навъи нохунак вуҷуд дорад, ки онҳоро шартан нохунаки ҷуфт “ ” - double ва тоқ ‘ ’ - single ном мебаранд. Нохунаки тоқ асосан дар забони англисии Британия Кабир истифода мешавад.

Нохунаки ҷуфт дар забони англисии Америка.

Дар забони тоҷикӣ нохунаки тоқ - ‘ ’ умуман мушоҳида карда намешавад. Баъдан, дар забони англисӣ нуқтаи охири ҷумлаи ҳикоягӣ дар дохили нохунак гузошта мешавад. Дар забони тоҷикӣ баъд аз нохунак, ки, ба фикри мо, хато аст:

He said, “Mary will come in the evening.”

Ӯ гуфт: “Мери бегоҳ хоҳад омад”.

Хуб мешуд, ки дар забони точикӣ ҳам нуқта дар даруни нохунак гузошта мешуд. Ин амал аз ду сабаб дуруст аст: а) ҷумлаи хабарӣ бо нукта ба охир мерасад; б) модом ки мо нохунакро барои ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда истифода мебарем, ин нутқ (ҷумла) бо нуқта тамом мешавад ва нуқта қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи он мебошад ва бояд дар даруни нохунак (мисли аломатҳои савол ва хитоб) бошад.

Бояд ёдовар шуд, ки пас аз сухани муаллиф дар забони тоҷикӣ ду нуқга ва дар забони англисӣ вергул гузошта мешавад:

He said to me, “The negotiations have began.”

Ӯ ба ман гуфт: “Музокирот сар шуд”.

Аломати савол ё хитоб дар ҳар ду забон дар охири ҷумлаи айнан нақлшуда дар дохили нохунак гузошта мешавад:

He asked me, “Where do you live?”

Ӯ аз ман пурсид: “ Шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед?”

Нохунак аз ҷиҳати ҷойгиршавии худ дар дастхат низ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ фарқ мекунад. Дар забони англисҳ ҳар ду нохунак дар болои сатр гузошта мешаванд. Дар забони тоҷикӣ нохунаки кушода дар поён ва нохунаки пӯшида дар болои сатр гузошта мешавад. Нохунак дар мавридҳои зерин ба кор бурда мешавад:

1. Барои ҷудо кардани калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳо, параграфҳо ё қитъаҳои назм, ки аз асл иқтибос мешаванд:

It was Shaw who wrote, “All great truths begin as blasphemies.

”Махз Бернард Шоу гуфта буд: “Тамоми ҳақиқатҳои бузург ҳамчун куфргӯйиҳо сар мешаванд.”

«Are you», Julie said, «my father's student?»

Ҷули пурсид: «Оё шумо шогирди падарам хастед?»

Дар забони англисии Британияи Кабир маъмулан дар ин ҳолатҳо нохунаки тоқ гузошта мешавад:

‘ Help! I am drowning! ’

‘Ёрӣ диҳед! Ғарқ мешавам!’

2. Дар сурате ки чумлаи айнан нақлшуда худ як ҷузъи ҷумлаи айнан нақлшудаи дигаре бошад (нутқи айнан нақлшуда дар дохили нутқи айнан нақлшудаи дигар), дар ин маврид ҷумлаи айнан нақлшудаи сонӣ бо нохунаки тоқ ‘ ’ мушаххас карда мешавад. Дар забони тоҷикӣ ин аломат то имрӯз мушоҳида карда намешавад.

My daughter Mehry said, “Last night I received a letter containing nothing but a check and words, ‘Congratulations to you!”

Духтарам Меҳрӣ гуфт: “Дина номае шрифтам, ки дар он ҷуз як чеки бонкӣ ва калимаҳои ’Шуморо табрик мегуям!’ чизе набуд“.

Reading Jill’s letter, Pat said, “Listen to this! ‘I have just received notice that I was accepted to the University.’ Isn’t she great?”

Мактуби Ҷиллро хонда, Пет гуфт: ‘Гӯш кун! ‘Маро ба донишгоҳ қабул карданд’. Магар ӯ олӣ несг?”

3. Номи мақолаҳои рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, эссеҳо, хикояҳо, достонҳо ва бобҳои китобҳо дар нохунак гирифта мешаванд:

The anthology contains such widely assorted pieces as Bacon’s essay “Of Studies,’’Poe’s “The Gold Bug,” and an article on travel from Mclean's.

Гулчини чунин асарҳои машҳур мисли “Омӯзиш”-и Бекон, “Канаи тиллой”-и По ва мақолае дар бораи саёҳат аз маҷаллаи Маклинро дар бар дошт.

The poem «Dover Beach» is Arnold's masterpiece.

Шеъри «Соҳили Дувр» шохасари Арнолд мебошад.

4. Нохунак барои ҷудо кардани чунин асарҳои адабӣ аз китобҳо ва маҷаллаҳо, ки дар он нашр мешаванд, исгифода мешавад. Номи китобҳо ва маҷаллаҳо бошад, бо ҳуруфоти курсив дода мешаванд.

5. Барои ҷудо кардани номи асарҳои санъат, радио ва телевизион, ки метавонанд ҳамчунин бо курсив навишта шаванд:

Most people recognize Da Vinci's "Mona Lisa" and Rodin's "The Thinker."

Аксарияти одамон асарҳои "Моно Лиза"-и Да Винчи ва "Мутафаккир"-и Родинро мешиносанд.

6. Ҳангоми корбурди вожа ба маънои маҷозӣ ва ҳамчунин барои таъкид кардани калима ва ё иборае, ки худ мавзуи муҳокима мебошад:

Some philosophers believe that such words as «good», «beautiful», and «ugly» have not external existance.

Бархе файласуфон муътакиданд, ки вожахое мисли «хуб», «бад» ва «зишт» вуҷуди хориҷӣ надоранд.

The words "imply" and "infer" are not synonymous.

Калимаҳои "imply" and "infer" синоним несганд.

7. Барои ҷалби диққат ба калима ва ибораҳои ғайриоддӣ, истилоҳот, ё истифодаи ғайриоддӣ аз ҷиҳати мазмун:

In glass blowing, the molten glass is called "metal."

Дар шишасозӣ шишаи обшударо "металл" меноманд.

Ба ҳамин мақсад ҳуруфоти курсив низ исгифода мешаванд.

Аз мисолҳои болоӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бисёр ҳолатҳо бо ҳам мувофиқат доранд. Аммо фаромӯш набояд карда, ки истифодаи онҳо айнан як хел набуда, вобаста ба талаботи сохтори забонҳо, албатта, фарқ мекунанд. Чи хеле ки дар истифодаи аломати нуқта умумиятҳо бештар буда, дар истифодаи нохунак тафовутҳо бештар ба назар мерасанд.

Хулосаи боби сеюм

Бояд дар назар гирифт, ки аломатҳои китобати тоҷикӣ ва англисӣ, бо вуҷуди муштаракоти зиёди дастурӣ, инчунин тафовутҳое дар анвоъ ва мавқеи корбурдашон низ доранд. Чунончи, дар хатти имрӯзаи

забони тоҷикӣ дах аломати китобат – нуқта, вергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта, нуқтавергул, қавс, тире, нохунак ба кор меравад, вале дар грамматикаи забони англисии муосир ин теъдод ба чордаҳ мерасад.

Ҳар кадоми ин аломатҳо вазифаҳои худро дошта, дар матн вобаста ба мавқеи истифодаашон ҷанбаҳои дастурӣ (грамматикӣ), маъноӣ (мантиқӣ) ва оҳангӣ (интонатсионӣ)-ро таъмин мекунанд.

Дар солҳои охир дар масъалаҳои имлою истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ барои донишҷӯён ва муаллимон мушкилиҳои зиёде пеш омадаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиханд, ки муаллифону мухаррирон дар нашрияҳои мухталиф қоидаҳои имлоро бо салоҳдиди худ истифода мебаранд.

Корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда, бо вуҷуди умумиятҳои зиёд, фарқиятҳо низ доранд, ки бе донистани онҳо мазмуни ҷумла дуруст дарк карда намешавад.

Масалан, истифодаи нуқта (.) дар ҳар ду забон хотимаи нуткро ифода мекунад. Аммо мавридҳое низ ҳастанд, ки ин аломат дар поёни ҷумла гузошта намешавад, чунончи дар забони тоҷикӣ дар охири сарлавҳаҳо, дар охири номи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ: ариза, қарор, гувоҳнома, тасдиқнома, тавсифнома, фармон, фармоиш, амр ва ғайра, ки моҳияти мазмуни онҳо ба тамоми матн иртибот дорад, гузошта намешавад.

Баръакс дар забони англисӣ дар байни ихтисораҳо ва ададҳои мураккаби касрӣ гузошта мешавад: $25.00; $3.99. Дар забони тоҷикӣ дар ин мавриб аломати вергул (,) гузошта мешавад: 3,99 $.

Тафовути аломатгузории забони англисӣ ва тоҷикӣ он аст, ки дар забони тоҷикӣ пеш аз пайвандаки «ва» вергул гузошта намешавад: The ship was loaded with wheat, barely, and maze. Ба киштӣ галла, чав ва чуворимакка бор карданд. Вергули охиринро пеш аз пайвандаки *«ва»* партофтан мумкин аст, агар маъно халалдор нашавад. Дар ҷумлаи боло

ин коида зарур бошад ҳам, он қадар муҳим нест. Дар бисёр маврвдҳо гузоштан ва ё ҳазф кардани вергул ба маъно таъсир мерасонад.

Дар забони англисӣ барои возеҳ навиштани ададҳои аз як ҳазор боло: The area of the Earth is approximately 196,950,000 square miles. Масоҳати замин тахминан 196 950 000 мил мураббаъ мебошад. Одатан дар шумораҳои аз 10 000 камтар гузоштани вергул барои ҷудо кардани ҳазорӣ ихтиёрӣ аст: 7,500 ё 7500; 11,900; 350,400; 3,965,438. Дар забони тоҷикӣ ин амал мушоҳида намешавад. Агар истифода мешуд, хуб мешуд, зеро барои беғалат хондани ададҳо кумак мерасонад.

ХУЛОСА

Аз гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса баровард, ки инсон барои интиқоли фикр ҳамеша ба забон ниёз дорад ва ин ниёз ба забон бо пешрафти муошираги байнифарҳангӣ ва махсусан дар замони муосир дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ бештар мешавад. Имрӯзҳо нафақат донистани забони модарӣ, балки донистани забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои оламшумул, амри ногузир шуда истодааст.

1. Гуфтору навиштор ду абзори таҳаққуқи моддии забон ҳастанд, ки барои инсон қобили дарканд. Забони навишторӣ аз чигунагии вазъу ҳолати забони гуфторӣ дар замони китобат хабар медиҳад, ташаккулу таҳаввули онро дар давраҳои гуногун нишон медиҳад.

2. Яке аз хусусиятҳои асосии забони навишторӣ ин дорои аломатҳои китобат будани он мебошад.

3. Тавре мушоҳида мегардад, ҳар забон руҳи худро дорад ва хату пунктуатсияи худро агарчи аз дигарон гирифта бошад ҳам, дар он чизе афзуда ё аз он зудуда, ба худ мутобиқ сохтаанд. Аломатҳои ҳаракат дар роҳ, қариб дар саросари дунё як хел аст, яъне табдил ба қоида ва фарҳанги роҳ рафтан шудааст. Аммо забон фаротар аз он аст, ки онро ба қонуну қавоиде пойбанд ва маҳор тавон кард.

4. Пунктуатсия низ монанди алифбоҳо мутобиқ ба забон ва дастури забон хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҳар кадоме аз забонҳои олам ба таври худ: яке аз хатти аслӣ ва равишҳои аломатгузории суннатии хеш истифода мекунад, дигарӣ аз хату аломатҳои бегонагон ба кор гирифтааст ва сеюмӣ бо иқтибоси яке аз ин ду унсури нигориш дастури забони худро такмил кардаанд.

5. Пунктуатсия ба унвони пурбаҳстарин масъалаҳои синтаксиси забон, ҳанӯз ҳам дар ҳама забонҳои олам муҳим ва ҳалнашуда боқӣ мондааст. Умуман, метавон гуфт, ки тамоми забонҳои олам ба ғайр аз он, ки соҳиби савту суръат ва оҳангҳои махсуси отифии худ ҳастанд, инчунин дорои хат ва дастури хоси худ мебошанд. Дастури забон аст, ки

низоми ибораву ҷумлаороиро дар забони навишторӣ танзим мекунад ва дар такя бо вижагиҳои хатти худ пунктуатсияро ба кор мебарад.

6. Назарияи пунктуатсияи забоншиносии муосир ба равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ асос ёфтааст, аз нуқтаи назари иртиботи нутқ дар феҳристи хаттӣ ва аҳаммияти аломатҳои пунктуатсия дар амал таносуби аломати пунктуатсия ва мавқеи пунктуатсия, пойгоҳи афзалиятноки аломатҳои китобат, ифодаи аломатҳои китобат, иқтидори семантикии пунктуатсия, пунктуатсияи матнҳои гуногун барин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ба дарки гуногунрангии функсионалии фаъолиятҳои пунктуатсия, масалан истифодаи аломатҳои пунктуатсия дар муошираты компютерӣ мусоидат мекунад.

7. Вазифаҳои сохторию грамматикӣ ё синтаксисии аломатҳои китобат, амалан хеле шинохтатар аз вазифаҳои дигари он буда, бахусус дар нутқи хаттӣ мавқеи бориз дорад. Зеро дар китобати имрӯзаи ҳамаи забонҳои олам, бахусус забони тоҷикӣ ва англисӣ ҷобаҷогузории дурусти аломатҳои китобат, шарти муҳим барои то андозае фаҳму дарки саҳеҳи нутқи хаттӣ ба ҳисоб меояд.

8. Дар забоншиносии муосир барои фаҳмидани присипҳои аломатгузорӣ се самти асосӣ шинохта шудааст:

-Наҳвӣ (grammatical)

-Мантиқӣ (logical)

-Оҳангӣ (phonetical)

9. Аломатҳои китобатро аз рӯйи вазифа ба аломатҳои ҷудокунанда (тире, қавс, нохунак), фарққунанда (нуқта, вергул, нуқтавергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта) ҷудо мекунанд. Инчунин, вобаста мавқеи корбурдашон онҳо ба аломатҳои китобати маъмул дар охири ҷумла (нуқта, савол, хитоб, сенуқта, нуқтавергул), аломатҳои китобати маъмул дар дохили ҷумла

(вергул, дунуқта (баён), нохунак, тире) ва муштаракмавқеъ тақсимбандӣ карда мешаванд.

Аломатҳои китобат се ҷанба доранд: маъноӣ (ё мантиқӣ), дастурӣ (ё грамматикӣ) ва оҳангӣ (ё интонатсионӣ).

10. Аломатҳои китобатии маъмул дар аксари забонҳо, аз ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вазифаҳои якхеларо иҷро мекунанд.

Бояд дар назар гирифт, ки аломатҳои китобати тоҷикӣ ва англисӣ, бо вуҷуди муштаракоти зиёди дастурӣ, инчунин тафовутҳое дар анвоъ ва мавқеи корбурдашон низ доранд. Чунончи, дар хатти имрӯзаи забони тоҷикӣ дах аломати китобат – нуқта, вергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта, нуқтавергул, қавс, тире, нохунак ба кор меравад, вале дар грамматикаи забони англисии муосир ин теъдод ба чордах мерасад.

11. Ҳар кадоми ин аломатҳо вазифаҳои худро дошта, дар матн вобаста ба мавқеи истифодаашон ҷанбаҳои дастурӣ (грамматикӣ), маъноӣ (мантиқӣ) ва оҳангӣ (интонатсионӣ)-ро таъмин мекунанд.

Дар солҳои охир дар масъалаҳои имлою истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ барои донишҷӯён ва муаллимон мушкилиҳои зиёде пеш омадаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиханд, ки муаллифону мухаррирон дар нашрияҳои мухталиф қоидаҳои имлоро бо салоҳдиди худ истифода мебаранд.

12. Корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда, бо вуҷуди умумиятҳои зиёд, фарқиятҳо низ доранд, ки бе донистани онҳо мазмуни ҷумла дуруст дарк карда намешавад.

Масалан, истифодаи нуқта (.) дар ҳар ду забон хотимаи нуткро ифода мекунад. Аммо мавридҳое низ ҳастанд, ки ин аломат дар поёни ҷумла гузошта намешавад, чунончи дар забони тоҷикӣ дар охири сарлавҳаҳо, дар охири номи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ: ариза, қарор, гувоҳнома, тасдиқнома, тавсифнома, фармон, фармоиш,

амр ва ғайра, ки моҳияти мазмуни онҳо ба тамоми матн иртибот дорад, гузошта намешавад.

Баръакс дар забони англисӣ дар байни ихтисораҳо ва ададҳои мураккаби касрӣ гузошта мешавад: $25.00; $3.99. Дар забони тоҷикӣ дар ин мавриб аломати вергул (,) гузошта мешавад: 3,99 $.

13. Тафовути аломатгузории забони англисӣ ва тоҷикӣ он аст, ки дар забони тоҷикӣ пеш аз пайвандаки «ва» вергул гузошта намешавад: The ship was loaded with wheat, barely, and maze. Ба киштӣ галла, чав ва чуворимакка бор карданд. Вергули охиринро пеш аз пайвандаки *«ва»* партофтан мумкин аст, агар маъно халалдор нашавад. Дар ҷумлаи боло ин коида зарур бошад ҳам, он қадар муҳим нест. Дар бисёр маврвдҳо гузоштан ва ё ҳазф кардани вергул ба маъно таъсир мерасонад.

14. Дар забони англисӣ барои возеҳ навиштани ададҳои аз як ҳазор боло: The area of the Earth is approximately 196,950,000 square miles. Масоҳати замин тахминан 196 950 000 мил мураббаъ мебошад. Одатан дар шумораҳои аз 10 000 камтар гузоштани вергул барои ҷудо кардани ҳазорӣ ихтиёрӣ аст: 7,500 ё 7500; 11,900; 350,400; 3,965,438. Дар забони тоҷикӣ ин амал мушоҳида намешавад. Агар истифода мешуд, хуб мешуд, зеро барои беғалат хондани ададҳо кумак мерасонад.

Ҳамин тариқ, истифодаи аломатҳои китобат ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир ба ҳисоб рафта, бе донистани онҳо дарки пурра ва ҳамаҷонибаи матлаб номумкин мебошад. Муқоисаи вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда нишон дод, ки ҳарчанд мавридҳои истифодаи онҳо дар аксари мавридҳо яксон ба назар расад ҳам, дар баъзе ҳолатҳо аз якдигар фарқияти куллӣ доранд.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

Кори диссертатсионии мазкур як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии аломатҳои китобатро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фаро гирифта аст. Муаллиф зимни таҳқиқ умумият ва тафовутҳои истифодаи

аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашавандаро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Во баста ба ин, муаллиф тавсияҳои зеринро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод менамояд:

1. Натиҷаҳои таҳқиқи аломатҳои китобат метавонанд ҳамчун маводи муътамад дар раванди таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд.

2. Баъзе дастовардҳои таҳқиқро дар самти назарияи забон ва забоншиносии муқоисавӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

3. Натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, махсусан ҳангоми омӯзиши нутқи хаттӣ ва иншо метовонанд истифода шаванд.

4. Маводи диссертатсия барои таҳияи дастуру ва роҳнамоҳо дар самти аломатҳои китобат метавонанд ба кор бурда шаванд.

5. Маводи диссертатсияи барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун замина хизмат мекунад.

6. Мутахассисон дар заминаи кори мазкур метавонанд паҳлуҳои дигари мавзуъро ба таври васеътар мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

7. Натиҷаҳои таҳқиқ барои баланд бардоштани донишҳои забонии донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ ва тарҷумонии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун маводи иловагӣ хизмат мекунанд.

Адабиёт:

I. Адабиёти илмӣ

А) ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

1. Абдураҳимов, С. Оид ба мавриди ҷудогонаи истеъмоли вергул. – «Мактаби советӣ», № 5, 1961.
2. Абдусамади, М. Дастури методӣ “Аломатҳои китобат ва истифодаи он”, барои омӯзгорон, довталабон, донишҷӯёни мактабҳои олӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Ш. Душанбе, “Аржанг”, 2010, 64 саҳ.
3. Андросова, Ф. С. Пунктуационные знаки в художественном тексте : коммуникативно- прагматический аспект / Ф. С. Андросова. — Санкт-Петербург: Лань, 2018. — 156 с. — ISBN 978-5-8114-2783-3.
4. Анохина, Т.Я. Из истории знаков препинания // Известия МГТУ “МАМИ”. - № 1(7), 2009. – Стр. 230-233.
5. Анциферова, О.Н. Об особенностях пунктуации в “Письмовнике” Н.Г. Курганова / О.Н. Анциферова // Научный диалог. – 2015. – №11 (47). – Стр. 8-18.
6. Арзуманов, С.Д. и др. Русско-таджикский словарь. Под ред. М.С. Асимова. – М.: «Русский язык», 1985. – 1280 с.
7. Асимова, Б.С. Языковое строительство в Таджикистане (1920-1940 гг). – Душанбе: Дониш, 1982. – 152 с.
8. Аслиддинов, С. Таълими мавзӯи «Аломатҳои китобат дар нутқи айнан нақлшуда дар синфи 7» / С. Аслиддинов // Газетаи муаллимон, 1957. – 17 октябр.
9. Афсаҳов, А., Қаҳҳоров Ҳ. Хат ва пайдоиши он (Дастуруламали методӣ). – Душанбе: Маориф, 1979. – 56 с.
10. Басалаева, Е. Г. Многоточие как объект языковой рефлексии в Интернет-дискурсе / Е. Г. Басалаева, М. В. Шпильман // Сибирский филологический журнал. — 2015. — № 3. — С. 248—255.
11. Бердичевский, А. С. Роль пунктуации в разрешении неоднозначности / А. С. Бердичевский, Б. Л. Иомдин //

Компьютерная лингвистика и интеллектуальные технологии. — Москва: РГГУ, 2007. — С. 44—49.

12. Беҳбудӣ, Н. Аломатҳои китобатӣ дар нутқи айнан нақлшуда. «Газетаи муаллимон», 25/Х1-1958.
13. Биянова, М. В. О функционировании пунктуации в текстах форумов / М. В. Биянова // Языки и этнокультуры Европы / отв. ред. Е. Э. Калинина. — Глазов: ГГПИ им. В. Г. Короленко, 2013. — С. 81—87.
14. Бодуэн де Куртенэ, И. А.. Избранные труды по общему языкознанию. Том II. М.: Изд-во Академии наук СССР, 1963. 391 с.
15. Будниченко, Л. А. Пунктуационная интертекстуальность в поэзии Г. Айги / Л. А. Будниченко // Вестник Чувашского университета. — 2017. — № 2. — С. 183—189.
16. Будниченко, Л. А. Экспрессивная пунктуация в публицистическом тексте (на материале языка газет) / Л. А. Будниченко. — Санкт-Петербург: СПбГУ, 2003. — 264 с.
17. Булгакова, О. А. Обыденная метаязыковая рефлексия как способ определения пунктуационной вариативности / О. А. Булгакова, М. Г. Чабаненко // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: История, филология. — 2014. — Т. 13. — № 9. — С. 97—101.
18. Бункин, Г.И., Буренкова О.В., Горбунова Т.П. и. др. Англо-русский словарь. Под ред. О.С. Ахмановой и Е.А. Уилсон. – М.: «Русский язык», 1990. – 486 с.
19. Бурак, І. Л. Пунктуацыйныя варыянты в сучасной беларускай мове / І. Л. Бурак // Беларуская лінгвістыка. — Мінск: Беларуская навука, 2011. — Выпуск 67. — С. 40—44.
20. Валгина, Н. С. Актуальные проблемы современной русской пунктуации / Н. С. Валгина. — Москва: Высшая школа, 2004. — 259 с. — ISBN 5-06-004937-X.

21. Водолазкин, Е. Г. Дом и остров, или Инструмент языка: эссе / Е. Г. Водолазкин. — Москва: АСТ ; Редакция Елены Шубиной, 2014. — 384 с. — ISBN 978-5-17089670- 7.
22. Восканян, Г.А. Русско-персидский словарь. – М.: «Русский язык», 1986. – 832 с.
23. Гималетдинова, Г. К. Семантика и прагматика английского дефиса / Г. К. Гималетдинова // Ученые записки Казанского университета. Гуманитарные науки. — 2010. — Т. 152. — № 6. — С. 188—189.
24. Голев, Н. Д. Роль пунктуации в понимании текста (о взаимодействии поверхностной и глубинной структур текста) / Н. Д. Голев, М. Ю. Басалаева // Вестник Кемеровского государственного университета. — 2010. — № 4. — С. 129—133.
25. Грот, Я. К. Русское правописание. Гл. 3. «Об употреблении знаков препинания и о других облегчающих правильное чтение знаках» / Я.К. Грот. – М., 1986. – С. 112-114.
26. Губина, Е. А. Трансформация пунктуационной системы в текстах неклассической парадигмы: диссертация … кандидата филологических наук: 10.02.19 / Е. А. Губина. — Ростов-на-Дону, 2017. — 214 с.
27. Дзякович, Е. В. Стилистический аспект современной пунктуации. Экспрессивные пунктуационные приемы: автореферат диссертации … кандидата филологических наук: 10.02.01 / Е. В. Дзякович. — Москва, 1994. — 20 с.
28. Ефремова, Т.Ф. Новый словарь русского языка. Толково-образовательный. – М.: «Русский язык», 2000. – в 2 т. – 1209 с.
29. Ёраҳмадова, Н. Аломатҳои китобат (барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитии ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик) [Матн] / Н. Ёраҳмадова., З.Қ., Ёқубова., Д.Х. Бахтибекова. –Душанбе, 2013. – 115 с.
30. Жеребило, Т.В. Словарь лингвистических терминов. Изд. 5-е, испр. и доп. – Назрань: ООО «Пилигрим», 2010. – 486 с.

31. Захарова, Е. О. Пунктуационные и пунктуационно-графические приемы рекламного текста / Е. О. Захарова // Вестник Томского государственного университета. — 2009. — № 324. — С. 25—28.
32. Звегинцев, В. А. Мысли о лингвистике / В. А. Звегинцев. — Москва: МГУ им. М. В. Ломоносова, 1996. — 333 с. — ISBN 5-211-03478-3.
33. Иванова, В. Ф.История и принципы русской пунктуации : учебное пособие / В. Ф. Иванова . – Ленинград : ЛГУ, 1962 . – 64 с.
34. Ильина, К. А. Соотношение между вербальными и графическими знаками в обыденном метаязыковом сознании: знаки конца предложения / К. А. Ильина // Вестник Томского государственного университета. — 2014. — № 380. — С. 12—17.
35. Исмоилов, О.Б. Парвиз Натил Хонлари и вопросы истории персидско-таджикского языка: дис. … канд. филол. наук / О.Б. Исмоилов. – Худжанд, 2019. – 158 с.
36. Ищук, Е. Н. Вербализация пунктуационных знаков в письменных и устных текстах: функциональный аспект / Е. Н. Ищук // Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. — 2014а. — № 2. — С. 130—138.
37. Ищук, Е. Н. Небуквенные графические знаки в Интернет-поэзии (на примере творчества Н. Скандиаки) / Е. Н. Ищук // Историческая и социально-образовательная мысль. — 2014б. — № 1. — С. 273—278.
38. Ищук, Е. Н. Пунктуационный сценарий текста как критерий идентификации идиостиля автора / Е. Н. Ищук // Филология и человек. — 2015. — № 1. — С. 117—123.
39. Камолиддинов, Б. Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул (баъзе масъалаҳои баҳсноки истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ). / Б. Камолиддинов, – Душанбе: Маориф, 2015. –60 с.
40. Камолиддинов, Б., Хоҷаев Д. Мушкилоти вергул. –Дастури таълим барои донишҷӯ.ни факултаҳои ғайрифилологии мактабҳои олии ҷумҳурӣ / Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2011. – 229 с. – С. 161-166.

41. Канашина, С. В. Стилистические особенности пунктуационных средств в англоязычных Интернет-мемах / С. В. Канашина // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Лингвистика. — 2021. Т.18.№ 3.С.22-27. DOI: 10.14529/ling210304.
42. Карамшоев, Д. Мухтасар дар бораи баъзе аломатҳои китобатӣ. «Тоҷикистони советӣ», 29/111. – 1957.
43. Каримов, А., Аминов, С. Тартиби гузаронидани машқ аз забони модарӣ дар синфҳои 4-8 / А. Каримов, С. Аминов //Дастури методӣ барои муаллимон ва тудентон. – Душанбе, 1979. – 78 с.
44. Карпухина, В. Н. «Новая система» знаков препинания в ситуациях texting / messaging: финальный пунктуационный знак высказывания как эмоциогенный фактор / В. Н. Карпухина // Человек: образ и сущность. — 2021. — № 2. — С. 9—19. — DOI: 10.31249/chel/2021.02.01.
45. Классовский, В.И. Краткая грамматика славяно-церковнаго языка. – Санкт-Петербург: Типография императорской Академии наук, 1857. – 134 с.
46. Кольцова, Л. М. Пунктуационный эксперимент в художественном тексте / Л. М. Кольцова. — Воронеж: ВГУ, 2006. — 194 с.
47. Копылова, С. А. Функционирование многоточия в русских литературных текстах XVIII—XX веков: автореферат диссертации … кандидата филологических наук: 10.02.01 / С. А. Копылова. — Москва, 2000. — 16 с.
48. Крылова, О. А. Норма и пунктуация / О. А. Крылова // Русская речь. — 2008. — № 6. — С. 49—51.
49. Куликова, И. С. Термин тире вне лингвистического дискурса / И. С. Куликова, Д. В. Салмина // Известия Российского государственного педагогического университета им. А. И. Герцена. –2017.№ 184.с.58-64.
50. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. – Душанбе: Хирадмандон, 2021. – 64 с.

51. Лелис, Е. И. Пунктуация художественного текста как компонент его лингвостилистической системы (на материале романа Г. Яхиной «Дети мои») / Е. И. Лелис // Ученые записки Петрозаводского государственного университета. — 2021. — Т. 43. — № 5. — С. 15—21. — DOI: 10.15393/uchz.art.2021.631.
52. Ломоносов, М.В. Российская грамматика. – М., 2011. – 216 с.
